
Аниса
Аниси
дилҳо

**Аниса**

# *Аниси дилҳо*

**Нашриёти «Ношир»**
**Хуҷанд – 2020**

ББК – 83.35 (5Т)
А – 75

**Китоб бо дастгирии молиявии Раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд Матлубахон Сатториён Амонзода чоп шудааст.**

**Аниса. АНИСИ ДИЛҲО.** –
Хуҷанд: Ношир, 2020. – 248 саҳ.

Муҳаррири масъул **Саидумрон Саидов**

Маҷмӯаи ашъори шоираи ҷавони соҳибистеъдод Аниса Манонова маҳсули завқи баланд ва илҳоми саршор аз эҳсоси баланди инсонӣ мебошад. Шоира бо сабку салиқаи хоси худ дар мавзӯҳои мухталиф шеър мегӯяд, ки дили хонандаро ба осонӣ тасхир месозад.

Китоб ҳадяи шоиста ба аҳли завқу адаб мебошад.

ISBN 978-99975-39-26-7

**© Аниса, 2020**
**© Бихон, 2020**

**Фарзона –**
*Шоири Халқии Тоҷикистон*

# ҶОНДОРУИ ҶОН

Анисаро ба як бор дӯст доштам. Шояд барои он ки вақти дафтари шеърашро боз кардан, чашмам ба навиштае афтод, ки ба модараш руҷӯъ мекунад: “Ту ҳама чиро ба ман омӯхтӣ, модарҷон, аммо бе ту зистанро ёд надодӣ.” Аз ин шоиронатар, аз ин ҷонсозтару ҷонсӯзтар, аз ин гармтару доғтар, аз ин поктару мубарротар, аз ин содатару беғубортар чӣ метавон гуфт. Ва дарёфтам, ки дар баробари як ҷаҳони тоза қарор дорам: ҷаҳоне пуропур аз утуфату зебоӣ, лаболаб аз сӯзҳои нотамому дардҳои ҳамешақиём, навонав аз садои сухани ишқ- аз танини ин зангӯлаи куҳане, ки дар андаруни ҳар дили дигар зарбу оҳангу навине мезанад, аз муждаи маъсуми як фариштаи кӯчак-Аниса. Вақте ӯ нидо мекунад, ки:

*Гуфтам шиканам нӯки қалам, хома бисӯзам,*
*Аз олами асрор нависам, нанависам.*
*Бемодариву бепадарӣ сахт гарон аст,*
*Аз сӯги аламбор нависам, нанависам?*

Ман ба ӯ посух медиҳам, ки бинавис, ҳатман бинавис, Анисаҷони азизи мо!

Бинавис, ки ба қавли ҳаким Низомӣ: "Сухан доруву ҷондоруи ҷон аст", бинавис, ки ба решҳои дили худу сӯгҳои дили дигарон бо рашҳаи қалам марҳам гузорӣ, бинавис, ки пешорӯи ту ҳаёти дигаре боз шавад бо саодатҳои афиф, бо ҳузури инсонҳои ҳабибе, ки бо пайки исавӣ меоянду дардҳоро аз дилу ҷони ту бармечинанд, бо ҷилваҳои нишотбахши фасли шабоб, бо муждаи муҳаббат, бо ҳама хубӣ, бо ҳама некӣ, бо Шеър - бо ин анису мӯнису дамсози ҷовидони ту!

Бинавис, ки Худованд туро қуввату қудрати дӯст доштан додааст: ту ҷаҳонрову инсонҳоро дӯст медорӣ, ту Ватанро дар пештоқи муҳаббат менишонӣ, чароғи ёди падару модарро ҷовидон меафрӯзӣ, бо ин ки дар ин тоҷавонӣ басе шикастҳо дидӣ, зиндагиро дуруд мегӯӣ, дилро бо мадори дӯст доштан тапиш мебахшӣ. Бинавис, ки иксири наҷоти ту ҳамин навиштан аст!

Гоҳе мебинам, ки қалам дар дасти навомӯзи Аниса мелағжад ва ӯ аз вазн берун меравад мисли дарёчаи шодоби баҳорӣ, ки соҳилҳоро ғасб кардааст. Гоҳо ӯ аз қолабу қавоиди шеър хориҷ мешавад, аммо муҳаббаташ лағжанда нест, андешаҳояш бемаҷрову камрабту сустмантиқ нестанд, пиндору ормонаш чун мусав-

вараи комили зебост, ки нуқсе натавон ёфт. Ӯ ҷое мегӯяд, ки:

*Баҳри навори хати филми ҳаёт*
*Нақши ҳунарпешаи қурбониям.*

Ман таманно меварзам, ки дар филми ҳаёт Анисаи мо нақши муаззамро офарад, нақши Инсонеро, ки бо паёми мунири субҳворааш ба сарнавишти худ ва ба рӯҳҳову ҷонҳои ҳамагон офтобро даъват мекунад, аз шикваҳову нолишҳову бечорагиҳо раҳо мешаваду дари саодатро тақ-тақ мезанад, дар аввали роҳ таваққуф намекунаду ба тадриҷ худро ба ҷодаҳои азими сухан мебарад: ба сӯи таҷрибаҳои тоза, ба самти худсозиву худофариниву худифшоиҳо, ба сарзамини ҷовидонаи ишқ!

# Тулӯи муҳаббат

Надидам беғаму ҳасрат чаро умри ҷавониро?
Надидам дар ҷавонӣ бе кудурат зиндагониро.

Бизистам бо умеду ёдҳои дур аз ҳастӣ,
Вафодораш надидам нисбати худ ёри ҷониро.

Бароям достони "Ширину Фарҳод"мехондӣ,
Вале анҷом бахшидам ба ин афсонахониро.

Ману шабҳои тору ин дили бечораи афгор,
Надонистӣ дареғо лутфу қадри меҳрубониро.

Худоё! Оҷизам, гарду ғуборам, оҳи пурдардам,
Чаро бар души ман бигзоштӣ охир гарониро?

Ҳамехоҳам гурезам аз ҷаҳони фитнаю бӯҳтон,
Вале дар дасти ғам додӣ, Худоё қалъабониро!

Гаҳе аз ҳар хатои дил, зи побандии ҳар мушкил,
Тасаввур мекунам бо худ азоби рӯзи litониро.

Агарчи аз ғаму ҳасрат сутуни қисматам шуд сахт
Чаро дар зиндагӣ додӣ ту бар ман нотавониро?

Аниса, ман дареғогӯ шудам дар даҳри бесомон,
Намеёбам миёни ин ҳама шӯру мағал рӯзи амониро?

* * *

Ман меравам аз кӯи ту эй войи ман, эй войи ту,
Не ман расидам бар мурод, не базми дилоройи ту.

Охир баҳорам шуд хазон, боди ғаму дардам вазон,
Имрӯз, марги дил расид, дигар куҷо маъвои ту.

Дил пора шуд, бечора шуд, дар ҷодаҳо овора шуд,
Ҷон додаам дар ишқи ту уфтода пеши пойи ту.

Як моҳ не, як сол не, як умр ман биншастаам,
Дар интизорию умед дил сӯи рафтуои ту

Ишқат кашида то куҷо? Роҳи ғалат роҳи хато,
Вақту замони умри ман шуд сарф дар савдойи ту.

Аз ту ба ман фарёд монд, дарду ғаме бунёд монд,
Бо он ки ҳастӣ душманам ӯ кист гирад ҷойи ту.

* * *

Худоё! Интизори ӯ ҳазорон сол мемонам,
Ҳақиру бепаноҳам бо чунин аҳвол мемонам.

Худоё! Ӯ намеояд, дили моро ба яғмо бурд,
Ба оташ зад вуҷудам, ҳосили моро ба яғмо бурд.

Ба ҷои дил ба сина метапад мурғи ғаму андӯҳ,
Умедам, донаи нокомили моро ба яғмо бурд.

Худоё! Ӯ куҷо рафт аз ду чашми роҳпойи ман,
Ба ҳамроҳаш дили ноқобили моро ба яғмо бурд.

Аҷаб як пайкари беҷон зи мо монда аз ин дурӣ,
Ки он душманнамо обу гили моро ба яғмо бурд.

Худоё! Бе ҳиҷоюю ҳарфи ӯ бисёр маҳзунам,
Ки зарра - зарра ишқи хушгили моро ба яғмо бурд.

Барояш ҳар дақиқа маҷлиси ғам мекунам барпо,
Чаро имшаб чароғи маҳфили моро ба яғмо бурд?

* * *

Чу оташ доду дар дил гулхане афрӯхту бигрехт,
Саропо ҷомаи моро ба ғамҳо дӯхту бигрехт.

Ҳазорон донаи умед коштам дар замини дил,
Ҳамин хирмансароро бе муҳобо сӯхту бигрехт.

Ба ӯ сидқу вафо андӯхтам, то бовафо бошад,
Ки баҳри дигаре дарси вафо омӯхту бигрехт.

* * *

Эй дил, қарорам ин набуд аз беқарориҳои ту,
Поёни корам ин набуд аз ишқ зориҳои ту.

Ҷон доди пеши пои ӯ, раҳме ба ҳоли ту накард,
Эй қалби дар ғам мурдаам афсӯси хориҳои ту.

Ошиқ шудӣ кардӣ хато, овардиям садҳо ҷафо,
Акнун, ки бо ишқ қаҳриям аз дӯстдориҳои ту.

Охир ҳавопаймои умр бо суръати тезе равад,
Дар кулбае биншастаам аз интизориҳои ту.

Ҳоло ба ҷои ин дилам як мушти хокистар намонд,
Моро алам орад кунун шабзиндадориҳои ту.

* * *

Ҳосили ишқи мову ту як вароқи тарона монд,
Дар дили пургунохи ман ёди ту чун баҳона монд.

Мисли ҷавонии дилам мавсими гул гузашту рафт,
Дар ғазалам хазону дай омаду ҷовидона монд.

Ҳарфу ҳиҷои ман ғалат, матни дуои ман ғалат,
Дар раҳи зиндагониям дард маро дугона монд.

Оҳ, ки бенавост дил, дар хатару балост дил,
Боиси марги мост дил, ишқ маро нишона монд.

* * *

Касе ки офият дорад, балоҳоро намедонад,
Дили мо мурд аз ғам роҳи фардоро намедонад.

Ҳама аз рӯи Юсуфу ҷамолаш сӯҳбат ороянд,
Дили беишқи мо сӯзи Зулайхоро намедонад.

Дили ту зери ошӯби ҷаҳони дарду армонҳо,
Ба кӯйи мо намеояд, муросоро намедонад.

* * *

Чун қуи сафед барф омад зи само,
Парҳои сапед рехт рӯи сари мо.

Як тӯдаи зоғ базми сармо доранд,
Хуршедаки ман барову рӯят бинамо.

Ин шом қазоии намози ишқаш,
Хондам сари хонақаҳ ба ойини Шумо.

* * *

Оҳ, зи тақдири бадам бин, ки чӣ моҷаро расид?
Дарду алам барои ман, баҳри ту сад даво расид.

Хаста зи зиндагониям, аз ҳама кас ниҳониям,
Оҳ, бирафт ҷавониям қиссаи пириҳо расид.

Ашки қатори ҳар дамам, сӯзу гудози мотамам,
Сар то ба пои худ ғамам ин ҳама аз куҷо расид?

Хору хазону хастаам, чу шишае шикастаам,
Ба ғамсаро нишастаам офату сад бало расид.

* * *

Эй сабзтарин тарона модар,
Эй субҳи сафои хона модар.

Дар олами хубию накӯӣ,
Яктою яку ягона модар.

Ҳамрозу ҳабибу меҳрубонӣ,
Эй дӯст дар ин замона модар.

Сарчашмаи оби зиндагонӣ,
Хушбахтии ҷовидона модар.

Рӯйи туву кӯйи ту муборак,
Сарсабзии бекарона модар!

*03.03.2017*

## ИШҚ

Ӯро ба ману маро ба ӯ кор набуд,
Гар чашму дилу ишқ сабабгор набуд.

Бе ғуссаву ғам зи ҳам ҷудо мегаштем,
Он рӯз агар ду дил ба гуфтор набуд.

Роҳи ту дигар гашту раҳам сӯи хато,
Эй кош, ки хасми ишқ бисёр набуд.

Ёди ту бигирад зи гиребони дилам,
Моро ба ҷаҳон ҷуз ғамат асрор набуд.

Дар баҳри ҷудои ғарку гумном будам,
Гар кунҷи дилам хонаи он ёр набуд.

*12.03.2017_12:15*

## ХИТОБ БА ДИЛ

Гӯш ба садои дар мадеҳ, ёр дигар фирорияст,
Боқии умрат эй дилам! Дар ғами интизорияст.

Омаду ғуссаҳо бимурд, рафту қарори мо рабуд,
Аз паси рафтаҳо бубин ашк зи дида ҷорияст.

Маънии зиндагии ман ишқ буду вафою меҳр,
Маънии марги ин дилам бе туву сӯгворияст...

Оҳ, ҷавонӣ ҳам бирафт, дарду ғамаш намеравад,
Фасли хазон чу мерасад, олами нобарорияст.

Мазраи ишқ хушки хушк, дил ба дуо нишастааст,
Абри нишот даргузашт мавсими ғуссакорияст.

*12.03.2017_15:25*

## ЧӢ ГУНА РАФТ

Ёре, ки аҳд баста буд, аз мо чӣ гуна рафт?
Дарҳои ғам шикаста буд, аз мо чӣ гуна рафт?

Савганди ишқу ошиқӣ мехӯрд ҳар даме,
Пои вафо нишаста буд, аз мо чӣ гуна рафт?

Мегуфт ту ягонаӣ андар ҷахони ишқ,
Аз ҷумлаҳо гусаста буд, аз мо чӣ гуна рафт?

Ӯро сухан ба ҷуз вафо андар забон набуд,
Аз бевафоӣ хаста буд, аз мо чӣ гуна рафт?

*12.03.2017_18:35*

## АНДЕШАЕ

Саду як ғазал, ки гуфтам саду як таронаи ғам,
Чи баланд навҳа кардам ба ҳавои хонаи ғам.

Чу писанди ӯ наомад, ки ҳама ғубори дард аст,
Ту чи донӣ умр бошад, асари баҳонаи ғам.

Ҳама шеър буд суолам, ки ҷавоби ишқ гӯйӣ,
Ту хулоса кардӣ, гуфтӣ: ҳама ин фасонаи ғам.

Дили ман фигору хаста қафаси ҳавас шикаста,
Чӣ кунам, ки гашт муқимӣ ҳама умр ба лонаи ғам?

## ИШҚИ МАҶОЗӢ...

То набуд ба дил ишқе доманам намозӣ буд,
Қалби содапиндорам аз замона розӣ буд.

Ҳарчи сарнавишт овард шукри буданаш гуфтам,
Ханда бар лабам боқӣ рӯ ба бениёзӣ буд.

Дар сари ғаму ҳиҷрон фикри куштанам уфтод,
Сӯйи ҷони бечора майли дастдарозӣ буд.

Як ҳақиқати талх аст, дӯст дорамаш аз ҷон,
Ҳарфу ҷумлаҳои ӯ ханда буду бозӣ буд.

Интизори ӯ мондам гӯиё, ки садҳо сол,
Қалби ӯ маро кай дид роҳи ӯ дарозе буд.

Эй дили ҳақиру зор, дона-дона ғам бишмор,
Орзу дурӯғу пуч ишқи ту маҷозӣ буд.

* * *

Ҳама рафтанд дабистону вале дил нагузашт,
Пеши устоди азал қиссаи мушкил нагузашт.

Дили раҳгумзадаву хаставу бечораву зор,
Лаби дарёи ҳавас рафту ба соҳил нагузашт.

Аҷабо! Донаи ғам кишту ба он саҷда намуд,
Ҳама бигзашт зи сар гуфтаи ботил нагузашт.

## ХАНДАИ ДАРД

Аз ишқи ту мемирам, мебиниву механдӣ,
Ошуфтаву дилгирам, мебиниву механдӣ.

Ҳамсони ту буд бераҳм ин қисмати пешонӣ,
Дар панҷаи тақдирам, мебиниву механдӣ.

Гуфтам зи ту бигрезам, то сарҳади марги дил,
Лек пой ба занҷирам, мебиниву механдӣ.

Ин хонаи дил чун даҳр н-орому пур аз ҷанг аст,
Дар оташи даргирам, мебиниву механдӣ.

Як умр насибам гашт ин зиндагии сода,
Оҳ, нест чу тадбирам, мебиниву механдӣ.

Ҳар як нафасат шодист, зиндони ту озодист,
Аз ғусса гулӯгирам, мебиниву механдӣ.

* * *

Ёр ҷафо мекунад, тарки ҷафояш куҷо?
Кори хато мекунад, дарки хатояш куҷо?

Дар раҳи ишқаш аҷаб, мекушадам бесабаб,
Шӯр ба по мекунад, шарму ҳаёяш куҷо?

Зору низору ҳақир, занги варо мунтазир,
Умр адо мешавад, акси садояш куҷо?

Вой аз ин рӯзи бад, аз алами беадад,
Дил, ки қазо мекунад, раҳми Худояш куҷо?

## КОРИ ҶАҲОН

Эй дӯст дар ин ҷаҳон фақат ғусса шукуфт,
Дил нола намуду бо алам шиква бигуфт.

Фарёди маро, ки дарди ишқ аст, нигар,
Кай раҳми фалак омаду гӯши ту шунуфт?

Чашми дили ман дар раҳи ту хаставу зор,
Умре нигарон нишасту бо ғусса бихуфт.

Эй дил ту савоб ҷустӣ як умр зи даҳр,
Ғам ҳадя расиду бас ситамҳои ту муфт.

Дар кунҷи дилам ду дасти зулми ғами ту,
Нақши аламу азои бисёр бисуфт.

## ЧАШМИ ДИЛ

Мурғи ҳавас ҷо гаштаӣ акнун ба зиндони дилам,
Оташ бизан эй зиндагӣ, дар кунҷи армони дилам!

Фарёд кардам бешумор, аз ман марав ҳарфе бигӯ,
Хомӯшии ту гаштааст гаҳворачунбони дилам.

Ҷонам фидои номи ту, ҳам ваъдаҳои хоми ту,
Кай донӣ бо хотири ҷамъ ҳоли парешони дилам.

Эй войи ишқи бе ҷавоб, рӯзи сиёҳи дар азоб,
Умре ба роҳат мунтазир, ин чашми гирёни дилам.

Гарчи накардиям вафо, овардиям садҳо ҷафо,
Бо ғусса ёдат мекунам, эй номусалмони дилам.

* * *

Афсона зиёд гуфтаму афсонашунав не,
Армон ба ҷаҳон киштаму мавсими дарав не.

Дар кӯчаи дил бо сару по хуб давидам,
Такрори куҳан дидаму як ҷодаи нав не.

Дар пеши раҳам кори раво, роҳи хато буд,
Бар масҷиди ишқи абадӣ пойи бирав не.

Гар ҷурми падар хӯрдани гандуми биҳишт аст,
Ин кӯҳи гуноҳам ба назар донаи ҷав не.

Эй вой пушаймонии дил дуру дароз аст,
Аз ишқи ту як бахти накӯе ба гарав не.

*18.08.2017_19:18*

* * *

Лабам хомӯш монд чун дил сухан аз ишқи ту сар кард,
Ба бӯҳтону ба армону ба исёни ту бовар кард.

Аҷаб як мактаби бад буд дарси ишқу шайдоӣ,
Тамоми саргузашти ҷанги ишқу ақл аз бар кард.

Ту медонӣ дилам таркид аз таъсири беаҳдӣ,
Ду чашмонат маро девонаи имрӯзу маҳшар кард.[1]

---

[1] Ин шеърро бо хоҳиши дӯсте навиштам

## ТАҚДИР

Оҳ, зи тақдири бадам бин, ки чӣ моҷаро расид?
Дарду алам барои ман, баҳри ту сад даво расид.

Хаста зи зиндагониям, аз ҳама кас ниҳониям.
Оҳ, бирафт ҷавониям қиссаи пириҳо расид,

Ашки қатори ҳар дамам, сӯзу гудози мотамам.
Сар то ба пои худ ғамам ин ҳама аз куҷо расид?

Хору хазону хастаам, чу шишаяке шикастаам,
Ба ғамсаро нишастаам офату сад бало расид.

## ШИКОЯТ

Ба худ фармудаму гуфтам, ки дигар шеър нанвисам,
Лаби дарё равам ёди туро дар об андозам.

Зи фанни зиндагӣ дарду балоҳо буд тадрисам,
Дар ин пайроҳаи тақдир надомат шуд анбозам.

Чӣ гуфтам? Ҳарчи гуфтам, дарду андӯҳ буду исёне,
Шикоят аз ту буд, аз ишқу аз ин қалби нодоне.

## РАФТУ НАМЕОЯД ДИГАР

Бар дил шарори ишқбор, дигар намеояд, чӣ суд?
Умрам хазонасту баҳор, дигар намеояд, чӣ суд?

Ҷонам ҳамеша дар азоб, ашкам бирезад беҳисоб,
Осудагию ҳам қарор, дигар намеояд, чӣ суд?

Моро, ки толеъ ёр нест, як омаде дар кор нест,
Он лаҳзаҳои бобарор дигар намеояд чӣ суд?

Дарде, ки дорам бедаво, оҳ, гиряҳоям бесадо,
Раҳме ба қалби он нигор, дигар намеояд, чӣ суд?

Дар бозии тақдири шум, ному нишонам карда гум,
Як омаде дар рӯзгор, дигар намеояд, чӣ суд?

Ҳар гаҳ ки бар худ бингарам, бишкаста аст болу парам,
Бар ҷони ман як иқтидор, дигар намеояд, чӣ суд?

## БЕРАНГӢ

Ҷаҳон тира, ҳаво абрӣ, тамоми зиндагӣ беранг,
Ба сӯйят илтиҷо дорам, вале қалбат ба сони санг.

Дилам пайваста месӯзад ба ҳоли зори хеш, аммо,
Кунам бо қисмати пасту нагунам ҳар замоне ҷанг.

Ману садҳо маломатҳо, туву бахту саодатҳо,
Манам дорои кулфатҳо,туи соҳиби сад авранг.

Дар ин оинаи ҳастӣ чу бинам рӯи худ, эй вой,
Ба пешонӣ ҳазорон хатти навмедиву сад ожанг.

Кунун пушти дару девори шодиҳо парешонам,
Худоё! Кай ба охир мерасад ғамҳои ин оҳанг?

## ЁД МЕКУНАМ...

Дилвожа бастанамро, бо ту нишастанамро,
Умре гиристанамро, ман ёд мекунам, ёд.

Он ишқи беҷавобам, армони чун саробам,
Аз дил гусастанамро, ман ёд мекунам, ёд.

Дар кӯчаи ғамонам бо қисмати ҷавонам,
Уфтода хестанамро ман ёд мекунам, ёд.

Андар вафои ишқат, саҳву хатои ишқат
Аз хеш растанамро, ман ёд мекунам, ёд.

Ман хоки роҳ будам, маҷмӯи оҳ будам,
Балки шикастанамро, ман ёд мекунам, ёд.

* * *

Ишқи ту ба мо шодӣ ато кард? Накард,
Ёре, ки дилам хост вафо кард? Накард.

Ин чарх ба хоҳиши касон гашт зиёд,
Як ҳоҷати кори мо раво кард? Накард.

Бас лашкари ғам ба ҷони мо дошт ҳуҷум,
Ин бахт ҳимояте зи мо кард? Накард.

Дашному бало, дошт як умре бар лаб
Дар ҳаққи дили мурда дуо кард? Накард.

Дар оташи ғуссаву ғамаш сӯхтаем,
Меҳри дили мо ба сина ҷо кард? Накард.

Бар шаҳраки хуршедии ту бо сару по,
Рафтам, ки шаби маро сафо кард? Накард.

*20.09.2017*

## ХОМАВУ ШЕЪР

Оне, ки ба дил дер расид, зуд бирафт,
Оташ ба миён ниҳоду чун дуд бирафт.

Бо меҳри камаш агарчи шукре гуфтем,
Сад дарду ситам ба сина афзуд, бирафт.

Чун нори Халил равони мо сӯхт аҷаб,
Афсонасифат ба сони Намрӯд бирафт.

Аз баҳри муҳаббаташ зи худ бигзаштем,
Раҳме ба дили шикаста нанмуд, бирафт.

Аз ишқ ба мо расид гар хомаву шеър,
Бо дасти тиҳиву зулм, бе суд бирафт.

*09.10.2017*

* * *

Дидам, ки ту рафтию ҷаҳонам ҳама беранг,
Дил бурди ба ҷойи дили ман монд яке санг.

Аз туву зи ишқи ту чи дидам суолест,
Рашку ситаму зулми зиёд арбадаву ҷанг.

Бар ҳарфу ҳиҷои ту, ки саршори вафо буд,
Чун гашт ҳувайдо чӣ дурӯғест, чӣ найранг!

* * *

Ба қадри худ, ба қадри дил расидам, дер шуд, аммо,
Ба қадри ҷодаву манзил расидам, дер шуд, аммо.

Ба гирдоби бало печида дар баҳри хиёнатҳо,
Шиновар гашта бар соҳил расидам, дер шуд, аммо.

Аҷаб дилро замон мекушт бе теғи аҷал рӯзе,
Ба қасди душману қотил расидам, дер шуд, аммо.

Баҳор ишқи хазонии маро рад карду рӯ гардонд,
Ба қадри фасли беҳосил расидам, дер шуд, аммо.

Дилам пур аз саволе буд, аз зистан малоле буд,
Ба фаҳми ишқи нокомил расидам, дер шуд, аммо.

Куҷо он нозбардорам, ки бе ӯ хору афгорам,
Ба қадри модари хушгил расидам, дер шуд, аммо.

* * *

Эй ишқ, паёми ҳар касӣ донистам,
Пур аз ғаму пур аз ҳавасӣ донистам.

Дар саҳнаи зиндагии пуроташу дуд,
Эй қалбаки ман ту бекасӣ донистам.

Дар саҳни набарди ин ҷаҳони гузарон,
Эй душмани ман, ту нокасӣ донистам.

* * *

Ҷаҳони ман ба ғайри дуди оташхона чизе нест,
Тамоми умри ширинам ба ҷуз афсона чизе нест.

Давиданҳо ба роҳи ишқу дидан ҷабри дунёро,
Ба пеши зиндагонӣ ин ҳама паймона чизе нест.

Ҳама бо ақлсозиҳо пайи ному насаб бошанд,
Дар ин даврони пурошӯб, дили девона чизе нест.

* * *

Ҳосили ишқи мову ту як вараќи тарона монд,
Дар дили пургуноҳи ман, ёди ту чун баҳона монд.

Мисли ҷавонии дилам мавсими гул гузашту рафт,
Дар ғазалам хазону дай омаду ҷовидона монд.

Ҳарфу ҳиҷои ман ғалат, матни дуои ман ғалат,
Дар раҳи зиндагониям дард маро дугона монд.

Оҳ, ки бенавост дил, дар хатару балост дил,
Боиси марги мост дил, ишқ маро нишона монд.

* * *

Эй кош, дар ин дунё ман зинда намемондам,
Бо номи сияҳрӯзе поянда намемондам.

Дар кӯи талаб дидам эҳсони ту нопайдо,
Эй кош ба пеши кас дар ханда намемондам.

Ҳар ҷо ки аламдор аст, ҳамдард варо дидам,
Дар кулбаи армонҳо як банда намемондам.

Тақдирнавис лутфе мекард агар бар ман,
Дар пеши ҳама олам шарманда намемондам.

Душман ба забони бад пеши ҳама номам бурд,
Дар сарвараҷи ҳастӣ як ганда намемондам.

Аз сарвати ишқ умре нодору фақиру зор,
Аз неъмати дарду ғам, доранда намемондам.

Бадбахти ба мо ҳадя, нокомӣ ба мо мерос,
Дар таънаву ғурбатҳо афканда намемондам.

Мекард агар раҳме ин тақдири пешонӣ,
Имрӯз ба хуни дил оканда намемондам.

## ҚАРОРАМ ИН НАБУД

Эй дил, қарорам ин набуд аз беқарориҳои ту,
Поёни корам ин набуд аз ишқ зориҳои ту.

Ҷон доди пеши пои ӯ раҳме ба ҳоли ту накард,
Эй қалби дар ғам мурдаам афсӯси хориҳои ту.

Ошиқ шудӣ карди хато, овардиям садҳо ҷафо,
Акнун, ки бо ишқ қаҳриям, аз дӯстдориҳои ту.

Охир ҳавопаймои умр бо суръати тезе равад,
Дар кулбае биншастаам аз интизориҳои ту.

Ҳоло ба ҷои ин дилам як мушти хокистар намонд,
Моро алам орад кунун шабзиндадориҳои ту.

* * *

Оҳиста ба гӯши дил ишқ гуфт ба ҳайронӣ,
Орандаи ғамҳоям медонӣ, намедонӣ?

Дил гуфт: макони ман ҷойи туву ғамҳоят,
Ҳарчанд бисӯзонӣ, ҳар лаҳза бигирёнӣ.

То ёр вафо орад, борони хато борад,
Суде накунад бар мо эҳсоси пушаймонӣ.

Ишқ гуфт: дили танҳо, мағлуби ману дунё,
Ҳам куштаи ёри хеш, бечораю қурбонӣ.

Дил гуфт: ҷафоят хуш, маҷмӯи балоят хуш,
Бо ин ҳама бори ғам ту ҳадяи Яздонӣ.

## АНДЕШАЕ

Дар ин дунё на адлу шоҳ монда,
Фақат як қиссаи даргоҳ монда.

Тамоми оқилони ишқ рафтанд,
Ба паҳлӯям ду-се гумроҳ монда.

Дилам аз ишқи ёре мурда, эй вой!
Ба ҷои дил ба сина оҳ монда.

Мани бе дил ба танҳоӣ нишаста,
Ҳама корам миёни роҳ монда.

Сари дуроҳа сарсону парешон,
Зи умрам субҳ не бегоҳ монда.

Фано шуд умри дил дар ҷодаи ишқ,
Аз он хушбахтиҳо даймоҳ монда.

## ТАРҶУМАИ ҲОЛ

Тарҷумаи ҳоли зиндагиям ғами ту,
Дар ёди дилам монд фақат мотами ту.

Эй ишқ маро ғубори раҳ кардӣ дареғ,
Бино зи фиребу фанд ин олами ту.

Ин шаҳр ба ман ҷуз нигаронии зиёд,
Як шодии дил надод зи бешу ками ту.

Ман хаставу пайваста равам хору залил,
Бар кӯчаи навмедии печу хами ту.

Хуршеди дилам ғуруб кард дар дами субҳ,
Эй ғунчаи ғам хушк нашуд шабнами ту.

Бечора дили шикаставу пораи ман,
Ҷуз ғусса нашуд каси дигар ҳамдами ту.

*19.01.2018_23:00*

* * *

Ман хона-хона дардро дар сина пинҳон мекунам,
Лабхандаи хуршедро ҳар лаҳза гирён мекунам.

Гар ишқ буд ҷурму ҷазо, оварда тақдири Худо,
Ҷамъи гуноҳи хешро акнун парешон мекунам.

Бар қасди дарди ҷонгудоз, бар қасди ҳиҷрони дароз,
Мурғи нишоту бахтро якумра зиндон мекунам.

Дар кӯчаи ғамҳои шаҳр, гаштем дур аз якдигар,
Эй дил, туро аз ишқ ман дигар пушаймон мекунам!

Ғам гаштааст ҳамхонаам, аз шодиҳо бегонаам,
Бар ранҷҳое, ки марост, беҳуда дармон мекунам.

Чун дар китоби зиндагӣ як ҳарфи хушбахтӣ набуд,
Дар дафтари эҷоди дил ошӯбу исён мекунам.

*22.01.2018_17:00*

## СУБҲИ ШУКРОНА...

Як субҳи дигар омад, мову ману ғамҳо хуш,
Дар сина шарар омад, маҷмӯи ситамҳо хуш.

Шукронаи номи ту, эй соҳиби субҳи пок!
Дар бистари танҳоӣ бо дарду аламҳо хуш.

Дар кӯчаи шаҳри дил, мегардаму мегуям,
Бархез, ки омад субҳ, ин нақши қадамҳо хуш!

Бархе ки шаби ҳиҷрон, аз ғусса шуда нолон,
Безори ҳама паймон, дар ишқ қасамҳо хуш.

Бечораи дилхаста дишаб пайи рӯзӣ буд,
Ин субҳ умеде ҳаст эҳсону карамҳо хуш.

*23.01.2018_05:30*

* * *

Гуфтанд: Гунаҳ накардӣ? Кардам!
Ин умр табаҳ накардӣ? Кардам!

Ошиқ шудиву фасона гуфтӣ,
Худро хаси раҳ накардӣ? Кардам!

Дунё, ки ғами туро нафаҳмид,
Пас қисса ба маҳ накардӣ? Кардам!

Гуфтанд, ки қисмати нагунро,
Дар ғусса панаҳ накардӣ? Кардам!

Як хандаи бахти ҷовидонро
Зиндонии чаҳ накардӣ? Кардам!

Сад шиква ба пеши Зоти якто,
Аз рӯзи сияҳ накардӣ? Кардам!

Бар ойинаи дуруғини рӯз,
Беҳуда нигаҳ накардӣ? Кардам!

*04.02.2018*

* * *

Эй дил, садои ишқи ту бошад зи оҳанги дурӯғ,
Ин шишаро охир мазан беҳуда бар санги дурӯғ.

Дар шӯразори орзу борони ҳасрат мечакид,
Тирукамони зиндагӣ дорад ҳама ранги дурӯғ.

Дунё ҳама фанду фиреб, афсонаву афсоназеб,
Ашки гадои раҳ бубин, бигзар зи авранги дурӯғ.

Бархе амалсозӣ кунанд, бархе маҳалбозӣ кунанд,
Як зумра лофе мезананд, таърифи фарҳанги дурӯғ.

Сулҳу ҳақиқат дар куҷо? Сад мушкилу сад моҷаро,
Дил хаставу сар дар бало аз баҳсу аз ҷанги дурӯғ.

Аҳли ҷаҳон чун мезананд бар синаҳо мушти риё,
Безорам аз кибру хато, аз ору аз нанги дурӯғ.

* * *

Барои достони ғам китобҳо басанда нест,
Барои дарди ишқи ман азобҳо басанда нест.

Барои ёд карданат маро ҳамин нафас бас аст,
Зи ёд дур бурданат хитобҳо басанда нест.

Маро чу умри ҷовидон нигоҳи ту кифоя буд,
Ба орзу расиданам шитобҳҳо басанда нест.

* * *

Укёнуси дил хушк шуду об надорад,
Шабҳои дилам тираву маҳтоб надорад.

Ин шаҳр, ки пӯшида ба тан хилъати зебо,
Соҳибдилу шоиставу аҳбоб надорад.

Чашмони дилам дӯхта бар соати тақдир,
Як лаҳзаву як сонияе хоб надорад.

Дар таърихи бемории ишқам бинавиштанд:
“Дарде, ки дили ҷумлаи асҳоб надорад”.

Оҳангу суруди шаби боронии дилро,
Не пардаи ушшоқу на мизроб надорад.

Ман қиссаи ту бар пари парвона намудам,
Бишнидани ғамҳои маро тоб надорад.

Ин зиндагӣ тӯфон шуду ман ғарқа ба дарё,
Афсӯс, дил уммед зи гирдоб надорад.

*09.03.2018*

* * *

Дар ишқ ҳазор фасона гуфтам, ки нашуд,
Ғамҳои ту хона-хона гуфтам, ки нашуд.

Чашмони дилам дӯхта ба рӯят, ки марав,
Сад шеъраки омиёна гуфтам, ки нашуд.

Мағлуби муҳаббати забонии туям,
Ман ғолиби ин замона гуфтам, ки нашуд.

Дар маҳфили ишқу аз ҳазор минбари ғам,
Бас шарҳи хамин тарона гуфтам, ки нашуд.

Ёди ту ба хайр, ки ҳеҷ ёдам накунӣ,
Аз меҳри ту дона-дона гуфтам, ки нашуд.

*10.03.2018*

* * *

Худоё! Дарди ҳиҷрони маро танҳо ту медонӣ,
Азобу сӯзи пинҳони маро танҳо ту медонӣ.

Ғарибам, бекасам, дар интизори ёри бераҳме,
Ду чашми чору ҳайрони маро танҳо ту медонӣ.

Самои ин дилам бе буданаш бигрифту ғам дорад,
Дигар ин абру борони маро танҳо ту медонӣ.

Замоне ин дили бечора ҳарфи оштӣ мегуфт,
Кунун фикри парешони маро танҳо ту медонӣ.

Даруни шаҳри навмедӣ, куҷо ман орзу кардам?
Худоё! Нимаармони маро танҳо ту медонӣ.

Тамоми чор фасли зиндагӣ бӯи хазон дорад,
Баҳорону зимистони маро танҳо ту медонӣ.

Нишоту шодиҳо кам гашту ғамхо бар дилам зам гашт.
Аламҳои фаровони маро танҳо ту медонӣ.

Гунаҳгору сабабгори шикастамро намедонам,
Ту огоҳӣ зи ҳолам сирри ҷонамро ту медонӣ.

* * *

Ба ту ғам кашид лашкар, дили ман, Худо мададгор,
Бишикаст санги бовар, дили ман, Худо мададгор.

Агар аз дӯкони ёре гули душманӣ хaридӣ,
Ба мазори ишқи мо бар, дили ман, Худо мададгор.

Ва замона аз ту созад яке қолабе зи оҳан,
Зи мани шикаста магзар, дили ман, Худо мададгор.

Ба ту дар набарди ҳастӣ бидиҳанд ғампарастӣ,
Ту магӯ, ки айби довар, дили ман, Худо мададгор.

Ба самои ишқ дӯзӣ ҳама шаб нигоҳи умед,
Ту набинӣ некахтар, дили ман Худо мададгор.

Агарам касе нафаҳмид ману сарнавишти ғамро,
Ту бигӯ фасона аз сар, дили ман, Худо мададгор.

* * *

Имрӯз шояд охирин рӯзи ғами ман аст,
Ё шоядам тулӯъ зи як мотами ман аст.

Эй дил, эй хазонаи сад бовару умед!
Бар боду оҳ, рафтанат бахти ками ман аст.

Эй бехабар ту сокини якумраи дилӣ!
Ин кунҷи хонаҳои ғам, худ олами ман аст.

Ҳар субҳ, к-офтоб ба гул мекунад назар,
Ашки гулу гиёҳ зи чашми нами ман аст.

Дар дасти ту шароби айш, хушҳолу хуррамӣ,
Оби ғаме, ки мехурам, Ҷоми Ҷами ман аст.

*06.04.2018*

* * *

Як шеъри сода гуфтам аз ишқи содаи худ,
Тавсиф карда гӯӣ бахти пиёдаи худ.

Ҷустам таносуби дил, авзону сад қавофӣ,
Бас ҷамъу тарҳ кардам ашки фитодаи худ.

Дар рӯйи қоғази дил, гуфтам ҳазор мушкил,
Ҳар санъате, ки дорам андар иродаи худ.

Назди мунаққиди дил бурдам, ки то бихонад,
Гуфто, аҷаб навиштӣ дарди зиёдаи худ.

Дар сафҳаи ҷавонӣ, бо ишқи безабонӣ,
Дил гуму бенишон аст, дар роҳу ҷодаи худ.

Дил масти масти ишқ аст, ҳам ғампарасти ишқ аст,
Нӯшад зи оби ҳасрат аз ҷом бодаи худ.

* * *

Омадам, дидам, ки шаҳри ёр дигар гаштааст,
Кӯчаҳои ишқи ноҳамвор дигар гаштааст.
Гоҳ қадам мемондам чун як ғариби шаҳри худ,
Марзҳои сарҳаду девор дигар гаштааст.
Ҳам расона ҳам замона гарчи тағйирхӯрдаанд,
Дӯстиву равзаи дидор дигар гаштааст.
Покбозон ҳам либосе аз риё пӯшидаанд,
Дона-дона субҳаву дастор дигар гаштааст.
Ҳар касе, ки метавонад мефурӯшад фанди худ,
Шеваи савдои ин бозор дигар гаштааст.
Қиссаи Мансури Халлоҷ асрҳо боз по ба ҷост,
Қуфли зулмистону чӯби дор дигар гаштааст.
Байту вазну мисраву тарзи ғазалгӯи ҳамон,
Бар хаёлам маънии такрор дигар гаштааст.
Эй Аниса, саргузашти ғам надорад интиҳо,
Дар дилам эҳсоси нодаркор дигар гаштааст.

* * *

Модарам, оҳ ҷигарам, болу парам бе ту шикаст,
Сӯхт кошонаи дил, бому дарам бе ту шикаст.

Қуввати ҷон будӣ, такягаҳу ҳомии дил,
Дар набарди ду ҷаҳоне сипарам бе ту шикаст.

Дигар умеди шукуфтан ба лаби гӯр расид,
Чи кунам шӯълаи шеди саҳарам бе ту шикаст.

Модарам, хок ба сар, бе ту дилам сахт хароб,
Чи гарон аст ятимӣ, камарам бе ту шикаст.

Бо ту аз хишти дуо сохт дилам қасри умед,
Ҳама девори ҷаҳон дар назарам бе ту шикаст.

Ман будам донаи ту, духтари якдонаи ту,
Боварам гум шуду рӯҳи падарам бе ту шикаст.

* * *

Худоё! Меҳрубонӣ кун, ки ҷонам бар лабам омад,
Қалам бишкасту лавҳе сӯхт, фанои мактабам омад.

Худоё! Меҳрубонам шав, умеди охиринам мурд,
Зиёи рӯзҳоям рафту зулмоти шабам омад.

Худоё! Дардҳоямро ба дасти дард биспурдам,
Табиби ман ту берун рав, ки борони табам омад.

Дар ин дунё мурoду мақсади ин дил намеояд,
Ба сӯйи ту Худои ман дуою матлабам омад?

Гадои кардаам умре зи ту ишқе барои дил,
Ба даргоҳи ту, эй Шоҳам, ҳавои мансабам омад.

* * *

Модарам, хонаи ту ҷойи амонии ман аст,
Дару девору катат ғуссафишонии ман аст.

Модарам, чеҳраи маъсуми туро ёд кунам,
Ки дар ожанги рухат акси ҷавонии ман аст.

Месурудам ғазале баҳри дилат модари ҷон,
Дигар оҳанги дилат марсияхонии ман аст.

Ту сафар кардиву танҳоӣ маро хоҳад кушт,
Ҷойи холии ту андӯҳи ҷаҳонии ман аст.

Баъди ту қаҳр намуд хандаву шодӣ бо ман,
Саду як мушкилу ғам хоҳари ҷонии ман аст.

* * *

Ба чаман расида дидам зи замона шиква мекард,
Чу ҳақиқате намонда зи фасона шиква мекард.

Бари бахт менишастам, ки чи гуна ханда дорад,
Ба табассуми дурӯғаш зи миёна шиква мекард.

Ба шаҳи нишот гуфтам, ки ҳама сифот хастӣ,
Ба ғам ошти намуда ба баҳона шиква мекард.

Чу расид муҳаббату ишқ ба макони ин дили сард,
Зи ҷафои ёри ҷонӣ чу ғариб шиква мекард.

Ва диле, ки мустаманд аст, ба ғами ҷудоӣ банд аст,
Зи ҷаҳони дарди ҳастӣ бекарона шиква мекард.

Раҳи андалеб ҷустам, ки бихон суруди ғамро,
Чӣ хамӯшу ашкрезон зи тарона шиква мекард!

* * *

Гуфтам: Нишот, бо манӣ? Гуфто: Зи ғам бигӯ.
Гуфтам, ки бахт, ёварӣ? Гуфт: Аз алам бигӯ.

Гуфтам, ки адл дар куҷост, ҷову манзилат?
Гуфто, ки ман фирориям, пас аз ситам бигӯ.

Эй дил, чи гуна метапӣ, аз ғуссаи зиёд?
Гуфто, ки лол мондаам, чашмони нам, бигӯ.

Эй зиндагӣ! Чӣ сӯратӣ? Як дафтари ниёз.
Умре қалам садо кунад, аз дасти кам бигӯ.

Эй ишқ, хуш н-омадӣ, бар хонаи дилам,
Меҳмони ман, зи ҷодаи лутфу карам бигӯ.

Дардат суруди миллии шаҳри муҳаббат аст,
Фармони дил чунин, ки ту он дам ба дам бигӯ.

Ӯ рафту дил ба гӯши ман таъкид карду гуфт:
“Шукри набудани варо дар ҳар кадам бигӯ”!

## БОЯД РАВАМ...

Биё равам, ки дер шуд ба ваъдагоҳи зиндагӣ,
Дилам гирифта нав ба нав садои оҳи зиндагӣ.

Дигар, ки кори таъҷил аст туро зи ёд бурданам,
Савоби ман видоъ бигӯ, биё гуноҳи зиндагӣ.

Қаторае зи орзу шикасту пора-пора шуд,
Пиёда меравам кунун ба рӯи роҳи зиндагӣ.

Ману фироқу дарду ғам будем доимо ба ҳам,
Чи дӯстони ҷонием диҳад гувоҳӣ зиндагӣ.

Ба зери чатри ишқи ту будам дугона бо алам,
Агар равам, куҷо равам? Ба сарпаноҳи зиндагӣ.

Зи ҳусни Юсуфи дилам фасона гуфтаам зиёд,
Ҳақиқате шунав, бубин, кунун ту чоҳи зиндагӣ.

* * *

Гиряи ман чӣ гиря буд? Бар дили санг кора кард,
Нола расиду дод гуфт, лахти ҷигар ду пора кард.

Дарду фиғону оҳро, ғуссаи бепаноҳро,
Душмани ман зи роғи дар хандакунон назора кард.

Мурғи ҳавас қафас нишаст, занчири бандагӣ ба даст,
Шоҳи ғаму нагуниҳо мулки дилам идора кард.

Балки умед панҷа зад, пеши дари ту сарнавишт,
Гуфт: “Накуш марову мон” бас оҷизона зора кард!

Дасти дилу ману само, кай бирасад зи Ҳақ даво,
Ҳайф ҳабибу ҳам табиб, хеш зи мо канора кард.

Оҳ, Ҷазои бегуноҳ сахт алам кунад маро,
Кори замона ин бувад, эй дили ман, чӣ чора кард!?

*26.06.2018*

## МАН

Ман омадам, ки дард бибезам барои ту,
Як нони шӯҳрае пазам аз моҷарои ту.

Бегонае зи роҳ расиду ба ман бигӯфт:
“Ман ошиқам ба дарду гамуғуссаҳои ту”.

Ҳарчанд ки рост гуфтамаш: “Дил они дигарест”,
Садҳо дурӯғ бофт, ки гирад ҳавои ту.

Ҳамдарди ман, барои ман аз ишқ мегузашт,
Бечора ҷамъ намуда, диламро зи пойи ту.

Эй ишқ! Нобаробарӣ, бисёр пурғалат,
Ӯ монд бовафои ман, ман бовафои ту.

Бо рағми худписандиву кибру ғурури беш,
Бо рағми ҷабру ғаму садҳо ҷафои ту.

Эй кош, ҳарфи дил охирсухан набуд,
Кош, интихоб менамуд ӯро ба ҷои ту.

## КИТОБИ ИШҚ...

Чу китоби ишқ дидам ба мағозаи ҷавонӣ,
Ҳама ҳарфҳо муборак, ҳама ҷумлаҳо ниҳонӣ.

Сухан аз сифот гӯяд, ҳама аз наҷот гӯяд,
Зи хати барот гуяд, зиҳӣ умри ҷовидонӣ.

Саду чордаҳ варақ з-ишқ, саду чордаҳ варақ дил,
Сухан аз забони он Ёр, ҳама лутфу меҳрубонӣ.

Чи қадар китоби гӯё ва баҳори сабзу зебо,
Ба назар чаман-чаман гул, ҳама рамзи шодмонӣ.

Мани орзубурида, зи ҷаҳон чизе надида,
Дилу дидаро бигӯям, ки зи ин китоб хонӣ....

*03.07.2018*

* * *

Вақте ки ман аз табори дардам,
Гӯё ки ҳама кас оҳ дорад.

Вақте ки ба шаҳри ту ғарибам,
Бечора дилам гуноҳ дорад.

Он кист, ки гуфт ин масалро:
"Дил бо дили хаста роҳ дорад",

Ашк аст муҳаббату дигар ҳеҷ,
Ин чашми дилам гувоҳ дорад.

Тақдир ғаму азоби моро,
Аз чашми ҳама паноҳ дорад.

Аммо чи кунам, ки ғуссаи дил.
Имрӯзу диву пагоҳ дорад.

*07.07.2018*

* * *

Бубин ситора дур шуд, зи шоми моҳтобиям,
Дигар намонд равшанӣ ба ишқи офтобиям.

Ба хонаи ғамам биё намози шодиҳо гузор,
Ба коми бодҳо бидеҳ иморати харобиям.

Ба шаҳри ишқ меравӣ ба аспи бахту орзу,
Бигӯ ба шоҳи кишвараш зи ҳарфи изтиробиям.

Фурӯш ҷумла дарду ғам, бихар ҷаҳони беалам,
Ки бо ту қисмати нагун, чи сон кунам ҳисобиям.

Фақат зи ту ба ман расид азобу ранҷи дуриҳо,
Равона мекунам ба ту зи шеъри интихобиям.

*08.07.2018*

* * *

Донам, ки бевафоӣ, ҳастам, вале вафодор,
Рафтию пас наоӣ, чашмони дил ба раҳ чор.

Ишқи ту филмнома, як дафтари чакома,
Бо нақшаи ҷудоӣ дар саҳнаи пурасрор.

Ман сад паёмаки ғам бо дидаҳои пурнам,
Изҳори ошноӣ кардам ба он ҷафокор.

Дар шеър шаҳд омез, бар рӯи дардҳо рез,
Эй дил, чу ғам сароӣ, таскин ба дарду озор.

Эй ошиқи пурармон, дар ошиқӣ пушаймон,
Охир макун гадоӣ, ишқе нашуд сазовор.

Дар ишқу мактаби бахт, ман, ки шикастаам сахт,
Дар синфи ибтидоӣ мондаст дил аламдор.

*09.07.2018*

* * *

Пазмонатам, эй ёр нафаҳмӣ, ки вафо чист?
Рафтӣ ба раҳи хеш, надонӣ, ки биё чист?

Овораву бечораву бепушту паноҳам,
Инсоф бидеҳ, ин ҳама эҷоди ҷафо чист?

Эй ишқ, дилам кушти ба теғи ғаму андӯҳ,
Гуё, ту надонӣ , ки туро рӯзи ҷазо чист?

Гуфтам, ки зи ишқат зи ҳама даҳр гузаштам,
Ин шубҳаву сад кибру ҳазор чуну чаро чист?

Бечора дилам хаставу бемори дароз аст,
Эй хубтабибам, ту бигӯ роҳи даво чист?

Осон набувад бурдани бори ғами қисмат,
Дар шаҳри шумо таънаи ҳангомасаро чист?

Донам, ки аниси дилатам, низ азизӣ
Пас марзи ҷудоии ману ишқи шумо чист.

*06.07.2018*

* * *

Фасли хуши баҳор пайғоми ишқ буд,
Ин умри нобарор аз номи ишқ буд.

Бадбахтии зиёд, гулхандае ба бод,
Садҳо фиғону оҳ инъоми ишқ буд.

Хун хурдани дилам, захри мақотилам,
Рӯёи ботилам аз ҷоми ишқ буд.

Худсӯзию азо, як хона моҷаро,
Рафтан ба ҳар хато бар коми ишқ буд.

Бовар ба номи дил, як аҳди ноасил,
Як умр по ба гил, ин доми ишқ буд.

Бо хештан набард, зистан ба шаҳри дард,
Як офтоби сард, эъломи ишқ буд.

*12.07.2018*

* * *

Гул накард, азизи ман, ишқи ту ба гулдонам,
Хушку бесамар гардид решаҳои армонам.

Ғунчаҳои умедам бар замини ғам уфтод,
Саҳнаи хазонрез аст сурати баҳоронам.

Орзуи сабзи дил, як дарахти хушке шуд,
То табар занад бехаш дасти сарди исёнам.

Мурғи боварам ҷон дод андаруни оташзор,
Майсаи муҳаббат сӯхт интизори боронам.

Боди гарму сӯзоне мевазад даруни шаҳр,
Дар диёри қалби ман омада зимистонам.

Вақти бесамар боз ист ,соати дилам бишкаст,
Мон, ки дар мазори ишқ ёдҳо бигӯронам.

*18.07.2018*

## АРЗИШ

Дигар афсонаҳои дил намеарзад ба номи ту,
Ибодатхонаҳои дил намеарзад ба номи ту.

Замини ишқ ботил шуд, чу ёре душмани дил шуд.
Ҳақиқатдонаҳои дил намеарзад ба номи ту.

Сафири дил сафарҳо кард, ки ёбад як нишони ту,
Сафоратхонаҳои дил намеарзад ба номи ту.

Ба сина ҷои ту холист, дарди бекаси "'олист",
Бубин кошонаҳои дил намеарзад ба номи ту.

Зи ёдат мехаридам ман тасаллое ба қалби хеш,
Зару дурдононаҳои дил намеарзад ба номи ту

Ҷаҳон дар мӯҳтавои файлҳои хотироти ман,
Ҳама сомонаҳои дил намеарзад ба номи ту.

* * *

Рӯзнома ба даст дораму худ рӯз надорам,
Монанди ту эй очаи дилсӯз надорам.

Аз мушкилу ғамҳои ҷаҳон дораму дорам,
Аз беғамию шодии Наврӯз надорам.

Фардо ба умеди ту нишинем, Худоё!
Дирӯз чӣ беҳудаву имрӯз надорам.

Ман такя кунам бар қаламу хома бигиряд,
Оҳ, баҳри ту як номаи пурсӯз надорам.

Ҳар кас ба саволи дили ман гуфт дурӯғе
Як сӯзанаки ишқи ҷигардӯз надорам.

Ман мондаму дил мондаву як фасли хазоне,
Як дафтаре аз панди диломӯз надорам.

*06.08.2018*

* * *

Дилам хобу хаёлест, ки афсона биёред,
Ҳақиқат агарам ҳаст ба ин хона биёред.

Даруни вараќи гул, ба он шеваи булбул,
Ҷавонии диламро ҷудогона биёред.

Фиғону аламу дод, ҳазор шевану фарёд,
Шикоятномаҳоро хамӯшона биёред.

Зи шаҳри ғаму ҳиҷрон, зи он ошиқи пазмон,
Агар нома фиристад, ба ҷонона биёред.

Ба бемори дили зор, ба уфтодаю ночор,
Яке дорудавое ҳабибона биёред.

Касе бахт биҷӯяд, дигар тахт фурӯшад,
Хабарҳои ниҳонро ба сомона биёред.

Ғариб уфтодагонро, тамоми мурғаконро,
Ба кошона биёред, ба ин лона биёред.

* * *

Имтиҳони зиндагӣ осон набуд,
Нархи санҷишу баҳо-ш арзон набуд.

Мактабе, ки хатм кардам, во дареғ!
Дарсҳои хуби хуб дар он набуд.

Он муаллим меҳрубону меҳрбахш,
Ин мураббии ҳаёт чун он набуд.

Ман, ки аз худ кардаам фанҳои беш,
Як фанне, ки зиндагист, имкон набуд.

Дар даруни дафтари сабти баҳо,
“Комёб”- у “комгор” эълон набуд.

Ин чӣ донишгоҳу донишхонаест?
Донишеро ҳеҷ гоҳ пурсон набуд.

*30.08.2018*

* * *

Бигӯ ба ман иҷозат аст, ки хат ба рӯи ғам занам?
Ҷаҳони бевафоиро азизи дил, ба ҳам занам.

Ба ишқи беҷавоби худ, ба дарди беҳисоби худ,
Варақ-варақ ҷудо кунам, китобро рақам занам.

Ба сарзамину мулки ғам, ба кӯчаҳои пурситам,
Зи баъди қарни бешумор қадам занам, қадам занам.

Манораи нишотро агар бубинам, эй дилам,
Навиштае зи ёдҳо барои ту алам занам.

Шиори ишқ куштанаст, шиори мо гузаштанаст,
Ба рӯи гӯри ин дилам ман обе аз адам занам.

Ман аз фироқ хастаам, зи ҳар азоб хастаам,
Магар ҳамерасад даме, ки беғамона дам занам?

* * *

Ҳазор дидаам ғам ман, руи ғам дидан намехоҳам,
Дурӯғин қиссаҳоро, вой, бишнидан намехоҳам.

Ҳамеша чор фасли зиндагӣ бӯи хазон мекард,
Дигар ман аз гули навмедиҳо чидан намехоҳам.

Ҳазорон илтиҷо кардам нагир аз ман азизамро,
Худоё! Пеши пойи марг афтидан намехоҳам.

Ҷаҳон раҳме намеорад, диламро ғусса меборад,
Дилам сангиву пулодист, раҳмидан намехоҳам.

Даруни оташи ҳиҷрон, месӯхт ин дили пазмон,
Зи сардии каломи дӯст ларзидан намехоҳам.

Маро танҳоӣ ёри бовафо гардидааст инак,
Аз ин ҳамроҳи беозор бибридан намехоҳам.

Ман он як сабзаеям, дар зимистони ғаме зистам,
Баҳорон аз замини шодӣ рӯидан намехоҳам.

Ҳама ҷо санҷишу ранҷиш, дунё моли беарзиш,
Дигар аз қисмате, ки ҳаст, ранҷидан намехоҳам.

*09.09.2018*

* * *

Вақте ки бахт мешикаст, касро хабар набуд,
Дастони меҳрубони ту болои сар набуд.

Дилвожа менавиштаму ғам пора менамуд,
Эй ишқ! Саргузашти ту пас мухтасар набуд.

Гуфтам, ки роҳи бахтро тағйир медиҳам,
Ҷуз роҳи қисмати азал роҳи дигар набуд.

Мехостам, ки сокини шаҳри дилат шавам,
Ҷуз ман миёни мардумон бегонатар набуд.

Шабҳо дуои хастаам бар гӯши ахтарон,
Ҳар дам садо, ки мезаду аммо асар набуд.

Дар кӯчаҳои зиндагӣ, бо бори бандагӣ,
Мерафтаму азизи дил андар назар набуд.

*14.09.2018*

* * *

Биё, имрӯз фурсат ҳаст, фардо ишқ мемирад,
Зи беаҳдӣ, зи пазмонӣ, зи ғамҳо ишқ мемирад.

Гирифтӣ сода қалбамро ба рӯяш по задӣ, рафтӣ,
Барои ин дили маҳзуну танҳо ишқ мемирад.

Табиби бемурувват бар сари бемор кай ойӣ?!
Зи дарди бедавою ин муаммо ишқ мемирад.

Туро мисли замона якдилу якрӯй кай дидам?
Зи каҷбозию лаҷбозии дунё ишқ мемирад.

Зиёрат мекунӣ рӯзе ту гӯри орзуямро,
Ҳамин ҳоло ба ҷойи сад ману мо ишқ мемирад.

Дар ин шаҳр ноҳаққона нафрату бадбинӣ бифрӯшанд,
Аз ин бозору аз колою савдо ишқ мемирад.

*19.09.2018*

* * *

Ғаме дорам баробар бо ғами аҳли башар бошад,
Надидам дар дили ёрам аз ин кулфат асар бошад.

Само бигрист ба аҳволам, замин ларзид зи фарёдам,
Намедонам чаро рӯзам зи дирӯзам батар бошад.

Ба дандон меканам симхори девори мусибатро,
Бидон ҳар лаҳза бар лахти ҷигар садҳо зарар бошад.

Ҳамеша шукр мегуфтам аз ин тақдири баргашта,
Кунун охир чаро он ҳам ба зери сад хатар бошад.

Ту мебинӣ, ки месӯзам ба рӯи дард мерезам,
Бикун раҳме ба сӯйи ман ба як боре агар бошад.

Ману хокистари ғамҳо, туву шодии оламҳо,
Аҷаб дунёи бераҳмон, ки дил дар пушти дар бошад.

*23.09.2018*

* * *

Дигар мо тарки дил кардем, дил тарки муҳаббат кард,
Ба зулму ҷабру беаҳдии дунё баски одат кард.

Муҳаббат, раҳзани дилҳо расиду шеъри зебо гуфт,
Ягона қалби пурдарди маро беҳуда ғорат кард.

Намози ишқ мехондам даруни хонаи умед,
Дилам дар доми ту афтоду таксири ибодат кард.

Баҳорон аз хазону дай, сӯфи аз шаробу май,
Дилам дар маҷлиси хубон аз дастат шикоят кард.

Шикастӣ, куштӣ, эй золим! Диламро бе ягон ҷурме,
Дигар вайронсарое рафт дил тарки иморат кард.

Аҷаб, дунё, аҷаб савдо, ки мемирию механданд,
Ҳазорон офарин, бар дил, ки бо ту сабру токат кард.

*01.10.2018*

* * *

Манам, занҷири пои дил шикастам,
Ба курсии ғаму ҳасрат нишастам.

Диле, ки нимаҷон дар рӯи раҳ буд.
Ба як беаҳду бепаймон бубастам.

Диламро кушта аз бахти сиёҳе,
Гузошт ин мурдадилро рӯи дастам.

Бароям душман асту раҳзани дил,
Намедонам, барояш ман кӣ хастам?

Зи дарди бедавои ишқи ноком,
Худоё! Ман нарастам, ки нарастам.

Зи рӯди бахту шодиҳои олам,
Заринмоҳӣ намеояд ба шастам.

*12.10.2018*

* * *

Гӯем, чи зебо буд, имрӯзи ману борон,
Дар ғамкада барпо буд Наврӯзи ману борон.

Ман қисса ҳаме кардам аз дарди зиёди дил,
Як хона муаммо буд аз сӯзи ману борон.

Дар сони сафеди ишқ ман нақш, ки медӯхтам,
Як нақши фиребо буд гулдӯзи ману борон.

Як булбули шӯрида аз ишқ ситам дида,
Дар шохи дарахте буд дилсӯзи ману борон.

Ман мағлуби ин дунё, дил хастаи ғурбатҳо,
Абри сияҳи ғамҳо пирӯзи ману борон.

Аз гӯшаи боми дил борони алам мерехт,
Танҳоӣ гуворо буд ғамсузи ману борон.

*16.10.2018*

* * *

Ман аз он шаҳри нурам, зулмати шабро намебахшам,
Бидон, як коса аз ҷурми лаболаброо намебахшам!

Яке хокӣ, дур аз покӣ, ба побӯсӣ ба ҷоҳе шуд,
Ғаразҳову ғализиҳои мансабро намебахшам.

Вуҷудам ларза меовард, аз сардии ҳарфи дил,
Кунун аз нафрати ту оташи табро намебахшам.

Ба ман килке расида, то бигӯям шарҳи ин дунё,
Қалам васфе кунад аз даҳр мактабро намебахшам.

Аҷаб шаҳре, ки дар он як адолатгӯ намебинам,
Ҳазоррангиву садрӯйии ағлабро намебахшам.

Агар моҳе зи бахти мо ба пушти абрҳо гум шуд,
Бароям хира сӯхтанҳои кавкабро намебахшам.

Ҳамин як ҷон, ки дорам аз барои роҳи Аллоҳ аст,
Агар роҳи дигар гуфт, рӯҳу қолабро намебахшам.

*20.10.2018*

* * *

Ману ту ҳамзабону ҳамватан, ҳамдину ойинем,
Ману ту сахт монандем, зеро даркботинем.

Хати тақдир ҷудо андохт марзи ишқу ҳастиро,
Ҳар он чи сарнавишт овардаст, онро ҳамебинем.

Бароям беҳтарин дӯстӣ, бароят ҳар кӣ ҳам бошам,
Миёни моҷарои дил, гули ҳасрат, чаро чинем.?

Агарчи дона-дона дард мерезад зи шохи ишқ,
Ману ту дур аз ранҷем, ману ту дур аз кинем.

Махур дарди зиёди зиндагӣ, суде намебахшад,
Худоро ёд кун, то лаҳзае, ки беш ғамгинем.

* * *

Аз ишқи хатодор нависам, нанависам,
Аз ғуссаи бисёр нависам, нанависам?

Афсонаҳақиқат, ки навиштам, нанавиштӣ,
Як олами асрор нависам, нанависам?

Гуфтам шиканам нӯки қалам, хома бисӯзам,
Аз арзиши осор нависам, нанависам?

Бо ҷони пур аз дард равам дар раҳи тақдир,
Аз роҳи пур аз хор нависам, нанависам?

Берангу наво, тору ҳазин гӯшаи дунё,
Аз чашми гунаҳгор нависам, нанависам?

Бе модарию бе падарӣ сахт гарон аст,
Дар сӯги аламбор нависам, нанависам?

Меҳмоннавоз ҳеҷ набуд олами фонӣ,
Аз даҳри дилозор нависам, нанависам?

* * *

Надидам хурраму шодон чаро, умри ҷавониро?
Надидам беғубору соф самои зиндагониро.

Ба орзую умеду ёдҳои дур зистам ман,
Мудом беаҳд дидам нисбати худ ёри ҷониро.

Шикастанҳои дил бахрам таконе ҳам набахшиданд,
Чу ашк дар хомаам рехтам кунун сирри ниҳониро.

Бароям достони «Ширину Фарҳод» мехондӣ,
Вале бас кардаам охир, кунун афсонахониро.

Ману шабҳои тору ин дили бечораи афгор,
Намедонем дареғо лутфу қадру меҳрубониро.

Худоё! Оҷизам, гарду ғуборам, оҳи пурдардам,
Чаро бар дӯши ман бигзошти охир гарониро?

Ҳамехоҳам гурезам аз ҷаҳони фитнаю бӯҳтон,
Вале дар дасти ғам додӣ, Худоё қалъабониро.

Гаҳе аз ҳар хатои дил, зи побандии ҳар мушкил.
Тасаввур мекунам бо тарс азоби даҳри сониро.

Агарчи аз ғаме сохтӣ сутуни тақдирамро Ҳақ,
Чаро дар зиндагӣ додӣ ту бар ман нотавониро?

Аниса, ман дареғогӯ шудам дар даҳри бесомон,
Миёни ошӯби эҳсос куҷо ёбам амониро.

* * *

Бар гӯшии телефони дилат занг задам,
Дастнорасу хомӯшу чаро банд шуда?!

Аз аҳду вафо гузашта бар кӯи хато,
Имрӯз ба бевафоӣ побанд шуда.

Гулвожаву дилвожаву таърихи ғамам,
Чун дафтари Мониву чу Позанд шуда.

Сад ҳарфи дурӯғу сад суханҳои хато,
Андар даҳани ту шаккару қанд шуда.

Эй вой, намонда одамият ба ҷаҳон,
Виҷдони туву нархи вафо чанд шуда?

Ишқе, ки ба ҷуз дард наорад ба дилам,
Тарки раҳи ӯ барои ман панд шуда.

Як ҳарфу ду мисраъ бар дили шоири дард,
Бисёр азиз ба мисли фарзанд шуда.

*09.11.2018*

* * *

Бе ту ҳам умри ману рӯзи Худо мегузарад,
Бе ту ҳам ханда ҷудо гиря ҷудо мегузарад.

Бе ману ҳастии ман айшу тарабҳои ту хуш,
Гарчи беҳудаву берангу хато мегузарад.

Ин дилам сад сипари тавба ба бар кард, вале,
Тири ишқи ту аз ин тавбасаро мегузарад.

Ҳарқадар нокасию сифлагӣ битвонӣ, бикун.
Мавсими зулми туву ҷабру ҷафо мегузарад.

Оҳ, тақдири азал, нақши ту дигар нашавад,
Ин қадар аз дари мо дарду бало мегузарад.

Чун шикасти дилу аҳду ҳама эҳсосу ғурур,
Боз фикрат зи сарам оҳ чаро мегузарад!?

*24.11.2018*

* * *

Ман гули худрӯйи зимистониям,
Дарбадари кишвари сарсониям.

Мераваму мебарам, эй войи ман,
Ғамсабади ишқу пушаймониям.

Дар дили ман ишқи Зулайхоӣ буд,
Лайлии шӯридасари сониям.

Мешунавӣ гиряи ҷоне агар,
Ёд кун аз соати пазмониям.

Мӯҳри хамӯши ту мазан бар лабам,
Ҳабс макун шавқи ғазалхониям.

Кай бувад ин олами пур шӯру шар,
Қадр кунад ҳурмати меҳмониям?

Баҳри навори хати филми ҳаёт,
Нақши ҳунарпешаи қурбониям.

Шеър, аниси дили маҳзуни ман,
Суйи ғаму ғусса ту мехониям.

*27.11.2018*

* * *

Шабехун мезанад ишқат ба ҷони беқарори ман,
Азизи дил, намеоӣ ба ин мотамдиёри ман.

Ҷавонӣ мекунад исён "биракс охир ба оҳангам",
Вале ғамҳои пай дар пай нишаста дар канори ман.

Ману якрангии девор, на маъноеву не осор,
Зи худ норозиву безор, ҳамин аст рӯзгори ман.

Ҳамеша ранҷу нокомӣ, ба ҷои пухтаҳо хомӣ,
Ба дӯшам исми бадномӣ, ғаму андӯҳ табори ман.

Ҳама ҷо дӯсти душмандил, рақобатҳои ноқобил,
Адолат гаштааст ботил, куҷо сабре ба кори ман?

* * *

Дарахти хушки пеши хона бар ишқи дилам монад,
Ҳама он лонаи чуғзон ба боми манзилам монад.

Фаромӯшию гумномӣ, мазори ишқу оромӣ,
Ба саҳфа-сафҳа сайту аксҳои мобилам монад.

Ҳавопаймо, ки дорад суръате монандаи як тир
Ба умру сарфи вақти холиву беҳосилам монад.

Даруни шаҳр бинӣ гар чароғи сӯхтаву хомӯш,
Ба хира-хира сӯхтанҳои шамъи маҳфилам монад.

Хатти парвози мушакҳои кайҳонии марговар,
Ба орзую ба армону ба ҳисси ботилам монад.

Ҷаҳону моҷароҳову муаммову садоҳояш,
Ба тақдири нагуну мушкили по дар гилам монад.

*28.12.2018*

* * *

Ғами ту мекушад маро, ғами ту об мекунад,
Дилам азоб мекашад , ҷигар кабоб мекунад.

Бинои ишқу боварам ҳазорошёна аст,
Хиёнатат, азизи ман, варо хароб мекунад.

Гузашт қаҳру оштӣ, ба ҷуз алам чӣ доштӣ?
Қатораи замону вақт аҷаб шитоб мекунад.

Диле, ки мурда-мурда зист, ба ҷои абр мегирист.
Ту иштибоҳ мекунӣ, дил изтироб мекунад.

Ҳазор роҳу ҷода аст, барои аз ту рафтанам.
Туро ду чашмҳои ман чӣ интихоб мекунад!

Кунун, ки беҷавоб монд, ҳазор номаи дилат,
Равони ишқу орзу маро итоб мекунад.

*07.01.2019*

* * *

Кӣ дид, дар мулки андӯҳ сарвариро?
Сиёсатҳои пучу довариро.

Ба ботин мурда-мурда зистан пас,
Ба зоҳир хандаву нақшофариро.

Ба ҷуз модар касеро ҳам надоштан,
Кашида қисмати бемодариро.

Даруни шаҳри пурфанду фиребо,
Ба сӯзан ҷуста бас одамгариро.

Кӣ дида, қотили дилро, ки гуяд?
Ҳазорон васфи ишқу боварииро.

Дар ин дунё набиниву надидам,
Вафову меҳру сидқу ёвариро.

*16.01.2019*

* * *

Эй дил, бигӯ, ки хубӣ, бо дарду доғ имрӯз?
Ғамҳо туро бичӯянд, оянд суроғ имрӯз.

Ман хаставу фирорӣ, дар шаҳри интизорӣ,
Дунё чи торикистон ҷӯям чароғ имрӯз.

Фасли баҳор бигзашт, аз кӯчаи хазонам,
Мармуз менамоянд гулҳои боғ имрӯз.

* * *

Мактаби ишқ омадам лавҳу китобу хома нест,
Таҳсили ибтидоиро оҳ, чаро идома нест?!

Гуфт, ки боядам сухан, хуб кунад либоси тан,
Шеъру ғазал ба гирянд, оҳ, дукони ҷома нест.

Умр хамеша бо ғам аст, ҳайф, ки асри мотам аст,
Мутриби ғамсаро куҷост, матлаи як чакома нест.

Узр, ки Пири Тӯсиям, маснавӣ пиру кӯр шуд,
Ҷанги ту сулҳ кай шавад? Таъсири “Шоҳнома” нест!

Ишқ зи шаҳри покиҳост, на ихтирои хокиҳост,
Мурғи дил оҳ, тоир аст, кафтараки дубома нест.

Аз чи сипоҳи ғуссаат забт намуда ин дилам,
Бод сано ба он шаҳе, ҳокими худкома нест.

*29.05.2019*

* * *

Дар кучаое, дар фазое хона ёдам мекунад,
Шаҳр пазмон мешавад, кошона ёдам мекунад.

Мекашам ман нақшаҳои орзуро бо хаёл,
Бахт мегиряд, вале афсона ёдам мекунад.

Рафтаам аз ёди хушёрони дунёи дурӯғ,
Як ҳақиқатпешаи девона ёдам мекунад.

Буд тақсимнопазир шодию хурсандии дӯст,
Мушкилу ғамҳои як бегона ёдам мекунад.

Дар ҷаҳону кӯчаҳои мулки андӯҳу маҷоз,
Гоҳ-гоҳе равзаи сомона ёдам мекунад.

Тирамоҳон мурғакони хастаро кардам гусел,
Он парастумурғаки белона ёдам мекунад.

*31.05.2019*

* * *

Танҳотарини даҳрам танҳоиям китобест,
Дар нола гуми гумам лабхандаам ниқобест.

Ман ғусса мешуморам, ту қисса менигорӣ,
Сарсахтиям ҳазорон, бадбахтӣ беҳисобест.

Эй қалби пурғурурам, пазмони рӯйи ёрӣ,
Хомӯшии ту марг аст, бо худ чаро итобест?!

Дар нимароҳи қисмат дармондаву ҳазинам,
Ин ҷода саъбу мушкил, роҳ рафтанам азобест.

Гуфтам, биё бигирйем дар мотами дили ман,
Гуфтӣ, ки куштани дил бисёр ҳам савобест.

Дунё дурӯғу беқурб арзиши ғам надорад,
Гоҳ саҳнаи пурасрор гоҳе чунин саробест.

*02.06.2019*

* * *

Ниҳоли ишқ хушку маҳв нишони баргу поя нест,
Ҳаво чи гарму соя нест, зи ғуссаҳо ҳимоя нест.

Баҳори бахту орзу, хаёлномаи накӯ,
Фасонаҳои ҷолибанд, ба соате кироя нест.

Аҷаб, ки тифли ишқро ба марг медиҳад дилам,
Ду дасти модарам куҷо ва навҳаҳои доя нест.

Ту, эй фалак чӣ суратӣ? Надорӣ раҳму шафқате,
Чӣ беҳисоб куштиям, барои ту кифоя нест?!

Агарчи ҷомаи ғамам дароз буду дерпой,
Аз ин либос шукри дил азизтарин пироя нест.

Ҳазору сад ҳазор ҷилд китоби ғам навиштаанд,
Ба мисли саргузашти ман ҳазинтарин ҳикоя нест.

*20.06.2019*

* * *

Дилам аз ному нанги ту намегӯяд, намепурсам,
Зи ошубу зи ҷанги ту намегӯяд, намепурсам.

Маро сад таънаи душман намеранҷонад, эй дунё,
Аз он сад туда санги ту намегӯяд, намепурсам.

Ба суратҳо баҳо додан, ба сиратҳо дуо додан,
Зи садҳо гуна ранги ту намегӯяд, намепурсам.

Зи сӯзи интизориҳо, азобу ҷонсупориҳо,
Зи таъхиру диранги ту намегӯяд, намепурсам.

Дилам бо ахтарон андар тамос аст гоҳи бадбахтӣ,
Зи пайғому зи занги ту намегӯяд, намепурсам.

*17.07.2019*

* * *

Дар мактаби дил китоб ишқ аст,
Мавзӯи ҳама ҳисоб ишқ аст.

Сад пурсиши мо ба кулли дунё,
Як посухи беҷавоб ишқ аст.

Орзуву ғаму хаёли ширин,
Мушкилу ҳама азоб ишқ аст.

Бедорию интизорӣ дар роҳ,
Афсонаю шарҳи хоб ишқ аст.

Як умр самои дида абрӣ,
Борону сиришку об ишқ аст.

Пайроҳаи кӯчаи хаёлот,
Алқисса, ҳама сароб ишқ аст.

*20.07.2019*

* * *

Аз китоби зиндагӣ афсонаро хат мезанам,
Дар ҳақиқат як дили девонаро хат мезанам.

То муҳарир мекунад таҳрир садҳо ҷумлаам,
Ман зи тақдирам ҳақиқатдонаро хат мезанам.

То наёбад ҳеҷ кас дар шаҳр нишони ашкҳо-м,
Ман рақамҳои ҳамин ғамхонаро хат мезанам.

Дил гурехт аз олами атроф бар сӯйи маҷоз,
Бас, дигар ҳар сафҳаи сомонаро хат мезанам.

Дар замони ман чӣ поён меравад қурби сухан,
Ман ҳама ашъори орифонаро хат мезанам.

Шаҳр ҳузнин, зиндагӣ берангу дунё дардбахш,
Меравам сӯи туву кошонаро хат мезанам.

*12.08.2019*

* * *

Менишинам ба бари танҳоӣ,
Менависам асари танҳоӣ.

Як китоб фоҷиаи ишқи туро,
Мекунам дарди сари танҳоӣ.

Соҳили хушки диламро ба Худо,
Медиҳам хоки тари танҳоӣ.

Як ҷаҳон хотираатро ба азоб,
Мекашам пушти дари танҳоӣ.

Ман, ки сокини ҷаҳони аламам,
Хаставу дарбадари танҳоӣ.

Дар раҳу кӯчаи ишқу ҳавасам,
Мебарам ман хабари танҳоӣ.

Эй Аниса, ғазалат кай шунавад?
Ин замон гӯши кари танҳоӣ.

*16.08.2019 16:37*

* * *

Боғбони армонам, меравам ғамафшонӣ,
Себи дард мечинам аз дарахти пешонӣ.

Оби ҷӯйи ҳасратҳо меравад миёни боғ,
Мурғи орзу мурда дар дари пушаймонӣ.

Тирамоҳу ман роҳи барги ғусса мерӯбам,
Ҷойрӯби дастонам шохаи аламмонӣ.

Эй ғазалгиёҳи дил, гулсухан хазон омад,
Мешавӣ фидои дард дар шаби зимистонӣ.

Оре, зиндагӣ хуб аст, гар парандаи ҳиҷрон,
Номаи туро орад, эй ҳабиби армонӣ.

Хомӯшона мисли санг гиря мекунам, эй дил,
Безабону сокитам, пас аз ин намедонӣ.

Рафтаӣ, бирав, аммо гоҳ-гоҳе ёд овар,
Аз сиришки чашмонам дар ҳавои боронӣ.

*18.08.2019 01:04*

* * *

“Ман барои ишқ аз модар ба дунё омадам”,
Ҷони ором доштам ҳам сӯйи савдо омадам.

Сода зистанҳо бароям ҳеҷ маъное надошт,
Пеши дарду ғуссаи ишқу таманно омадам.

Рафтию олам дигар шуд, вой дарди бекасӣ,
Аз паси хотираҳоят то кучоҳо омадам.

Мактаби меҳру вафоро хатм карда, во дареғ
Бе шаҳодатнома донишгоҳи ғамҳо омадам.

Ишқ ин як раҳзани ақл асту ҳушу ёдҳо,
Дар миёни оқилон девонаавзоъ омадам.

Метавонӣ хат занӣ номи маро аз қалби худ,
Ман барои дӯстдориҳои боло омадам.

*18.08.2019 14:13*

* * *

Ба дили ошиқу овора муҳаббат накунӣ,
Лаҳзаҳо мегузаранд, раҳм ба соат накунӣ.

Бе ту бо ёди ту будан ғами харрӯзаи ман,
Ба таманною ба ишқи дилам одат накунӣ.

Дилат аз ҳачри касе афтаду бемор шавад,
Чи ҳабибию табибӣ, ки табобат накунӣ.

Зиндагӣ баски баровард ба амал қонуни нав,
Ту ба шоҳу ту ба фармуда итоат накунӣ.

Ҳама ҷабре, ки кашидӣ зи мухаббат, зи вафо,
Ба дари қисмати худ ҳеч шикоят накунӣ.

Мазҳаби ишқ биё, ғуссаи ин даҳр маҳӯр,
Ту чаро хатми китоби дилу оят накунӣ.

*23.08.2019 07:50*

* * *

Ёр чӣ гуна мешавад, ишқи туро раҳо кунам,
Хандаи ибтидоиро гиряи интиҳо кунам.

Шаҳри сукут меравам, аҳли суҷуд мешавам,
Дар раҳи ғуссаҳову ғам яксара рафтуо кунам.

Лутф намо Худои ман, оҳ дили дар балои ман,
Чашми умед сӯйи ту даст барам дуо кунам.

Абри ду дидаам бибор, бар сари қабри рӯзгор,
Мотами зиндагониро базми шукуфаҳо кунам.

Сабзтарин баҳонаам, шодии ҷовидонаам,
Бо ҳама безабониям ишқи туро садо кунам.

Гарчи ҷаноби қисматам, рад кунад шикоятам,
Дар дили шаб алам ба лаб шикваву моҷаро кунам.

*25.08.2019 00:32*

* * *

Аз дари ишқи безабон рафтану барнагаштан аст,
Вой дареғи ин ҷаҳон рафтану барнагаштан аст.

Фасли хазон сар гирифт, лонаи бахт даргирифт,
Ин сафари парандагон рафтану барнагаштан аст.

Най фироқ менавохт, оҳани ишқ мегудохт,
Аз ману мо гузашти ҷон рафтану барнагаштан аст.

Чашми умед хаста шуд, дасти мурод баста шуд,
Оҳи дилам бар осмон рафтану барнагаштан аст.

Оҳ, тайёраи замон соати вақт мешикаст,
Сонияҳо зи умрамон рафтану барнагаштан аст.

Шарҳ намо ту қиссаро, дарди дили Анисаро,
Дар раҳи ишқи ҷовидон рафтану барнагаштан аст.

*Кӯшониён – 21.09.2019*

* * *

Ахтаракони шаҳри мо зи осмон гум шудаанд,
Рози ману ситораҳо, шӯҳраи мардум шуданд.

Булбулакон зи шохи гул, ошиқакони носабур,
Аз рӯи маъшуқони худ, яксара маҳрум шудаанд.

Дар қафаси ғами гарон, дар ҳаваси ғазалгарон.
Бегунаҳ ошиқони ишқ, маҳбасу маҳкум шудаанд.

Шоҳпараконӣ гулпараст, лолаву савсане ба даст,
Шабнаму ашкҳои гул маҳви табассум шудаанд.

Қиссаи буду ҳам набуд, ишқ фасона гашту зуд,
Бовариҳо довариҳо, тарсу таваҳҳум шудаанд.

Моҳи само бо санамо ба боми дил нишаста аст,
Ахтаракони шаҳри мо зи осмон гумшудаанд.

*Кӯшониён 24.09.2019*

* * *

Намедонам чаро, аммо баъди аз даст додани чизею касе ҳеҷ гоҳ одат намекунем. Баъзан барои хотираҳои аз дастрафта низ мегирйем.

* * *

Баъзан аз ҳамдигар фосила мегирем, аз мо меранҷанду бегуноҳ тӯҳматамон мезананд, баъди чанде хатои худро мефаҳманду бармегарданд, аммо мо дигар нестем...

* * *

Дар рӯ ба рӯи равзанаи телефон роҳат дарди дил мекунему мегирйем, фақат ин ҷо макони розгӯиямон шуда, аммо пушти ин равзана чи ноодаму номардҳое истодаанд...

* * *

Кош рӯзе мешуд, мо Иди инсону имону виҷдону нангу номусро ҷашн мегирифтем, зеро дар ҳоли марганд, метарсам, рӯзе барояшон мотами умуми эълон мекунем.

* * *

Сахт аст, Ватан гӯйи, ғарибона бимирӣ,
Қоруни замон бошӣ, фақирона бимирӣ.

Аз баҳри сухан ҷон бидиҳӣ, ҷон бифишонӣ,
Чун шоираки кӯчаю бехона бимирӣ.

Дард аст, бигирйиву бихандони ҳама даҳр,
Бе ҳамнафасу дӯст ҳақирона бимирӣ.

Бар оташи ишқ чарх занӣ, сӯзӣ дили хеш,
Бечораю навмед чу парвона бимирӣ.

Ҳайф аст, шавӣ соати қурбонии даврон,
Мӯҳтоҷи замони хуши шоҳона бимирӣ.

Чун ҳар касу ҳар чиз пушаймони биёрад,
Бахт аст, ба имону шарифона бимирӣ.

*18.01.2019*

* * *

Ба Худо, ки дардмандам чу ҳисоби барфу борон,
Ба дилам фараҳ наорад на баҳору не зимистон.

Зи замона дил гирифта, ба баҳона дил супурдам,
Ҳама орзуи дилро ба ту додам, эй ғамистон.

Чи ҳадаф, ки бар наорад ба ҷуз аз ниҳоли ғамҳо,
Чи бувад ҳамин муаммо? Ҳама саргузашти инсон.

Ба забони безабонӣ зи дарахти раҳ шунидам,
Ки хазон ҳам бигиряд зи ғами мани пушаймон.

Дигар аз азал нагуям, асар аз ғазал наҷӯям,
Ҳама қисса шеър гардиду таронаҳои ҳиҷрон.

Зи само ситора афтид, зи замин умедҳо канд,
Ба дари ҷавониҳо монд ғаму дидаҳои пазмон.

*05.03.2018*

* * *

То дари дил накушодӣ, ғами ман хона набуд,
То ту, дар хонаи мо қиссаю афсона набуд.

То хиёнат нарасид, аҳду вафое нашикаст,
Насабу исми дилам оҳ, ки девона набуд.

То Юсуфе ба замини дили мо по нагузошт,
Андар ин хирмани ғам ҳеҷ яке дона набуд.

Агар аз дори сухан, шефтаву шайдои Ватан,
Гиряи талх накард, шеъри ғарибона набуд.

То ки вобаставу мағлуби муҳаббат нашудам,
Ин ки дар пойи дилам занҷиру завлона набуд.

Оташи ишқ чӣ сеҳрест, чӣ муаммо дорад?
Кош ин қалби асирам пари парвона набуд.

*23.01.2019*

* * *

Эй Ёр, шукри номат, сад бор шукри номат,
Ман маҳви он ҷамолу қурбони эҳтиромат.

Эй кош, вақти мурдан номи туро бигирам,
Андар забон биёрам ҳамвора аз Каломат.

Андар танӯри ин дил нопухтаҳо зиёданд,
Эй кош, назар бисозӣ бар бандаҳои хомат!

Ман қатраи гуноҳам, бо номаи сиёҳам,
Чашми умед дорам аз лутфи нотамомат.

Рӯ бар ниёз орам, дар сина роз дорам,
Матни дуо гузорам дар ҳар сабоҳу шомат.

Бар он Ҳабиби якто, нуру зиёи дилҳо,
Гӯям ба сад таманно, пайваста ман саломат.

*24.01.2019*

* * *

Рӯзҳо моҳ шаванд, сонияҳо сол шаванд,
Кардаҳои ману мо дафтари аъмол шаванд.

Шаб, ки танҳоӣ гузиниву, зи умед канӣ,
Ахтару моҳу само шоҳиди аҳвол шаванд.

Хатти тақдири Худо, бифканадат дар таги по,
Мурғи ихлосу сипоси ту пару бол шаванд.

Зумрае ҷон бикананд дар сафари ишқи Худо,
Дигарон ошиқу вобастаи амвол шаванд.

Бад ба хубӣ бирасад, маркаби чӯбӣ бирасад,
Дар раҳи ишқ касон тӯдаи абдол шаванд.

Одамон барги дарахтанд дар ин шохаи умр,
Ҳама дар хоки адам резану помол шаванд.

*24.01.2019*

* * *

Сард асту зимистонӣ ин шоми дилам, эй дӯст,
Барф аст, ки меборад бар боми дилам, эй дӯст.

Ишқе, ки ҳақиқӣ буд, дар фикри гумон уфтод,
Сад ғуссаву ғам овард бар коми дилам, эй дӯст.

Гуфтам, ки раҳо созам акси ту зи чашмонам,
Пур буд зи тасвират албоми дилам, эй дӯст.

Аз шаҳраки навмедӣ бар кишвари хуршедӣ,
Гар бигзарӣ ёд овар, пайғоми дилам, эй дӯст!

Мо рӯзи сияҳ дидем аз тақдири баргашта,
Бар ӯ ҳама рӯзи хуш аз номи дилам, эй дӯст.

Афсонаи ин умрам оғози накӯ кам дошт,
Сарсабзу мунаввар бод анҷоми дилам, эй дӯст.

Аз ҳадяи ту шодам ҳарчанд ғаму дард аст,
Ҳарф асту ҳиҷову шеър инъоми дилам, эй дӯст.

*05.02.2019*

* * *

Модар, ту куҷоӣ, ки дилам хонаи ғам шуд,
Ин зиндагии сода маро бори ситам шуд.

Бемораму дастони ту болои сарам нест,
Баъди ту ғаму дард куҷо буд, ки зам шуд.

Ҳар шодию армону ҳавасҳои накӯям,
Чун оби бухоргашта фано ёфтаву кам шуд.

Эй модари ҷон, сер зи рӯйи ту нагаштам,
Акси ту кунун пеши назар доғу алам шуд.

Муҳтоҷ ба оғӯшу суханҳои ту ҳастам,
Ҳамсӯҳбати ман баъди ту ин “ашки қалам” шуд.

Яктову Аниси ту дар ин даҳри дилозор,
Оҳ, гарду ғубори раҳу дар зери қадам шуд.

*07.02.2019*

* * *

Худоё! Ӯ намеояд, дили моро ба яғмо бурд,
Ба оташ зад вуҷудам, ҳосили моро ба яғмо бурд.

Ба ҷои дил ба сина метапад мурғи ғаму андӯҳ,
Умедам, донаи нокомили моро ба яғмо бурд.

Худоё! Ӯ куҷо рафт аз ду чашми роҳпойи ман,
Ба ҳамроҳаш дили ноқобили моро ба яғмо бурд.

Аҷаб як пайкари беҷон зи мо монда аз ин дурӣ,
Ки он душманнамо обу гили моро ба яғмо бурд.

Худоё! Бе ҳиҷою ҳарфи ӯ бисёр маҳзунам,
Ки зарра - зарра ишқи хушгили моро ба яғмо бурд.

Барояш ҳар дақиқа маҷлиси ғам мекунам барпо,
Чаро имшаб чароғи маҳфили моро ба яғмо бурд?

* * *

Дар ин дунё ҳар он касро, ки гуфтам дӯст душман шуд,
Пайи хушбахтиҳо гаштам, тамоми ғусса аз ман шуд.

Дилам кард интихоб ёре, ки ӯ қалби раҳиме дошт,
Зи тақдири бадам бингар, дилаш фӯлоду оҳан шуд.

Гули умеду армонам дар ин савдои навмедон,
Хазону хушк гардид, оқибат як даста гулхан шуд.

Чу рафт аз пеши чашмам торикистон гашт ин дунё,
Дигар ин зиндагиям аз кучо як рӯзи равшан шуд.

Дилам бишкаст, ҷигар шуд пора, бовар мурд пеши чашм,
Кафандӯзам, ки умед аст, кунун муҳтоҷи сӯзан шуд.

Зи худ бигрезаму дар хеш пинҳон мекунам дардам,
Вале акси садои оҳи ман бар кӯю барзан шуд.

*11.02.2019*

* * *

Дурӯғи аз ҳама зебо муҳаббат буд, муҳаббат буд,
Ҷилои ахтари шабҳо муҳаббат буд, муҳаббат буд.

Дилам вобастаи эҳсос, сарам машғули сад ихлос,
Мукофоту ҷазои мо муҳаббат буд, муҳаббат буд.

Ғаматро беш хӯрдам, бар ғарибии ёдҳо бурдам,
Ватанҷои хиёнатҳо муҳаббат буд, муҳаббат буд.

Зимистони дилам пургул, дилам банду дилам машғул,
Сабабгори ҳамин савдо муҳаббат буд, муҳаббат буд.

Ту рафтӣ хуш ба ҳолат, сабз бодо моҳу солат, ёр!
Ба дил марзи ҷудоиҳо муҳаббат буд, муҳаббат буд.

Дигар оне, ки будӣ, нестӣ дар ишқу ҳамдастӣ,
Фиребу бовари ноҷо муҳаббат буд, муҳаббат буд.

*15.02.2019*

* * *

Ману танҳои ҳамрозем, агарчи сад ғаме дорад,
Ҳавои гирякарданҳо аҷоиб оламе дорад.

Ману танҳои дар пушти дари пӯшида ҳайронем,
Ки қуфли орзуҳоям калиди муҳкаме дорад.

Даруни шаҳри ман охир, ҳазорон ҷашни Наврӯзист,
Валекин хонаи қалбам садои мотаме дорад.

Ману танҳоӣ мерақсем ба гирди оташи ҳиҷрон,
Суруди дарди инсонҳо раҳи печу хаме дорад.

Куҷо як ошиқе дидам, куҷо як содиқе бошад,
На рӯзӣ дораду бахте, на ёру ҳамдаме дорад.

Намеарзад ба он кас панду андарзҳои тӯлонӣ,
Зи дарки ҳақпарастӣ он ки эҳсоси каме дорад.

Аниса гарчи механдад ба рӯи олами фонӣ,
Вале чун абри пурғам доимо чашми наме дорад.

*20.02.2019*

* * *

Маҳтоби сари пушта,
Магзар ту маро кушта.

Пироҳани ишқи ман,
Бо хуни дил оғушта.

Андӯҳ бизад охир,
Бар сина дусадмушта.

Ғам хӯрданам одат шуд,
Субҳонаву нонушта.

Меҳри ту чӣ пайвандест?
Нагсаст кас ин ришта...

* * *

Чунон дер омадӣ, эй ёр, қисмат аз ту розӣ нест,
Шикасти дил, шикасти аҳд охир кори бозӣ нест.

Ҷавонӣ бар ҳадар бигзашт, ҳастӣ дарди сар бигзашт,
Дигар имкони роҳ рафтан ба дунёи маҷозӣ нест.

Найӣ асло ҳамоне, ки будӣ яктои ин қалбам,
Кунун олудаи ҷурмию домонат намозӣ нест.

Аҷаб як мафҳуми ноҷост ишқу ранҷҳои ишқ,
Агар асли муҳаббат дар шиори бениёзӣ нест.

Ҳамин ҳоло нигар бо чашми дил бар даҳри бесомон,
Ки ин ҷо имтиҳонгоҳест, ҷои сарфарозӣ нест.

Агар имрӯз шоҳи оламӣ, фардо гадои он,
Зи комгорӣ ба нокомӣ бидон, роҳи дарозе нест.

Ғаматро, мотаматро мешуморам, бо ҳисоби ашк,
Аниса зиндагии сода ин дарси риёзӣ нест.

*08.03.2019*

* * *

Наврӯз расид зебо, аммо на барои ман,
Ғамҳо шуда нопайдо, аммо на барои ман.

Он ёри куҳан имсол, гул ҳадя барад дарҳол,
Бо арзи муҳаббатҳо, аммо на барои ман.

Лаб хандаи маҷбӯрӣ созад ба баҳори сабз,
Дунёст тараб афзо, аммо на барои ман.

Он булбули бишкаста имрӯз зи ғам раста,
Гул ханда кунад барпо, аммо на барои ман.

Гар оташи наврӯзӣ, бо гулхани фирӯзӣ,
Ғамсӯзӣ кунад ҳар ҷо, аммо на барои ман.

Он сол ҳама бо ҳасрат, имсол куҳан монад,
Дигар шуда тақдирҳо, аммо на барои ман.

Сад дард даво ёбад, сад ғусса фано ёбад,
Мӯъҷиза шавад эҳё, аммо на барои ман.

*20.03.2019*

* * *

Магар ин ишқ медонад, ки дил дар банди озор аст,
Вафо хор, чашмҳо ҳайрон, зи зулму ҷабри он ёр аст.

Баҳорон мерасад дар кӯлвораш сад ҳазорон гул,
Валекин булбули шӯрида аз шаҳраш сафарбор аст.

Ҷазо омад қазо гуфтем, хато омад хати тақдир,
Барои мову ман ҳастӣ аҷаб печидаасрор аст.

Ба ҳизби ишқ ворид шуду бигрифт ҳуҷҷаташ ин дил,
Вале аъзои ин мазҳаб будан бисёр душвор аст.

Қарор буд , то биёӣ ғам маро танҳо гузорад, пас,
Надонӣ, бо ту паймон бастанам беҳудапиндор аст.

Даруни номаи сабзи табиат ашкҳо дидам,
Куҷо як ошиқе бошад ба кулфатҳо гирифтор аст.

Аниса, беҳтарин қисса ҳадиси ишқи Маҷнун аст,
Китоби бадтарини сол "Қалби ғуссабемор" аст.

*27.03.2019*

* * *

Ман аз андӯҳ мепурсам, ки нархи хушдилӣ чанд аст?
Дар ин бозор рақибам аз шикастам хуб хурсанд аст.

Суруди "хайрбодӣ" месарояд мурғи белона,
Садои ин дили ман дар гулӯи ишқ дар банд аст.

Дили ту санги хороест, шафқатро намедонад,
Ду чашмонат барои дил рабуданҳо ҳунарманд аст.

Ниҳоли ишқ баркандию тухми кина афкандӣ,
Намедонӣ, ки меҳрам бо гули бемаргӣ пайванд аст.

Аҷаб пандношунав ҳастӣ, ҷаноби дил, азобат бин!
Агарчанде, ки медонӣ, муҳаббат суфраи фанд аст.

Аниса, интихоби ту, азобу изтироби ту,
Ба достони "Ҳазору як шаб" афсӯс сахт монанд аст.

*28.03.2019*

* * *

Ҷаҳон аз ман чӣ мехоҳад, фалак аз ман чӣ мепурсад?
Забону дил ҳаросонанд, малак аз ман чӣ мепурсад?

Ба дарё афканам шасти муҳаббатро агар рӯзе,
Зи қаъраш нолагӯён он самак аз ман чӣ мепурсад?

Намакнопосдорон некиҳоямро надонистанд,
Хамӯшӣ мезанад фарёд, намак аз ман чӣ мепурсад?

Тамоми хеш бегона, ҳақиқат пучу афсона,
Бародар панд мегӯяд, амак аз ман чӣ мепурсад.

Шикаста ишқ мулки орзую ормонҳоям,
Пас, он соҳиби дарду мотамак аз ман чӣ мепурсад.

Ту душман хуб медонӣ ҳавои зиндагӣ сард аст,
Вале бедард ҳар бор одамак аз ман чӣ мепурсад?

*31.04.2019*

* * *

Гумон кардӣ, ки баъди ту дилам аз кор хоҳад монд,
Тани бе ҷону бе ҳис дар миёна зор хоҳад монд?!

Яқин кардӣ, ки баъди рафтанат ин соати умрам,
Пур аз зангор андар гӯшаи девор хоҳад монд?!

Ба худ гуфтӣ, ки бо танҳоиҳоям унс мегирам,
Паси девори андӯҳ номае аз ёр хоҳад монд?!

Ғалат кардӣ, ҳавои бе ту будан ҳам нафас дорад,
Агарчанде ки ёди бад зи ту ҳар бор хоҳад монд.

Ту рафтӣ осмони зиндагиям офтобӣ шуд,
Ба ҷои торикиҳо равшанӣ бисёр хоҳад монд.

Ба мисли як хазон боғи умедамро ғам овардӣ,
Кунун омад баҳор марзи вафо гулзор хоҳад монд.

*05.04.2019*

* * *

Ба номи Шоҳи яктову воҳид,
хуршеду моҳу ситора шоҳид,
Дунё набуда бар ман мусоид, дарди фаровон дорам.

Ба ҷодаҳои берангу холӣ, ба шаҳрҳои пур аз малолӣ,
Ба мулки андӯҳи безаволӣ, қисмати сарсон дорам.

Дар осмони ҳастии имрӯз, дар остони ишқи чигарсӯз,
Абраму борон пур аз ғаму сӯз, ашки баҳорон дорам.

Ин ҷо набошад дӯсту ҳабибе,
бар сари бемор н-ояд табибе,
Ин ҷо, ки дунёст, гӯянд насибе, нафрати инсон дорам.

Ин номаи дил, ба дардмандон,
ба дилшиносу ба мустамандон,
Аз ту малолам, эй чархи гардон, беҳуда исён дорам.

Қисмат яқинан маҷмӯи оҳӣ,
бори хатову бори гуноҳӣ,
Аз ту чӣ дидам, аз ман чӣ хоҳӣ?
Пурсиши осон дорам.

*19.04.2019*

* * *

Агар донам, ки фардо меравӣ, имрӯз мемирам,
Ба лаб изҳори ишқат бо алам, бо сӯз мемирам.

Агар бар гӯши дил ояд садои бевафоият,
Ба сад фарёди бе овози дардомӯз мемирам.

Ҳазорон соати ҷонам шикаст дар интизори ту,
Равию пас нагардӣ, балки чашмандӯз мемирам.

Мане, ки мағлуби дунёи дарду ғуссаи ишқам,
Ту бохтамро муборак гӯӣ, ман пирӯз мемирам.

Бидуни ту ҷаҳон орӣ зи хуршед асту бас торик,
Ба номи ишқ қасам чун шамъи шомафрӯз мемирам.

*25.04.2019*

* * *

Дар қалби ту бар ман, ки набуд ҷой, намонам,
Аз шаҳри ту бори ғаму ҳасрат бикашонам.

Абри сияҳе, дар ғами худ сахт бигиряд,
Ман ҳам зи ғамат ашки зиёде бифишонам.

Овораву саргашта ба ҳар гушаи тақдир,
Ахбори дили хастаи худро бирасонам.

Дар вазну қавофиву дар ин даҳр нағунҷад,
Ғамнома, аламномаи андӯҳи гаронам.

Ин соати дил пораву бишкаста ба девор,
Ман аз паси ҳар сонияи умр давонам.

Чархи фалаке давр занад ғусса биёрад,
Ман қасд аз ин хомаи бечора ситонам.

*14.05.2019*

* * *

Ҳама аҳли ҷаҳон хубанд, фақат ӯ не,
Дари хушбахтӣ мекӯбанд, фақат ӯ не.

Азизоне дар ин дунёи бемеҳрӣ,
Барои хеш маҳбубанд, фақат ӯ не.

Пас аз ошӯби дил аз кӯчаи маъшуқ,
Ғубори кина мерӯбанд, фақат ӯ не.

Агарчи ишқ эҷоди ғаму дард аст,
Гумонро сар ҳамекубанд, фақат ӯ не.

Дар ойни муҳаббат ошиқони ишқ,
Ба зидди ҷангу ошӯбанд, фақат ӯ не.

Дар ин шаҳри фиребу кӯчаи андӯҳ,
Ҳама хубанд, ҳама хубанд, фақат ӯ не.

*16.05.2019*

* * *

Ба Худо аз худу аз кулли ҷаҳон хаста шудам,
Зи фазои ғаму андӯҳи замон хаста шудам.

Дили бечораи ман сангиву фулодӣ набуд,
Зи ҳама дарди дилу кандани ҷон хаста шудам.

Ман аз ойини ҷафо, расми хато безорам,
Дигар аз ойинаи дарднишон хаста шудам.

Чӣ бало тақдири баргаштаву даврони ҳазин,
Зи қазову зи ҷазову зи зиён хаста шудам.

Ситами ишқу аламҳои дилам ашк шуданд,
Бирав, эй ғуссабиёр, аз ту чӣ сон хаста шудам.

Ту надонӣ, ки чӣ ранг аст хатари мурдани дил,
Дигар аз мотаму андӯҳи гарон хаста шудам.

*20.05.2019*

# Чашмаи сафо

* * *

Медонӣ муҳаббат чист?
Дарду ғами беҳуда.
Оғози гуноҳу ҷурм,
Бо домани олуда.

Медонӣ муҳаббат чист?
Бо ханда видоъ гуфтан.
Баҳри дили бишкаста,
Як умр дуо гуфтан.

Медонӣ муҳаббат чист?
Биншастану раҳпойӣ.
Бар мо чӣ расид аз ишқ?
Хок бар сари танҳойӣ.

Оҳ, аз ту чӣ мепурсам?
Донам, ки намедонӣ.
Чун омадию рафтӣ,
Бо ман ки намемонӣ.

## ТАЗОД

Ҳар қадамат шодӣ аст,
Ҳар қадами ман ғаме.
Ҳар нафасат дилхушист,
Ҳар нафасам мотаме.

Ҳар гунаҳе мекунӣ,
Пеши дигарҳо савоб.
Ҳар ситам аз дасти туст,
Пӯшидаву беҷавоб.

Мӯҳри хамӯши ба лаб,
Дасту дилам бар дуо.
Ёр зи пешам нарав,
Дар дилам ин иддао.

Номи ману номи ту,
Дар вараќи сурху зард.
Таќдири ту нек буд,
Бахти ман аз оби дард.

Ман, ки будам аз азал,
Гарду ғубори раҳат.
Оҳу вуболи дилам,
Оҳ, накунад огаҳат.

Панҷараи зиндагӣ,
Мурғи ҳавасҳо бикушт.

Дасти ғаме мезанад,
Бар дили сардам ба мушт.

Мову ту чун рӯзу шаб,
Давр занем дар ҷаҳон.
Сабзу шукуфон туӣ,
Сарду хазонам бидон.

Байни ману байни ту,
Фосилаҳо беадад.
Кош кунӣ эй Худо,
Бар мани мискин мадад.

* * *

Чӣ кунам Худои покам?
Ғами зиндагӣ маро кушт.
Ба касе ки шиква кардам,
Ба сарам фикандааст мушт.

Ки дарахти фитна биншонд?
Сари роҳи зиндагиям.
Нарасида офтобе,
Рӯи боми бандагиям.

Ки маро асири ғам кард?
Шаҳи дил ва ё ғуломаш.
Зи даруни ин асорат,
Бикунам дуои номаш.

Шаби ту пур аз саодат,
Дили ту пур аз муҳаббат.
Ғами рӯзи ман зиёда,
Ҳама ғуссаҳо ба комаш.

## ҲАДЯ

Бароям ҳадя кардӣ як сабад ғам,
Дарунаш нома аз ҳарфи ҷудоӣ.
Агарчи шодиҳоям буд ками кам,
Набуд лоиқи ишқам бевафоӣ.

Гули садбарги дастат хори ғам дошт,
Ба қалбам мехалид, эй вой тақдир.
Туро бо дигаре дидан алам дошт,
Дили ман кун китоби ишқ таҳрир.

Гуле додию табрикам накардӣ,
Ба рӯзи ифтитоҳи ишқсузӣ,
Сазои ман ҷазои ман ҳамин аст,
Маро гашта насиб ин тирарӯзӣ.

## ХАНДАИ ДАРД

Ба хазони дили бечораи худ,
Ба нигоҳи ғаму дард ханда занам.
Ҳар гаҳе гиря бигирад дили ман,
Тарафи ашку набард ханда занам.

Зи қассосу зи рақобат чӣ ҳарос?
Ки маро душману хасмам чу хас аст.
Ҷониби ҷӯйи муҳаббат биравад,
Ба хасу хору ба гард ханда занам.

Ҳама ин қисмати ман ранҷу азоб,
Накунам шиква табассум бикунам.
Чи баланду чи пур аз таънаи хуб,
Ман ба ин дӯстии сард ханда занам.

*10.03.2017*

## ЁДҲО

Дари танҳоиро куфтам,
Ки дур аз дарду ғам бошам.
Замини ёдро рӯфтам,
Ки орӣ аз алам бошам.

Мазори хотироти ман,
Пур аз гӯри хиёнатҳост.
Ба рӯи санги армонам,
Басо ҳарфи муҳаббатҳост.

Дили бишкастаам рӯзе,
Туро аз ёд хоҳад бурд.
Агарчи ишқи покамро,
Ба дасти бод хоҳад бурд.

## СОЯИ ДАРД

Ба Худо дард маро соя шуда,
Ҳар кучоe, ки равам пушти ман аст.
Ғаму андӯҳи ту сармоя шуда,
Дар кутуби алам ангушти ман аст.

Ин ҳам аз тақдиру аз бахти ман аст,
Ки ту ҳам тарк кунӣ хонаи дил.
Фоли бад рӯзии бас сахти ман аст,
Ки ҳақиқат нашуд афсонаи дил.

Ту зиёд аҳд шикастию дилам,
Ба туву ишқи ту нафрат накунад.
Он қадар зулму ситам кардаи ту,
Ба гаҳе шикваи қисмат накунад.

Дар чаҳони ҳавасу ишқу умед,
Гарчи бисёр харидори диланд.
Ғайри ту ҳеҷ таманно накунад,
Ҳама ошуфтаи ин кори диланд.

## МАЪНОИ АШК

Рақибам дар канораш ханда мекард,
Намедидам ду чашмам кӯри кӯр буд.
Дилам ин ҷурмро парванда мекард,
Аҷаб ин оби қисмат шӯри шӯр буд.

Ба ишқи туву бар соҳиби ишқат,
Надорам заррае ман рашку нафрат.
Дили ман бе иҷозат, то куҷо рафт?
Ҳазор нафрин ба дил овард машаққат.

Ту медонӣ, ки дар ин мактаби умр,
Наомӯхтам бе ту зистанро.
Ҷаҳон дар чашми ман якрангу беҳис,
Фаромӯш кардаам ман хештанро.

* * *

Номат дигар нагирам,
Оҳ, сӯхта дар нагирам,
Бемор кардӣ қалбам,
Онро хабар нагирам.

Дилро муҳаббатат бас,
Як ними сӯҳбатат бас,
Мағрури ишқ ҳастӣ,
Моро ин одатат бас.

Дар кӯчаҳои шаҳрам,
Дил монда дар кучое,
Акнун чаро биҷӯям,
Аз нокасе вафое?

Аз базми гул баҳорон,
Савту суруд наомад,
Дил захри ишқ нӯшид,
Дигар ба худ наомад.

Як умр қиссаи мо,
Афсонаи нишастест,
Оғози он ғамангез,
Анҷомаш аз шикастест.

* * *

Зи дурӯғи ростинат,
Зи фиреби дар каминат,
Зи ҳама хатою кинат,
Ба Худо хаста шудам.

Ба куҷо равам, наоям,
Ки ба ғусса ошноям,
Зи давоми гуфтаҳоям,
Ба Худо хаста шудам.

Зи суоли беҷавобам,
Зи гуноҳу ҳам савобам,
Зи ҳазору як китобам,
Ба Худо хаста шудам.

## ШАҲРИ ТАНҲОӢ

Дигар ман қотили ишқам,
Ки тифли ишқро куштам.
Даруни маҳбаси ин дил,
Ғами ӯ мезанад муштам.

Дигар ман душмани дардам,
Ки умре ашкҳоям рехт.
Дар ин ҳасратсарои даҳр,
Аҷаб хоки вуҷудам бехт.

Дигар ман бахт мехоҳам,
Барои ту, барои худ.
Ҷудоӣ кори худро кард,
Ба рағми гуфтаҳои худ.

Дигар ту ғолиби дардиву,
Ман мағлуби ин дунё.
Раҳат ҳамвору озод аст,
Даруни ғуссаам танҳо.

Кӣ мепурсад зи андӯҳам?
Чу рафтию намеоӣ.
Маро пас бо Худо бигзор,
Даруни шаҳри танҳоӣ.

## ЗИ ҒАМҲОЯТ

Зи ғамҳоят куҷо ҳам мегурезам?
Даруни шодию хурсандии даҳр.
Шароби ханда менӯшам дамодам,
Вале дар коми ман талх аст, чун заҳр.

Тасаллӣ медиҳам ин мурдадилро,
Ки бе ӯ зиндагиям хуби хуб аст.
Худоё, ранги рӯзам чун шаби тор,
Ки гӯи офтобамро ғуруб аст.

Зи ишқи беҷавобу мурдаи хеш,
Ба худ рӯзномаи ғамҳо кушодам.
Ба ҳар як сафҳааш номи ту сабт аст,
Китоби номуродӣ ном додам.

Зи ғамҳою аламҳои ту имрӯз,
Даруни шаҳри андӯҳ гуми гумам.
На кас пурсад зи ман, ки дар куҷоям,
Намесозад мадад тақдири шумам.

## ЁДИ ЁДҲО

Ба қалбам ёди ӯ сабт аст,
Вале бо ёди ман кай буд?
Ҳамеша дар бало ғарқам,
Пайи имдоди ман кай буд?

Хазон ҳамсони тақдирам,
Зимистон бо дилам монанд.
Ва дунё ҳамшабеҳи ту,
Маро афсонаат хонанд.

Ту кай огоҳӣ аз дардам?
Надони чист сарсахтӣ.
Ба шодии камат хуш бош,
Ба ман оварди бадбахтӣ!

## ҒАМБИЁРИ НОШИНОС

Саргузашти ишқи ман афсона не,
Ман аз он ғамномаи дил сохтам.
Он касе, ки бо дилам буд ошно,
Солҳо бигзашту ман нашнохтам.

Каҳрамони ишқи ман гумном буд,
Нақши ӯ буд ғамбиёри ношинос.
Нақши ӯ бозингари садҳо дуруғ,
Бевафо, беаҳду шахси носипос.

Бо муҳаббат қаҳриву дар нафратам,
Ки маро дар зиндагӣ мағлуб кард.
Сад ҳавасҳое, ки дар дил доштам,
Бо дурӯғу бо ҷафо саркӯб кард.

## ДУОИ ШАБ....

Бигӯ эй дил, бигӯ эй ақлу эй ишқ!
Чӣ сон ӯро кунам аз ёд берун?
Надорад нисбати ман меҳри андак,
Муҳаббатҳои ман бас гашта афзун.

Гунаҳ дар чашми ман тобад савобе,
Ба гӯшам ҳар дуруғат мисли ҳикмат.
Наметарсам зи андуҳу азобе,
Аҷаб шармандаам кардӣ муҳаббат.

Ман аз ту қасди қисмат меситонам,
Ту аз ман меситонӣ пораи дил.
Ту ҳар дам мерасӣ бар ёди ҷонам,
Вале ишқам ба пешат ҳаст ботил.

Худоё, эй раҳобахши ғаму дард!
Дари шаҳри дурӯғаш баста гардон.
Маро бар даргаҳи покат аз ин пас,
Канизу чокару вобаста гардон.

*11.02.2018*

* * *

Давидам то сари роҳи ҷудоӣ,
Ки пайвандам ҳазорон пораи дил.
Расидам бар хазони бевафоӣ,
Баҳори рафтаеро карда тафсил.

Ҷудои гуфт инак омадам ман,
Ки гирам аз муҳаббат имтиҳоне.
Ғаму андӯҳ хандиданду гуфтанд:
Дигар танҳову танҳо хаста монӣ!

Зи бахту рӯзиям кардам тавалло,
Умеду орзуямро нагиранд.
Вале ҳукми нави тақдир ин аст,
Ки бояд орзуҳоям бимиранд.

*11.02.2018_23:00*

* * *

Аз мо, ки рабуданд дилу соҳиби дилро,
Мо арзу шикоят ба дари адл накардем.
Дунё, ки бувад раҳзану ғоратгари дигар,
Пас, ҷангу маломат ба сари адл накардем.

Дар пеши назар ишқу ҳавасҳои диламро,
Табдил ба дарду ғаму андӯҳ намуданд.
Бурданд ба ғорат тарабу бахти накӯям
Азбаски ҷудо ҷони ман аз рӯҳ намуданд.

Мо даъвии хушбахтиву хушҳолӣ надорем
Як гӯшаи танҳоиву дилсардӣ ба мо бас.
Дардномаву ғамномаи моро нафурӯшед!
Эй толиби шаҳрошӯбу шӯҳратхари нокас!

*15.02.2018_11:00*

## ПАС АЗ РАФТАҲО

Умре дар ин дил ҳасрат аст,
Як умр армонҳои сард.
Умре надорам рӯзи хуш,
Дорам фақат андӯҳу дард.

Умре ба роҳи ишқи ту,
Рафтам ба кӯи иштибоҳ.
Маъно надошт рафтори дил,
Дидам фақат маҷмӯи оҳ.

Аз бохтҳои барзиёд,
Тарк мекунам бозии нард.
Дунёи бозингар бидон,
Асло ба ман мардӣ накард.

Аз хоки ишқи нобарор,
Сохтам ғамистон дар ҷаҳон.
Эй войи қалби пурфигор,
Афсӯси ишқи пурзиён.

Бо ту муаммо доштам,
Аз ишқу аз қисмат басе.
Имрӯз, ки таркат мекунам,
Дар кӯчаҳои бекасӣ.

Дар роҳи армони бузург,
Фардои ман пайдо нашуд.

Ганҷе, ки доштам дар дилам,
Арзон буду савдо нашуд.

Эй хомаи ғофил зи дард,
Бинвис аламҳои дилам!
Тасвир кун, то метавон,
Ин мазраи беҳосилам.

* * *

Ман кунун ҳамсафари боронам,
Гулхани хотира меафрӯзам.
Баргҳои ғаму андӯҳи туро,
Ба дарахти ҳавасам медӯзам.

Ман кунун ҳамсафари абри сияҳ
Меравам мулки ғарибонаи хеш.
Ба сари тақдири худ меборам,
Ашкҳо аз дили бечораву реш.

Ман кунун ҳамсафари ғамҳоям,
Меравам хайр, паноҳат ба Худо.
Бар дилат мӯҳри фаромӯшӣ бизан,
Амри тақдир набуд хоҳиши мо.....

Зиндагӣ бо ману бо дарзаи ғамҳои дилам розӣ нест,
Оҳ, пурхӯрдани ин хирмани ғам бозӣ нест,
Чӣ нависам зи бароят,
Чӣ бигӯям эй дил!

* * *

Коркарди ҳама корхонаи
　　　　ин қисмати ман, яъне ғамсозӣ нест?
Эй ғами якраву ҷовид,

Ба дилам такя макун.
Дили бечораи ман обилаборон шудааст,
Сахт ҳайрон шудааст.
Сабру тамкин зи бараш,
Бас гурезон шудааст.
Чӣ кунам, дард фарогири ман аст,
Ғуссаҳо ҳосили тақдири ман аст,
Субҳи ғам номарасони алам аст,
Гиря андозаи занҷири ман аст.

## ДУОИ ҚАЛБ

Худоё! Синаам холӣ зи умед,
Ба ҳоли зори ман ғам гиря дорад.
Азизамро магир аз ман илоҳӣ,
Бароям ҷумла олам гиря дорад.

Падар аз мо бирафт, дигар наомад,
Ба мо бигзошт андӯҳи азиме.
Худоё! Модарамро ту нигаҳ дор,
Қабул гардон дуои як ятиме.

## ИШҚ

Китоби кӯҳнаи ишқ аст дар дастам,
Ва онро сад ҳазорон сол мехонам.
Фиребат саҳнаи ишқ аст, то ҳастам,
Ки онро рост медонам.

Ва мисли қаҳрамони филм,
Бароям арзише дорад.
Агарчи ин дили бечора,
Аз ғам сӯзише дорад.

Аҷаб навмедгоҳи ишқ ҳузнин аст
Пур аз сад нафрату кин аст.
Диле ки саҷдаи ишқ кард,
Хоин аст, хоин аст!!!!

* * *

Ман ғариби роҳи ишқам,
Ман қариби дарду ғамҳо.
Дар куҷое бахт гум шуд,
Дар диле нақши қадамҳо.

Ман мусофири ҳақирам,
К-аз пайи сад обурӯ рафт.
Чиптае дар дасти ман монд,
Чархболи орзу рафт...

Ман дар ин шаҳри ғарибон,
Зери айнакҳои обӣ.
Дар табассум гиря дидам,
Оҳ дунёи ниқобӣ...

Дафтари сабти муҳоҷир,
Пур зи ҳарфи изтироб аст.
Зангҳояш, номаҳояш,
Бечавоб аст, бечавоб аст.

* * *

Ҳазорон орзу дорам,
Ҳазорон яъсу навмедӣ.
Чи рӯзҳои сиёҳу талх,
Надорам шоми хуршедӣ.

Ҳазорон номаи ғамро
Чу як афсона бахшидам.
Дили девонаи худро,
Ба як бегона бахшидам.

Ба шабҳои сиёҳ, эй дил,
Бисӯзу сӯхтан омӯз.
Ба холи ман чи механдӣ?
Аё эй ишқи оламсӯз.

* * *

Ҷойи ту холию холӣ,
Синаам пур аз малолӣ,
Оҳ, гули умед мурда,
Дар дили ман хушксолӣ.

Хонаат бе ту мазорест,
Хомушу бе эътиборест,
Пур зи хузни рӯзгорест,
Ку баҳори хурдсолӣ?

* * *

Баҳор ҳам гузаштанист,
Ҷавонӣ ҳам чу рафтанист,
Дилам ба ноумедиҳо,
Чӣ гуна аҳд бастанист?

Ҳамон расанди меҳри ту,
Ба пойи дил, ки баста шуд,
Зи оташи низоъу рашк,
Чи сода-сода канданист.

Ғубори ҳасрате зи ишқ,
Ки оварад шамоли дард,
Ба рӯи шишаи дилам,
Худои ман, нишастанист.

Гуле зи номуродиҳо,
Ба боғи хушки орзу,
Чу муждаи хазонҳо,
Шукуфтанӣ, шукуфтанист.

Маризи кӯҳнаест ишқ,
Ки дил сироят аст аз он,
Ба гӯри ёдҳои ман,
Дилам ҳамеша хуфтанист.

*26.06.2018*

## ШАҲРИ ҚОҒАЗУ ХОМА

Дар ин шабҳои бехобӣ,
Қалам бедору ҳам хома.
Маро ишқат куҷо овард?
Ба шаҳри қоғазу нома.

Ту рафтӣ бе видоъу хайр,
Дилам бечора пазмон аст.
Зи ишқи бечавоби худ,
Пушаймону пушаймон аст.

Туро аз зиндагии хеш,
Чу ҳарфе хат зад охир дил.
Наӣ ту ошно, аммо,
Фаромӯш карданат мушкил.

Шавад оё ҳамон рӯзе?
Бароям гардӣ бегона.
Шикастамро бипайвандам,
Туро бар ёд орам? На.

Шавад оё ҳамон рӯзе?
Зи бедарди бихандам боз.
Зи хушбахтиву хушкомӣ,
Кунам шодӣ, кунам парвоз.

Шавад рӯзе, ки афсона,
Ҳакикатномае гардад.
Суруди ишқи нокомат,
Дило! Шаҳномае гардад.

*29.06.2018*

* * *

Худоё! Модари ман ку?
Суроғаш омадам имрӯз.
Барои худ ҳамеҷӯям,
Кунун ман мушфиқу дилсӯз.

Худоё! Модарам ҷон буд,
Барояш зиндагӣ кардам.
Дилаш буд мазраи хушке,
Ки ман борандагӣ кардам.

Зи дуриҳои дури дур,
Садояш мерасад бар гӯш.
Вале санги мазори ӯ,
Худоё! Он қадар хомуш.

Худовандо! Зи ин дунё,
Ҳазорон бор гуфтам дод.
Ман охир модари худро,
Аҷаб бисёр кардам ёд.

## ДАР СУГВОРИИ ҲУВАЙДОИ БЕГУНОҲ

Афсӯси ту, эй тифлаки маъсуми баҳор,
Қурбони ҷаҳолативу қурбонии кор.
Эй кош, ки миллатам намерафт зи диёр,
Аз баҳри ду танга ҷон намедод ба шумор.

Ман қасди ту меситонам, эй хоҳари ҷон,
З-он кофари зишту аблаҳи ноинсон.
Эй кош, ки нангу номуси халқи маро,
Мекардӣ зиёда эй Худованди ҷаҳон!

## БЕ ТУ

Бе ту нафас чи танг аст,
Андар ҳавои қисмат.
Дунё бидуни ранг аст,
Эй маншаи муҳаббат.

Дар чорроҳаи умр,
Бе ту чи доғ-доғам.
Истода мунтазирам,
Ку раҳнамо чароғам?

Дар кӯчаю хиёбон,
Пинҳон туро биҷӯям.
Эй ними бахти некам,
Эй кулли орзуям!

Болидарӯҳ бароям,
Ҳар гаҳ садо диҳад дар.
Қалбам хамӯш гӯяд:
"Омад дубора модар".

Ҷуз ту касе набошад,
Ғамхору ғамбарорам.
Бе ту чи сон бибозам,
Ман нақши рӯзгорам.

* * *

Бе ту наметавонам,
Бе ту наметавонам.
Эй ҷони дардмандам!
Ганҷинаи ниҳонам.

Бе ту маро шигифтест,
Дар роҳи умри бекас.
Эй ҳамнишини танҳо,
Бар доди мурданам рас!

Бе ту ҳисоби дил гум,
Сад нақша пучу холӣ.
Ин зиндагӣ ба ман шум,
Бе ту пур аз малолӣ.

Қалбат насӯхт бар ман,
Эй модари пурармон!
Партофтию рафтӣ,
Моро дар (ин) ғамистон.

Бе ту наметавонам,
Ман беш зинда монам.
Мушкилкушои умрам,
Эй вой очаҷонам!

## МАНУ БОРОН

Ӯ бо ёри наваш хушҳол,
Чӣ исён мекунӣ рашкам?
Бибор борони ҳасратҳо,
Ту пинҳон мекунӣ ашкам.

Бибор борони сарди сард,
Сурудат саргузаштам шуд.
Ба оҳанги ту мерақсам,
Ба ғамҳо бозгаштам шуд.

Ману борон мегирейем,
Ману борон ғам дорем.
Ҳамеша чашм дар роҳем,
Ситамҳою алам дорам.

Ҳавои абру боронӣ,
Ту ҳамсони дили мойӣ.
Самои дил, чӣ хунбориш!
Ба хобам ҳам намеойӣ.

*20.09.2018*

## НАОМАД

Наомад он ки баҳраш шеър сохтам,
Наомад зиндагиро сахт бохтам.

Наомад интизораш санг гаштам,
Наомад қиссаи беранг гаштам.

Наомад, то бубинад мушкили ман,
Шикастапора гашта ин дили ман.

Наомад, то гурезам шаҳри армон,
Наомад, то бимирам рӯйи дастон.

Наомад шоядам гаштам фаромӯш,
Чу гӯри мурдагони даҳр хомӯш.

Маро ҳасрат ба дил ашкам чу рӯдест,
Ва ишқ афсонаи “буду набудест”

## МАРГИ ДИЛ...

Бигзоштану бигзаштани ишқ сахт гарон аст,
Ғам хӯрдани дил одати ҳаррӯзаи ман шуд,
Дар кӯчаи армону умедҳои дили реш,
Биншастану бигристану дарюзаи ман шуд.

Чашмони ман аз мотами дил қисса бигӯянд,
Дастони ман аз домани тақдир бигиранд.
Дар маҳбаси ғам орзуву армону сад икдом,
Аз бегунаҳи пой ба занҷир бимиранд.

Эй қалби ҳазин, бори ғамамро накашонӣ,
Пас бозии ту бо мани бечора гуноҳ аст,
Ман маҳбуси ишқам, раҳи озодӣ надорам,
Тақдири бадам бар дари ин ҳасти гувоҳ аст.

Эй дил, дигарам ҳеҷ гаҳе бо ману дафтар,
Ҳарф аз ғаму андӯҳ магӯ, шеър наояд.
Дар мотами худ гиря макун, қисса тамом аст,
Марги ману ишқи ту кунун дер наояд.

*25.05.2019*

* * *

Ҳанӯзам гиря мерезад зи боми орзуи ман,
Ҳанӯзам пораву абтар сутуни орзуи ман.
Ҳанӯзам мерасад бар гӯши девору дари андӯҳ,
Садои нолаву фарёду бо худ гуфту гӯи ман.

Агар чи сад ҳазорон сол бигзашт аз ғами ишқат,
Намонда ҳеҷ доғе аз садои мотами ишқат,
Дигар ҳам нест роҳе дар фарози пурхами ишқат,
Вале дорад умеде боз чашми ишқҷӯи ман.

*30.06.2019*

* * *

Моҳтоб дар боми мо нест,
Равшанӣ дар шоми мо нест,
Қуръаи некахтариҳо,
Ҳеҷ гоҳ бар номи мо нест.

Дар замини ноумедӣ,
Донаи бовар дурудам.
Гоҳ-гоҳе дар дили худ,
Орзуҳоро сурудам.

Ғуссаҳоро дарза кардам,
Сарнавиштам ҳарза кардам.
Зиндагии беҳадафро,
Тӯшаи ҳаррӯза кардам.

*06.07.2019*

* * *

Ман туро пазмонам,
Бидуни ҳеҷ ҳисоб,
Ёд кардам ба Худо,
Дер наё баҳри савоб,

Омаданҳои ту ҷашну тараб аст,
Баҳри бишкастадилам,
Шеъри мотам масаро,
Ғам мазан обу гилам.

Чӣ қадар пазмонам,
Ман туро, эй борон!
Чашми боронии ман,
Мунтазират нигарон.

Ашки чашмони маро,
Боз биё, пинҳон кун.
Эй рафиқи ғами ман,
Мушкилам осон кун.

## ХИТОБ...

Эй азизе, ки надиди ғами пинҳони маро,
Зоҳири кӯҳначаҳон боиси тавсиф набуд.
Сад рақам ишқ навиштӣ ва ҳазор ҳарфу ҳиҷо,
Адади аҳди дилат лоиқи тасриф набуд.

Рафтанат фочеа нест, сабр рафиқ аст маро.
Гиряфарёди биёҳои дилам осон нест.
Истгоҳи аламам кӯҳнаву фарсуда шуда,
Роҳи ҳиҷрони маро баски дигар поён нест.

Ишқ аз пушти дари ғусса видо гуфт маро,
Ханда ҷон канду сипас дасти дуо гуфт маро.
Эй аниси аламу ҳасрату танҳоии ман,
Дили ту шуд магар, бин ки чиҳо гуфт маро.

Ман ба рағми ҳама дунё, ҳама ноадлии даҳр,
Ман ба рағми ғазаби қисмати шӯридаи худ,
Ишқи нокоми туро ҳифз кунам, то дами марг,
Бо ҳазор хотираву ашки ғами дидаи худ.

*14.08.2019*

## ВИДОЪ...

Лаҳзаи омаданатро ба Худо,
Мунтазирам ту магар медонӣ?
Аз барои дили садпораи ман,
Як азизе, ки будӣ, мемонӣ.

Ба ҳаёҳӯи дилам бовар кун,
Ки ба ту меҳри зиёде дорад.
Агарам дасти ғурур пурзӯр аст,
Зи ту пазмониву ёде дорад.

Ту кучоӣ, ин чӣ тасмими бад аст?
Тарк гуфтан дили ғамгини маро,
Олами зиндачудои хуб нест,
Мафурӯш косаи тамкини маро.

Ту бидуни ману ман бе ғами ту,
Нақшаи зиндагӣ барбод кунем.
Дили худро бизанем оташу баъд,
Хотири душмани худ шод кунем.

Рафтӣ, тасмими туро медонам,
Бозгаштан ба ҷаҳони дигар аст.
Бахт ёрат, бираву ором бош,
Зиндагӣ гиряву чашмони тар аст.

*17.08.2019 09:58*

* * *

***Ба рӯзи Иди касбии табибон...***

Осон набувад дард ба дармон бирасонӣ,
Виҷдон, ки бувад бори гароне, бикашонӣ,
Аз хеш гузар созию худхоҳӣ биронӣ,

Эй он, ки табибӣ, ҳадди инсоф нигаҳ дор,
Бо кулли ҷаҳон шафқату алтоф нигаҳ дор.

Эй ворисӣ Сино, бинамо машъали дониш,
То уқдаи мушкил бишавад фатҳу кушоиш,
Ин пешаи ту нест ягон гуна намоиш!

Бояд, ки давобахшу шифокор бимонӣ,
Бонангу ватандӯсту ватандор бимонӣ.

Заҳматталаб аст касби туву пешаву корат,
Уммед ҳамебахшӣ ба бемори диёрат,
Эй кош, накӯӣ бишавад кулли шиорат.

Сад бор муборак ба шумо Иди табибон,
Поянда бимонад раҳи испеди табибон.

*19.07.2019*

* * *

Ту бароям ғазалӣ,
Ту ки як шеъри ғамӣ,
Ба дари мактаби ишқ,
Ту китоби аламӣ.

Ва туро саҳфа задам,
Ҳама такрори хато.
Ку адолат ба ҷаҳон?
Ту зи шаҳри ситамӣ.

Ту сабабгори бало,
Ки расидиву расид.
Туӣ сангинбунёд
Мӯҷиби чашми намӣ.

Ва туро пазмон аст,
Дилаки содаи ман.
Чи қадар армон аст,
Ки барояш ту камӣ.

# ҲАМА ҶО БОРОН АСТ

Ҳама ҷо борон аст,
Ваҳ садояш чу суруд,
Чашми дил гирён аст.
Зиндагӣ шодӣ набуд.

Ба ғазалпораи дил,
Саду як зораи дил
Ғами бечораи дил,
Гиряҳо ханда нашуд.

Ва маро дар ёд аст,
Ашки ту, шевани ман
Ишқ худ фарёд аст,
Қиссаи буду набуд.

Кош рӯзи бади ман,
Мисли борони ҷаҳон.
Софу хуршедиву гарм,
Мешуд оҳ зуди ба зуд.

Ману ту пазмонем,
Пеши ин сарҳади дил,
Лек ҷудоем ҳама умр.
Ишқ буд оташу дуд.

*31.10.2018*

* * *

Модарам, имрӯз мавлуди ман аст,
Дар яке аз рӯзҳои тирамоҳ.
То маро оварди рӯйи ин ҷаҳон,
Диди садҳо дардҳову сӯзу оҳ.

То ки умри тирамоҳии дилам,
То баҳоре тай кунад сабзе шавад.
Буд дуои неки ту оби хаёт,
Мазраи хушк дар ғами қарзе шавад.

Аз саробе мекунад чашми умед,
Аз ғамобе даст мешӯяд дилам.
Чун гулобе буйи модар мекунад,
Лолагуна боз мерӯяд дилам.

Тирамоҳон омадам бар диданат.
Дар баҳорон гум кардам ман туро.
Кай бубинам боз ман хандиданат?
Ҷустуҷӯ дар марзу бум кардам туро.

Зодрӯзи ман кунун ғамрӯз шуд,
Хат занам аз тақвими дил рӯзи ид.
Ҳеч муборак нест, бе ту модаро!
Шодию хурсандию рӯзи саид.

## БАРОИ МОДАР

Зи пазмонию сӯзи умрбодӣ,
Ва ҳам аз кӯчаҳои номуродӣ,
Кунун аз ҳар навори суру шодӣ
Аё модар суроғат мекунам ман.

Замини орзуҳо хушку беоб,
Ниҳоли бахти мо пусида дар хоб,
Дили бечора хунин асту нотоб,
Аё модар суроғат мекунам ман.

Ба ғамҳо дӯсту бо хушнудӣ душман,
Касе бишқастатолеъ нест чун ман,
Сарамро мезанам бар кӯю барзан,
Аё модар суроғат мекунам ман.

Ба мо меҳр додию дунё надидӣ,
Фақат захри ғаму ҳасрат чашидӣ,
Гули мақсуди худ боре начидӣ,
Аё модар суроғат мекунам ман.

Ғамат як номамотам шуд бароям,
Ва кунҷи ноумедӣ гашт ҷоям,
Зи ту афсӯсу вовайло ҷудоям,
Аё модар суроғат мекунам ман.

*21.11.2018*

## ҚИССАИ ҒАМ

Умр беҳуда гузашт,
Пайи нобуда гузашт.
Қисмати духтари ғам,
Оҳ, носуда гузашт.

Дил ба армон нарасид,
То баҳорон нарасид.
Гиря омад ба гулӯ,
Лек ба мижгон нарасид.

Ғами ман тоза набуд,
Бахт овоза набуд.
Он қадар дард расид,
Ҳеҷ андоза набуд.

Шаби ман рӯз надошт,
Шамъи ғамсӯз надошт.
Душмани ишқ ҳазор,
Ёри дилсӯз надошт.

Боз фасли ғами дил,
Боз ёде зи баҳор.
Дар самои дили ман,
Турнаи ғусса қатор.

## Барои беҳтарин дӯсту ҳамрозам,
## Фарзона Саидумронзода

Магӯ, ки дер шуд тайёраи бахту накӯӣ рафт,
Худое ҳаст, азизе ҳаст, дуое ҳаст.
Ба роҳи қисмати бераҳму ранҷи беш,
Ба бовар бош, як мушкилкушое ҳаст.

Агарчи гаштаи қурбони ин тақдир,
Худоям чораву тадбир месозад.
Зи ашки бегуноҳии ту аз ин пас,
Ҳазорон абрро занҷир месозад.

Дар ин зиндони ҳастӣ дод бояд гуфт,
Фақат озодиву девонагӣ бояд.
Чу ту олиҳаи зебои ин дунё,
Дар ин ғурбатсаро фарзонагӣ бояд.

Ману ту дардҳои муштарак дорем,
На, балки ғуссаҳои кулли ин дунё.
Бароям хӯрдани ғамҳои ту қарз аст.
Бароям менамоӣ равзани фардо.

*17.05.2019*

# Дар партави осори бузургон

## ШУКРИ СОЛЕ, КИ ГУЗАШТ

Аз паси равзанаи хонаи дил,
Паси армони пурафсонаи дил,

Дидам ин соли куҳан мегузарад.
Хилъати ғусса ба тан мегузарад.

Чи қадар дард бирехт дар сари мо,
Хоки навмедӣ бибехт бар дари мо.

Чи қадар ханда рабуд, шодӣ надод,
Ба дилам нусхаи озодӣ надод.

Чи қадар додугирифти аҷабе,
Ҳама сол умр гузашт мисли шабе.

Вале бар даргаҳи он ҳазрати Шоҳ,
Шукр гӯям, шукри ҳар ғуссаву оҳ.

* * *

Асири ишқ шод аст дар асорат,
Вазири вақт шод аст дар вазорат,
Амири шаҳр нозад дар аморат,
Вале мо дар лаби рӯди ғамастем,
Хамеша дилфигору дар шикастем.

Яке тай мекунад кайҳону маҳро,
Дигар фармон диҳад кулли сипаҳро,
Саввумин мефурӯшад хонақаҳро,
Даруни хона бо ғамҳо нишастем,
Ба рӯи худ дари шодӣ бубастем.

Ҳама бо худ зару ганҷина доранд,
Ва ё умеди дил дар сина доранд,
Ҳазор хушбахтии нақдина доранд,
Чӣ созем аз ҳама дунё гусастем,
Ба мулки бекасӣ танҳопарастем.

Ба мо қисмат бидод дарду алам беш,
Занад ҳар нокасе болои захм неш,
Чӣ созам бо чунин чархи бадандеш,
Китоби нобарориҳо ба дастем,
Мудом бо рӯзгори пасти пастем.

*02.03.2017*

# ҶАВОНӢ

Ба бозӣ-бозӣ,
Ба сад ниёзе,
Ба нағмасозӣ,
Чӣ гуна рафтӣ,
Ҷавонии ман?

Ба баргрезӣ,
Ба ашкрезӣ,
Ба тезӣ-тезӣ,
Чӣ гуна рафтӣ,
Ҷавонии ман?

Ба хоби масте,
Гуле ба дасте,
Ба ҳар шикасте,
Чӣ гуна рафтӣ,
Ҷавонии ман?

Ба дарду шодӣ,
Ба номуродӣ,
Ба хайрбодӣ,
Чӣ гуна рафтӣ,
Ҷавонии ман?

Ба оху афғон,
Ба сузи пинҳон,
Дар ин ғамистон,
Намуна рафтӣ,
Ҷавонии ман....

* * *

Агар бини ду соҳил ё ки ду роҳ,
Ва ё афтода бини зери ин чоҳ,
Агар бемори дарде мекашад оҳ ,
Бишав аз ишқи нокоми ман огоҳ
Бидон омад ҷудоӣ байни моён,
На ман ғамгинаму не ту пушаймон.

Ману ту чун замину осмонем,
Чу шарқу ғарбу ҳамчун дидагонем,
Агарчи камтарини ин замонем,
Бимирем гар зи якдигар бимонем,
Зи ёдам рафтанат ҳеҷ нест осон,
Агарчи кандаи ту аҳду паймон.

# МАРГИ ДИЛ

Зи ғуруру худписандӣ,
Ва зи пастиву баландӣ,
Зи азобу дардмандӣ,
Дили сода ҳам фано шуд,
Ба умеди марги мо шуд.

Ва дигар алам намонда,
Ба замона ғам намонда,
Ба ҷаҳон ситам намонда,
Ки надида бошад ин дил,
Начашида бошад ин дил.

Агар орзу сароб аст,
Ва ду чашми бахт хоб аст,
Ҳама зиндагӣ азоб аст,
Сари ғамбиёри қисмат,
Дили ман, мазан маломат.

Сари кӯи интизорӣ,
Ба ҳазор умедворӣ,
Зи ду дида ашк ҷорӣ,
Бинишинаму наоӣ,
Чи балост, дил, ҷудоӣ.

Бишикаст соати дил,
Зи ғами муҳаббати дил,
Чу надид саодати дил,
Ба ту сатри хайрбодӣ,
Ки диле ба марг додӣ.

## ТИРАМОҲ

Тирамоҳу тираруӯзӣ,
Дар фазои рӯзгорам,
Ман азизи рафтаеро,
Дӯст дорам, дӯст дорам.
Бо дуои субҳгоҳӣ,
Рӯзҳоро мешуморам.

Бо ҳама беаҳдиҳояш,
Бо тамоми ғуссаҳояш,
Иштибоҳу ҳар ҷафояш,
Мунтазири як баҳорам,
Ишқро бо ҳар хазонаш,
Дӯст дорам, дӯст дорам.

Баъди садҳо барфу борон,
Баъди қарни ишқу ҳиҷрон,
Гашта сокини ғамистон
Ман ба ту коре надорам,
Узлату танҳоиямро,
Дӯст дорам, дӯст дорам.

# Номаи садоқат

Ту бо ман бевафо будию ҳастӣ,
Паи ҷабру ҷафо будию ҳастӣ.
Ба қалби дардманду реш-решам,
Ту ҳам нуру сафо будию ҳастӣ.

* * *

Ту дил, дар кардаҳои худ асирӣ,
Ғами моро чаро боло бигирӣ?
Ман андар кӯдакиҳо-т дар шигифтам,
Фиреберо муҳаббат мепазирӣ.

* * *

Агар дил рафт аз дастат дигар барнамегардад,
Ҷавонӣ рафт аз шастат дигар барнамегардад.
Агар он ёри деринат барбаст рахти рафтанро,
Дигар бар сӯи он девору он дар барнамегардад.

* * *

Зи сароби зиндагонӣ биравам дигар наоям,
Зи ҷаҳони нотавонӣ биравам дигар наоям.
Ту ки рафтӣ омадӣ боз, ғами мо намуда оғоз,
Зи дурӯғи инзамонӣ биравам дигар наоям.

* * *

Шарҳи ҳоли сангҳоро хондаам,
Мақсади бенангҳоро хондаам.
Сарҳисоби ҷангҳоро хондаам.
Ҳарчи мепурсӣ маро аз ман мапурс!

* * *

Ман дилеро дар бало афкандаам,
Пеши чашмони ту зишту гандаам.
Оҳ, аҷаб ки то ҳанӯз ҳам зиндаам.
Ҳарчи мепурсӣ маро аз ман мапурс!

* * *

Биё тақсим кунем мо ин ҷаҳонро,
Кунем қисмат каму беши замонро.
Бигир шодию хурсанди ба ҳадде,
Ба ман бигзор дарду ранҷи ҷонро.

* * *

Ту рафтӣ баъди ту соат қафо рафт,
Зи шоми тира умеди сафо рафт.
Тамоми умр бо ҷурму ҷафо рафт,
Муҳаббат дар шумори рафтаҳо рафт.

* * *

Таваккул бар Худо кардем умре,
Ба сӯи Ӯ дуо кардем умре.
Ки бахшой ҳар гуноҳу ҷурми моро,
Вале кори хато кардем умре.

* * *

Дигар чашми умедам сӯи фардо нест,
Дар ин зулматсаро рӯшноӣ пайдо нест.
Ҳунар хор беҳунар болонишин дар садр,
Чунин бозори паст дархури савдо нест.

* * *

Туро ман, ту маро то ҳаст дунё,
Биҷӯем якдигарро, ин чӣ савдо?
На ту ёбӣ саранҷоми муҳаббат,
На ман гумгашта ишқи кӯдакиро.

* * *

Аз ин дили ман фасли зимистон наравад,
Бемеҳрии ёр зи умқи ин ҷон наравад.
Як умр ба роҳат интизорам шабу рӯз,
Пазмонии дил зи сина осон наравад.

* * *

Дунё, дунё сазои ман ин набувад,
Аз бегунаҳӣ ҷазои ман ин набувад.
Бе корди аҷал бикуштиям дар сари роҳ.
Эй боиси марг қазои ман ин набувад.

* * *

Ин мулк пур аз андӯҳ, ин шаҳр пур аз дард аст,
Ойинаи қалби мо, оҳ, тираву пургард аст.
Дар кӯчаи мо як умр мотам буду шеван буд,
Гулҳои умеди ман чун фасли хазон зард аст.

* * *

Ба даргоҳи муҳаббат барнагаштӣ,
Ба зориҳои қисмат барнагаштӣ.
Ҳазорон бор мурдам аз ғами ту,
Ба маргам карда одат барнагаштӣ.

* * *

Муборак гӯ, ки бишкастӣ диламро,
Бисӯзондӣ тамоми ҳосиламро.
Даруни кулбаи ғам менишастам,
Чаро кӯфти дари ин манзиламро!?

* * *

Аз дори ҷаҳон дугонаи ман дард аст,
Охир чу хазон ҳамеша рангам зард аст.
Бо қисмати хеш дар набардам доим,
Дар бозии зиндагӣ басо номард аст.

* * *

Ҳама рӯз ба кӯчаи ғам бинишинаму наойӣ,
Ҳама шаб ба кунҷи мотам зи дарам намедаройӣ.
Чи кунам, ки хастаҷонам, раҳи қалби ту надонам,
Ту ки ҳар дақиқаву дам бинамойи бевафойӣ.

* * *

Зи ишқ бар ман ба ҷуз номе намонда,
Дигар бар умр иқдоме намонда.
Зи ҳастии ҷавонию нишотам,
Умеду шавқу илҳоме намонда.

* * *

Маро аз ишқ оҳанге намонда,
Дигар аз зиндагӣ ранге намонда.
Муҳаббат дод рамзи орзуям,
Кунун умеди фарсанге намонда.

* * *

Зи ман охир ба ҷуз хоке намонда,
Шууру ҳиссу идроке намонда.
Ҳаросе доштам аз рафтани ишқ,
Кунун аз рафтаҳо боке намонда.

* * *

Худоё! Дури дурам аз муҳаббатҳою ишқи дил,
Дили беишқу бе ранге Худоё ин қадар мушкил!
Дили моро ту лабрези муҳаббат кун, ки беморам,
Куҷост он роҳи ту эй Хақ шудам ман хешро қотил.

* * *

Баҳор ҳам мерасад, меойӣ, эй дӯст?
Ба мисли он парастуҳои ошиқ.
Бароям ҳадяи наврӯзӣ орӣ,
Бароят ҳадяам ашъори Лоиқ.

* * *

Салом эй беҳтарин ҳарфу ҳиҷоям,
Салом дар шаҳри ғурбат ошноям.

Дуруди ман ба ту ҳар лаҳзаи умр,
Гузашта интизорат солҳоям.

* * *

Эй дӯст зи ман дигар нагирӣ ту хабар,
Дил хонаи ғам шуду ду чашмам тари тар.
Як рӯз дар интизорият пир шавам,
Оҳ, куштани дил мусибате нест магар.

* * *

Эй дӯст, фидои ду чашмони ту шавам,
Ман хоки раҳу ҳам остони ту шавам.
Ҳарчанд ба дил дӯст надорӣ ту маро,
Қурбони муҳаббати забони ту шавам.

* * *

Зимистон асту корам барфбозӣ,
Зи худ норозиву аз барф розӣ.
Ману сардиву ин дил ҳамшабеҳем,
Ғаму дарду алам дорад дарозӣ.

* * *

Фазои хонаам сард аст, эй дӯст,
Дилам дар банди ҳар дард аст ,эй дӯст.
Баду хуби ҷаҳонро баршумурдам,
Замона ғуссапарвард аст, эй дӯст.

* * *

Зимистон асту сарди сард хона,
Надорад арзише баҳрам замона.
Ману танҳои ёри бовафоем,
Нишаста дар бари ҳам ҷовидона.

* * *

Ба барфистони қалбам ою мебин,
Ки ҷӯйи шодӣ ях бастаст, эй ёр!
Фақат андӯҳ дорад ҳукмронӣ,
Наояд офтоби ман дигар бор.

* * *

Аз дори ҷаҳон дугонаи ман дард аст,
Яъне чу хазон ҳамеша рангам зард аст.
Аз дарду алам қалам шикастам, э вой,
Тақдири мани қаламшикан номард аст!

* * *

Агар орзу намудам, ки туро бисохтам ман,
Ба азобу ғуссаи дил чу туро бибохтам ман.
Ғами ту ба дил асар шуд, ҳама даҳрро хабар шуд,
Ту маро надидӣ, аммо, ки туро шинохтам ман.

* * *

Бо хуни дил навиштам аз баҳри ёр нома,
Он ёр, вале нахонад марсияву чакома.
Мо мардуми қаламкаш, бо қисмати аламчаш,
Будем ғарибу танҳо дорад чунин идома.

* * *

Пас аз маргам махур афсӯси бисёр,
Ки умре зинда буд бо ёди ишқам.
Диламро баҳри ғамҳоят нигаҳ дор,
Ки танҳо дил шунид фарёди ишқам.

* * *

Ғами бисёр хӯрдан дар дилам зад,
Фақат соат шумурдан дар дилам зад.

Накардам баҳри худ ман зиндагонӣ,
Барои ёр мурдан дар дилам зад.

*24.02.2017*

* * *

Худоё! Дарди ҳиҷрони маро танҳо ту медонӣ,
Ҳама фикри парешони маро танҳо ту медонӣ.
Ғарибам, бекасам, дар интизори ёри бераҳмам,
Ду чашми чору ҳайрони маро танҳо ту медонӣ.

* * *

Баҳор омад зимистони дилам рафт,
Ғаму андӯҳи арзони дилам рафт.
Чу лола гарчи доғе монда аз ишқ,
Ситамҳои фаровони дилам рафт.

* * *

Наврӯз расиду лек ёрам нарасид,
Як муждаяке дар ин баҳорам нарасид.
Дил мунтазираш нишаст, то охири умр,
Ҷон дод зи ғусса бар мазораш нарасид.

* * *

Дар шохи дарахти дил ғам лона гузошт,
Аз нахли умед боғи вайрона гузошт.
Пинҳонӣ зи ғам ҳадиси шодӣ хондем,
Армону дурӯғи ишқу афсона гузошт.

* * *

Ҳазорон сол дар банди ғуломӣ,
Ҳазор соли дигар дар гумномӣ.
Чунон хӯрдам туро, эй ғам дамодам,
Ҳанӯзам кам нагаштӣ бардавомӣ!

* * *

Ҳазорон сол андар заҳмату дард,
Ҳазорон сол андар доми номард.
Ҳамин аст зиндагӣ оё Худоҷон?
Тамоми умр гуфтам ёр баргард.

* * *

Ҳазорон сол моему ғами ту,
Нишаста дар азою мотами ту.
Дило ту ин қадар бечора будӣ,
Надидам ҳеҷ касро ҳамдами ту.

* * *

Дидам, ки қатораи муҳаббат нагузашт,
Аз роҳи ду дидаи ту соат нагузашт.
Биншастаму бо ғами ту пайванд шудам,
Аз хотираам дигар ин одат нагузашт.

*02.06.2019*

* * *

Сода-сода дил бастам, гуфтани сухан мушкил,
Изтироби дил беҳад, интихоби ман мушкил.
Як гуле асири хор, дар миёни оташзор,
Булбуло, бикун такрор дурӣ аз чаман мушкил.

* * *

Эй, ки аз олами пурдард маро мехонӣ,
Ба ҷаҳони ҳама хубиву накӯии дилат,
Пораҳамҳои китоби ҳавасам медонӣ,
Ҳарфҳои дили ман гашта тагурӯи дилат.

* * *

Ҳамин ҳоло, ҳамин як лаҳзаи умрам,
Ҳазорон шукр эҳсосе ба ту дорам.
Вале ту саркашу бегонаи аз мазҳаби ишқам.
Муриди бевафою танбали дар мактаби ишқам.

* * *

Ман ҳамеша хомӯшам мисли санги рӯйи роҳ,
Ҳеҷ касе набуд охир аз ғами дилам огоҳ.
Лофи дӯстон дидан, аз ҷамоа бибридан,
Мезанам ба дашти ғам з-ин пас ин ҳама хиргоҳ.

* * *

Аё, эй субҳ, эй пайғоми ҳастӣ,
Аё эй дил, макони ғампарастӣ,
Чунон ёдат намудам, қатраборон,
Чаро аҳди қадимиро шикастӣ?

* * *

Ғуломи ҳалқабаргӯши дилем мо,
Зи хушбахтӣ сабукдӯши дилем мо.
Равад бар дор овезад худашро,
Чаро умре сияҳпӯши дилем мо?!

## АНДЕШАИ АНИСА БО ХУД

Бемораму танҳоӣ баҳси ману мо дорад,
Дасти аҷал аз пуштам оҳанги биё дорад.
Ин умр чи беқадр аст дар ӯ чу муҳаббат нест,
Чархи фалаки бераҳм бинед чиҳо дорад.

*26.05.2017*

## БАДӢ ДУНЁ

Хеле бадӣ эй дунё, мисли ту ман бад нестам,
Шояд, ки бад будам, вале бераҳми беҳад нестам.
Рӯзномаи ғам пури пур, он ёри дил аз дида дур,
Байни савобу ҷурмҳо афсӯс, ки сарҳад нестам.

* * *

Зи ёди ёдҳо бигрезам акнун,
Зи ғайру ошно бигрезам акнун.
Фирориям зи худ, то сарҳади марг,
Аз ин дори фано бигрезам акнун.

* * *

Ту дигар ба кӯчаи дил магузар, ки роҳ банд аст,
Ҳама ҳарфу ҷумлаҳоят асари фиребу фанд аст.
Дили пурғурур дорӣ, чи қадар сурур дорӣ,
Дили мо раҳиму пок аст, чу ситораҳо баланд аст.

* * *

То омаданат ханда набуд дар дили ман,
Як шеъри пароканда набуд дар дили ман.
Ту омадӣ, дил шикастӣ бечуночаро,
Пас мақсади оянда набуд дар дили ман.

* * *

Сафар дорам ба кӯйи номуродӣ,
Ба шаҳри ғуссаву дарди зиёде,
Аё тақдир ба ҷуз ғамномаи дил,
Ба ҷони хастаам дигар чӣ додӣ?

## ХУДО ҲОФИЗ, ЭЙ ДӮСТАМ!

Худо хофиз эй дӯсте, ки дар ёди дили моӣ,
Ба хобу лаҳзаҳои пурғами умрам ту пайдоӣ.
Сано бар ин дили бечора дарди ишқ бар душаш,
Нишаста интизорат дар ғамистоне намеоӣ.

* * *

Умре ба сарам дарду бало овардӣ,
Сад ғуссаву дард ҷудо-ҷудо овардӣ.
Ман сӯбҳи умедро зи дил меҷустам,
Бар хонаи дил рӯзи сиё овардӣ.

* * *

Имшаб, ки ситора дар само нест, чаро?
Ин қалби хазин зи ғам раҳо нест, чаро?
Аз дурии ту ба ғусса пайваст дилам,
Оғози ҳама рӯзи сафо нест, чаро?

* * *

Имшаб ба қалам алам намудам, ки навис!
Дарду ситамаш рақам намудам, ки навис!
Бечора қалам шикасту танҳо ба дилам,
Сад таънаи дам ба дам намудам, ки навис!

* * *

Шаб буд шабеҳи бахти ман, рӯзии ман,
Шеър аст барои ин ҷигардузии ман.
Як умри дароз, ки интизорат мондам,
Эй ишқи накӯву иди Наврӯзии ман.
Ғусса ҳам дар гузар аст, шиква макун,
Фараҳ аз кӯйи вафо меояд.
Шаб, ки зулмониву бе равшанӣ аст,
Боз ҳам субҳи сафо меояд.

* * *

Ман кӣ ҳастам? Поракоҳе,
Мунтазири як нигоҳе.
Рондаам аз шаҳри ишқаш,
Як ғарибі бепаноҳе.

* * *

Рафтию ғамат ин ҷост, ин ҳам ба бахти мо,
Як умр ба қасди мост, пешонии сахти мо.
Дар боғи умеди дил бисёр ниҳоле буд,
Хушкиду ба яғмо рафт, эй вой дарахти мо.

* * *

Шабасту хомӯшиву мову ёде,
Дили бишкаставу дарди зиёде.
Гуноҳу иштибоҳи диву имрӯз,
На орзуву на армону муроде.

* * *

Турову чашмҳои ошиқатро,
Куҷо дидам ба ёдам нест, аммо,
Суолам мекунанд чашмони обӣ,
Ки оё дӯст медори ту моро?

* * *

Чашми ту суол мекунад чашми маро,
К-эй дида киро дида гунаҳкор шудӣ?
Аз дасти ту дил пушти дари зиндон аст,
Бар мотаму марги ӯ сабабгор шудӣ.

* * *

Худоё! Ин ҷаҳон сар то ба по фанд,
Ба мисли кӯдакему медиҳад қанд.

Аҷал бо мо бувад даст бар гиребон,
Намегирем, вале мо ибрату панд.

*17.08.2017_19:15*

* * *

Ҷавонӣ мисли ин як дастаи гул,
Ки имрӯз тозаву фардо хазон аст.
Дили ту бо дили мо созгор нест,
Аҷаб дунё фиреб асту гумон аст.

*17.08.2017_17:00*

* * *

Магар монанди ман танҳотаре ҳаст?
Ба каъри чаҳ фитода ахтаре ҳаст?
Ҳама умраш китоби кӯҳнаи ишқ,
Дили бишкаставу чашми таре ҳаст?

* * *

Шикоят дар шикоят кори мо буд,
Зи нокоми ҳикоят кори мо буд.
Ба мо таҳдид мекард марги ин дил,
Зи он худро ҳимоят кори мо буд.

* * *

Дар мамлакати ишқ чу ин кишвари мо,
Ҷуз фанду фиребу ғаму андӯҳ дигар чист?
Ҳарчанд наояд ба касе боварии мо,
Хушбахттарин одами ин даҳр бигӯ кист?

* * *

Кай ғусса меравад зи дил, хушбахтӣ мерасад?
Дар интизори диданаш ман санги раҳ шудам.
То ишқ рафт, дил шикаст, дардам фасона шуд,
Ҷустам савоби зиндагӣ ғарки гунаҳ шудам.

*26.08.2017*

* * *

Зи дасти қисмати талх ончунонам,
Ки аз дил шубҳа дорам дар гумонам.
Тамоми зиндагӣ аз дарду ранҷ аст.
Фалак аз ман чӣ мехоҳад надонам?

* * *

Чун қиссаи андӯҳам бишуд афсона,
Ғам кард чаро ба кунчи қалбам хона?
Дармонд табибу баҳри ман чора наёфт,
Осон набувад дарди дили девона.

* * *

Зи мо хурсандиву шодӣ рабуданд,
Диле, ки дошт ободӣ рабуданд.
Агар зиндони ҳастӣ буд муваққат,
Аз он имкони озодӣ рабуданд.

* * *

Эй Худо! Дард ба дармон нарасид.
Ғами беҳуда ба поён нарасид.
Чи қадар бар ту умед бастаму лек,
Оҳи ман бар дили ҷонон нарасид.

* * *

Андар бари мо ғами куҳан биншаста,
Дар рӯ ба рӯям дари умедҳо баста.
Аз хешу зи бегонаву аз даҳри бало,
Ин дил ба Худо, ки хаставу бишкаста.

* * *

Шумо бисёр суолам медиҳед лек,
Намедонед, ки ман худ як суолам.
Зи худ озурда аз қисмат гурезон,
Даруни дардҳо ошуфтаҳолам.

* * *

Тирамоҳу тирарӯзӣ,
Дар фазои ошёнам.
Баргҳои дард резад,
Бар дилу бар умқи ҷонам.

* * *

Худоро шукр, виҷдонам намурдӣ,
Муҳофизи дилу ҷонам намурдӣ.
Маро ин зиндагӣ дар ҳар қадам кушт,
Умеду дарду армонам намурдӣ.

* * *

Дили моро ба санги ғам шикастанд,
Ба оҳу нолаву мотам шикастанд.
Агарчи чидаем дилпораҳоро,
Дарахти орзуро ҳам шикастанд.

* * *

Гиряро дӯст намедорам, вале дӯсти ман аст,
Ҳар гаҳе ёди ӯ ояд, бикунад ёд маро.
Дил, ки безор зи андӯҳи зиёди ту бувад,
Лашкари ғам бидиҳад беҳуда барбод маро.
*10.09.2017_15:15*

* * *

Ҳарчанд нагуфтам,ки биё зуд бирас,
Бар хонаи бе ишқу вафо зуд бирас.
Сад сол гузашт чашми ману сангии қалбат,
Имсол биё баҳри Худо зуд бирас.

* * *

Чӣ қадар фасли гуворост, ба ту ошиқ шуданам,
Чӣ қадар ғамкада зебост, ба ту ошиқ шуданам.

Чӣ қадар умр хато рафт ба дарюзаи вақт,
Ё магар рамзу муаммост, ба ту ошиқ шуданам.

* * *

Намедонам хазон ҳамранги мо аст,
Ва ё тақдири мо мисли хазон буд.
Ҷавониям гузашт чун фасли пойиз,
Дар авроқи дилам умре гумон буд.

* * *

Вақте, ки набошӣ баҳор мисли хазон аст,
Дунё ҳама берангу пур аз ҳузну гумон аст.
Дидори ту орад ба дилам фасли шукуфтан,
Эй ишқ чӣ асрори аҷаб бар ту ниҳон аст?

* * *

Давои дарди дил осон набошад,
Фаромӯш карданаш имкон набошад.
Ба ғайри номи ӯ номе надонам,
Ки сӯзи ишқро поён набошад.

*01.10.2017*

* * *

Ва дидам зиндагӣ номардӣ бад буд,
Ва умре дарди ҳиҷрон дар набард буд.
Агар ишқи дурӯғини ту рад буд,
Ба рӯйи шишаи дил чангу гард буд.

* * *

Туро ман дӯст медорам ба рағми ҳар ҷафои ту,
Ҳамеша устуворам, эй азизам, дар вафои ту.
Ба ман доди ғаму ҳасрат зи ишқи беҷавоби худ,
Тамоми ҳастиям аз туст, диле дорам барои ту.

* * *

“Шаҳнома”-и ман ба пеши шаҳ нома набуд,
Бо хуни дилам набиштамаш хома набуд.
Бар ҳарфи муҳаббатам бихандид баланд,
Чун шоҳи дилам ҳақиру худкома набуд.

*15.10.2017*

* * *

Шеъри ман тасаллӣ дод гар ба як дили ошиқ,
Аз ту ман намеранҷам, эй азизи нолоиқ!
Дарди ман даво бахшад гар ба дардманди ишқ
То абад вафодорам, ин дилам ба ту содиқ.

*27.10.2017*

* * *

Ман имшаб аз қалам, бо сад алам қасди ту мегирам,
Дигар озурдаам аз бозиҳҳои сарди тақдирам.
Маро ҷабру ҷафои ёр бе теғи аҷал мекушт,
Ба зери бори ғам ҷон меканам, аммо намемирам.

* * *

Имшаб, ки ба дил ёди ту бор аст, саҳар ку?
Ин фасли хазон чун дили зор аст, самар ку?
Гуфтам, ки ба даҳр ҳаст зиёд чун мани танҳо,
Оҳ, зиндагӣ монанди мазор аст, назар ку?

* * *

Ман, ки аз табори дардам,
Ман, ки ҳамҷавори андӯҳ.
Ман, ки чун хазони зардам,
Ғами ман гарон чун кӯҳ

* * *

Девонатар аз ман набуд,
Афсонатар аз ишқи ман.

Бераҳм касе чун ту набуд,
Бегонатар аз ишқи ман.

* * *

Сад ҳадяи тақдирро,
Шукре нагуфтему сипос.
Тақдими ғамҳои туро,
Шукрона кардем беқиёс.

* * *

Ту мелоди ғаму шодии ман ишқ,
Ту зиндону ту озодии ман ишқ.

Ба қасри бахт бизад вулқони ҳасрат
Набуд дар фикри ободии ман ишқ.

* * *

Баҳорон ҳеҷ гоҳ бар дил наомад,
Навиди ишқ бар манзил наомад.
Ва умрам фасли дай, фасли хазон буд,
Зи орзуи зиёд ҳосил наомад.

* * *

Салом, эй беҳтарин ҳарфу ҳиҷоям,
Салом дар шаҳри ғурбат ошноям.

*(14.06.2019_23:06)*

* * *

Китобу хома дӯстони мананд дар кунҷи танҳоӣ,
На аз онҳо зиёне ҳаст, не расми ҷудоӣ.

* * *

Дар миёни сад ҳазорон бе ту танҳою ғарибам,
Ҳеҷ дар фикрам наомад, инчунин бошад насибам.

Ту навиди ғамбиёрӣ, ҳар замон ашкам шуморӣ,
Душманиро дӯст дорӣ, бар дари ин дил қарибам...

* * *

Замоне ишқи пинҳоне зи сӯе,
Ба орзуҳо диламро фанд мекард.
Ҷавонию ҳаёти бенавоӣ,
Маро бо ишқи ту пайванд мекард.

* * *

Дили ман пур зи дард аст, пур зи дард аст,
Ба зулми ин ҷаҳон андар набард аст.
Ҳама рӯзу шабам холӣ зи маънӣ,
Нигоҳам дар ҷавонӣ сарди сард аст.

* * *

Аз ин дили ман, то ба дилат роҳ намонда,
Ҷуз содагии ин дили гумроҳ намонда.
Аз ишқу ҷудоӣ қадаме беш надидам,
Дар дашти вафо сабзаю хиргоҳ намонда.

* * *

Дигар дар моварои ишқ моему пушаймонӣ,
Ҳазорон ҷумлаи ғамро зи чашмонам намехонӣ.
Ту рафтӣ сӯйи хоҳишу ҳавасбозии ин дунё,
Дили бечора дар кунҷи ҷафоҳо гашт зиндонӣ.

*18.12.2017*

* * *

Номи ту бувад пинҳон дар ҳастию номи дил,
Дебочаи ғамҳо гашт бе шубҳа давоми дил.
Аз кӯи вафо рафтӣ, бе ҳарфи видоъ рафтӣ,
Ғамномаи дарде гашт пеши ту саломи дил.

* * *

Туро бо дигаре дидам, расид марг,
Зи ту ҳарфе чу нашнидам, расид марг.
Ба поят ҷон супурдам сода-сода,
Ба ҳоли хеш хандидам, расид марг.

* * *

Худоё! Дард додӣ шукри номат,
Ва қалби сард додӣ шукри номат.
Раво диди бароям зиндагиро,
Варо номард додӣ шукри номат.

* * *

Дар ин дунё надидам назми тақдир,
Наомад ҳеҷ садои базми тақдир.
Маро озори бешу дардҳо дод,
Ҳамин асту ҳамин буд азми тақдир.

* * *

Орзу кам гашт бе ту,
Шодиҳо ғам гашт бе ту.
Дафтари хотира аз ашк,
Оҳ пурнам гашт бе ту.

* * *

Имшаб, ки борон мечакад аз осмони ёди ман,
Бар гӯши ту кай мерасад афғони дил, фарёди ман?
Чун фасли дай сардаст дил, ин ашк чун борони шаб,
Афсӯси ишқи дар бало афтодаи барбоди ман....

* * *

Манам ёду хаёлу чеҳраи зард,
Манам хору хасу як тӯдаи гард.

Нишони ин дили моро ки ҷӯяд?
Надорем ҳамраҳу ҳамрозу ҳамдард.

* * *

Бо чӣ нозам? Ишқ гум шуд,
Сарнагун гашт, бахти шум шуд.
Қиссаҳояш хушку холӣ,
Орзу аз дил бурун шуд.

* * *

Моро ба ҷаҳон чӣ буд? Як рӯзи сиёҳ,
Як хандаву сад гиря ҳазор шевану оҳ.
То охири набзи дил ғам хӯрдану ғам,
Аз ҷониби ту маро набуд ҳеҷ нигоҳ.

* * *

Моро ба ҷаҳон чӣ буд? Як бахти нагун,
Ду чашми пуробу ин ҷигар лахтаи хун.
Сад бор зи навмед шудан хоки замин ,
Аз сина нашуд ғами дили зор бурун.

* * *

Моро ба ҷаҳон чӣ буд? Як кулбаи ғам,
Умре ба сарам ҳазору як гуна ситам.
Ду дида пур аз хуну либосам зи алам,
Аз шодии дил расида бар мо ками кам.

* * *

Ин бахти бадам маро набурд, то дари ту,
Бар ишқи дилам наомада бовари ту.
Як умр пур аз ғаму сияҳрӯз будам
Боре накунад одилӣ ин довари ту.

* * *

Модарам, эй офтоби зиндагӣ!
Гарми мебахшӣ ба ин рӯзгори сард.
Ҳар суханҳои ту баҳрам ҳикматанд,
Эй тасаллии дили пурдоғу дард.

* * *

Худоё! Ин қадар дар гӯши дил овози борон аст,
Ва ин сонияи будан ман аз ӯ ёд меорам,
Агар эҳсоси як зан пучу арзон аст.
Ба рағми бозии мурдан ман аз ӯ ёд меорам.

* * *

Ғаму дардам бирав, меҳмоният бас,
Ба умқи сина саргардоният бас!
Дигар ман шодиҳоро интизорам,
Бирав, ин қадр бесомоният бас!

* * *

Модарам, ҷойи ту ҷаннат,
Эй ҳама ҳусну латофат.
Баъди ту кай зинда монам?
Дар ҷаҳони бемуҳаббат.

* * *

Чашмони ман акси туро чун бар навор гирифт,
Бар шаҳри дил ҳусни туро таблиғи ом кард.
Бисёр нола кардани қалби асири ғам,
То рӯзи ҳашр пеши ту охир давом кард....

* * *

Ғамат бисёру ғамхоре надорӣ,
Дило, ғайри дуо коре надорӣ.
Ба суйи он худои пок арзат,
Чунин аст, ки вафодоре надорӣ.

* * *

Дар тануri сина нони ишқ пухти, эй дило,
Дар ҳароратҳои беаҳдӣ чӣ сӯхтӣ, эй дило!
Ҷомаи аҳду вафоятро дарид ишқи хато,
Бо дирафши ноумедӣ ҷомаро дӯхти, дило.

* * *

Модаро, кӯчаи бадбахтии умр,
Баъди ту нома фиристад, ки биё,
Вой, аспи тарабу ишқ куҷост,
Ки гурезам биравам бесарупо.

* * *

Зиндагӣ бар ҳоли зори ин ятим,
Гиря дорад, ман табассум мекунам.
Ишқрову бовариро оқибат,
Дар даруни бозиҳо гум мекунам.

* * *

Дило, девонаӣ, девонаи ишқ,
Ғарибу бекасӣ дар хонаи ишқ.
Ҳама пандам ба гӯшат саҳлу сода,
Ҳақиқат бишмарӣ афсонаи ишқ.

* * *

Ҳавои зиндагӣ хуб нест,
Ба дилҳо ишқи маҳбуб нест.
Гаҳе гарму гаҳе сард аст,
Гаҳе орандаи дард аст.

* * *

Ман донаи ишқ мефурӯшам, ту бихар,
Ғамхонаи ишқ мефурӯшам, ту бихар.
Дунё, ки ҳақиқати дилам дод ба бод,
Афсонаи ишқ мефурӯшам, ту бихар.

*24.07.2018*

* * *

Ҳамаҷо шикасти дил бин,
Ҳама ҷо шикасти армон.
Дидани савоб мушкил,
Дидани гуноҳ осон.

* * *

Эй модари ҷон, чаро ту рафтӣ зи барам?
Дастони ту ку, ки кам шавад дарди сарам.
Бе ту чи муҳол нафас кашидан ба ҷаҳон,
Эй вой, дигар хушк нашавад чашми тарам.

* * *

Хохам, ки равам ишқ фаромӯш кунам,
Он оташи бевафоӣ хомӯш кунам.
Дил мурд, давоми зиндагиро ба ҷаҳон,
Мотамзадаву сахт сияҳпӯш кунам.

* * *

Фазои зиндагӣ беранг гашта,
Дилам дар хонаи худ танг гашта.
Ҳамон ашке, ки рехтам дар раҳи ту,
Зи пазмонӣ ба сони санг гашта.

* * *

Яке ношиноси дуре расиду шиноси дил шуд.
Ҳама дам азиз гардиду ягона хоси дил шуд.
Чу вафо зи хадди худ рафт, дили сода банд гардид.
Бишикаст аҳд охир ваҳ чи носипоси дил шуд.

* * *

Олам ҳама афсона, ман афсонасароям,
Девонатарин содатарин фарди Худоям.

Чун хандаи хуршеди само гоҳ бароям,
Аз оби ғаму дард бувад нашъу намоям.

* * *

Ман, ки қурбонии ин зиндони ҳастӣ будаам,
Дилпарасте аз барои ғампарастӣ будаам.
Иду мотам, дӯсту душман баҳри мо якранг, лек,
Сокини афсонашаҳри ишқу мастӣ будаам.

* * *

Ғамат моро накушт, мо ҳам намурдем,
Ба шаҳри орзу ғампора бурдем.
Саҳаргоҳу ба нимрӯзу ба шоме,
Ба сери мо таъоми ғусса хӯрдем.

* * *

Душмани дӯстнамо баҳри ғамам шодӣ макун,
Он харобии дилатро тарҳи ободӣ макун!
Ту ки банди ситаму банди ҳама озорӣ,
Як намоиши дурӯғи раҳи озодӣ макун!

* * *

Дигар аз хастагиҳо қисса макун,
Ғами дарбастагиҳо қисса макун.
Ба дили мурдаи садсолаи ман,
Сари бишқастагиҳо қисса макун.

* * *

Вақте ки дилтангам зи даҳр,
Торику бемаъност шаҳр.
Бо ман ҳама дар ҷангу каҳр.
Ман ёд меорам туро.

* * *

Сахт аст, ки ғам дорию ғамхор надорӣ,
Як боғи алам дорию девор надорӣ.
Сахт аст, ба озори касон чашм бипӯшӣ,
Умеди дилу ҳамнафаси зор надорӣ.
Сахт аст......

* * *

Бигӯ хуршед ҳам моро видоъ гуфт?
Маҳи бечора аз пушташ дуо гуфт?
Баҳоронам асири тирамаҳ монд,
Паноҳи мо ба дастони Худо гуфт.

*25.09.2018*

* * *

Эй номабиёри ишқ мо ҳам рафтем,
Аз дору диёри ишқ мо ҳам рафтем.
Сад сол нишаста мунтазираш нарасид,
Охир ба мазори ишқ мо ҳам рафтем.

*03.10.2018*

* * *

Худоро сахт зорӣ мекунам ман,
Ҳамеша шукри Борӣ мекунам ман.
Чунон мегирям аз ишқат шабу рӯз,
Диламро обёрӣ мекунам ман.

* * *

Чун ҳавои дили мо боронист,
Гиряҳои дили мо пинҳонист.
Боми армон пур аз борон аст,
Роҳи умед дур аз имкон аст.

* * *

Ҳама ҷо тирамаҳ аст, медонам,
Дар дилам низ расид фасли хазон.
Орзу ними раҳ аст, медонам.
Хандаҳо гиряи ман карда ниҳон.

* * *

Худоё! Раҳнамою раҳкушоӣ,
Ту огоҳ аз тамоми дарди моӣ.
Гуноҳи бегуноҳӣ бар дилам бор,
Ту роҳи ишқро кай менамоӣ?

* * *

Зи домонам бигир дасти ғаматро,
Бимон шаҳри туро падруд гӯям.
Зи поям занҷири ғурбат раҳо кун!
Дигар хоби туро бар рӯд гӯям.

* * *

Руйи ту биҳишти ҷовидон аст, эй дӯст,
Ҳастии ту як бахти калон аст, эй дӯст.
Шукрона кунам Худо туро дод ба ман,
Бо ту ғаму ғуссаам ниҳон аст, эй дӯст.

* * *

Аз ишқ ба ман нома расид, хуб набуд,
Як қофила ҳангома расид, хуб набуд.
Дар кишвари дил шоҳ таъин шуд, вале,
Бас золиму худкома расид, хуб набуд.

*29.10.2018*

* * *

Эй хома, навис! Дарди маро, ранҷи маро,
Раҳме бинамо қалби вафосанҷи маро!

Ман ғайри диле, ки кони ишқ аст, дигар
Дорой надорам ҳифз намо ганҷи маро

* * *

Эй войи ману войи аламҳои дилам,
Ҷуз шеър нашуд ранҷу ситамҳои дилам.
Дар кӯчаи бахт медавидам шабу рӯз,
Гум шуд ба рӯйи барф қадамҳои дилам.

*30.10.2018*

* * *

Ман аз ту ҳеҷ умеде надорам,
Ҳама чашми умедам сӯи Яктост.
Агарчи рӯзи хуршедӣ надорам,
Даме бо ёди Ҳақ будан гуворост.

* * *

Яке дар фикри ёру нафси ғаддор,
Дигар менолад андар мотамаш зор.
Аҷаб расмест байни одамизод,
Ки одам одамиро мекунад хор.

* * *

Модарам, ки нест ханда кунам, ноз кунам,
Ғамҳои замонаро пасандоз кунам.
Дар дил аламу дарду фироқ аст мудом,
Эй вой, киро азизу ҳамроз кунам!

*11.11.2018*

* * *

Хаёлам шаҳри саргардони рафта,
Ду чашмам деҳаи борони рафта.
Ҳабибе дошт ин дил як замоне,
Ки он ҳам мулки ноинсонӣ рафта.

* * *

Дилам бе эҳтироми ишқ ҳеч аст,
Бидуни як каломи ишқ ҳеч аст.
Ҳазор навгонию наврӯзӣ ояд,
Ки рӯзам бе паёми ишқ ҳеч аст.

* * *

Оташ бизанам бар кӯҳ,
Озор диҳам ин рӯҳ.
Гирён бикунам базме,
То ханда кунад андӯҳ.

* * *

Худо хофиз эй дӯсте, ки побанди диле ҳастӣ!
Суроғи ин дилат доим бар ҳар маҳфиле ҳастӣ.
Дилат дар хонаи мо нест, зеро дар набикшодем.
Чаро худро фирефта боиси ҳар мушкиле ҳастӣ?

* * *

Ватан он ҷост, модар хок гардид.
Падар истораи афлок гардид.
Худоё! Шукри номат бо ҳама дард,
Равони волидонам пок гардид.

* * *

Холияст чаҳони ман бе ҳузури ту, эй дӯст,
Ишқро намебинӣ, чашмкӯри ту, эй дӯст.
Бе ту ман қарин гаштам бо ғаму хазону дард,
Аз чӣ бехабар хастӣ, пас чи дурӣ ту , эй дӯст?!

* * *

Дил хонаи туст, ҷойи дигар хона макун,
Оташ ту мазан, сарой вайрона макун.

Дил оқилу фарзонагӣ кард, медонам,
Охир ту варо гумраҳу девона макун.

*29.01.2019*

* * *

Ба дардам ҳеҷ гоҳ дармон набудӣ,
Муҳаббатро сару сомон набудӣ.
Аё, эй вожаи садпораи дил,
Аламҳои маро поён набудӣ.

* * *

Оҳ, модар, баъди ту бо мани бечора ҳама ҷанг шуданд,
Рӯзҳоям ҳама пурғуссаву беранг шуданд.
Ва ҳамон одамаконе, ки буданд покниҳод,
Ивази чеҳра намуда, ҳама найранг шуданд.

* * *

Табассум мекунад андӯҳ бар ҷонам бале, ҷонам,
Кашад сӯйи ғарибӣ ашкҳоям аз гиребонам.
Махон ғамвожаҳоямро, ки дарди дил намедонӣ,
Бароям қотили ишқу вафову меҳр мемонӣ.

* * *

Ту Лоиқ дардҳоятро набурдӣ ҳеҷ гоҳ бо худ,
Ба ман мондӣ, ба ӯ мондӣ, ба кулли ин Ватан мондӣ.
Ман акнун ҷойи ту мегӯям аз ин ғуссаи миллат,
Хазонҳоро ба хок бурдӣ, аҷаб боғи сухан мондӣ.

*20.05.2019*

# Резапораи дил

Худоё, дарди ҳиҷрони маро танҳо ту медонӣ,
Дили худхоху сарсони маро танҳо ту медонӣ.

* * *

Ман ба қасди зиндагиям зиндагонӣ мекунам,
Бенасибиҳо зиёданд комронӣ мекунам.

* * *

Ба гӯши ту намефорад,
Маро маъзур медорӣ?

* * *

Имшаб аз гирдоби танҳоӣ ба соҳили ду чашм,
Менишинам интизорат, то биёӣ баъди марг.

* * *

Гузорат бар мазори ин дилам нест,
Ки баҳраш сӯраи ишқат бихонӣ.

* * *

Қадам-қадам ба сӯйи ғам ниҳодаам зи бекасӣ,
Дили ҳазин ба орзу ба ин алам намерасӣ.

* * *

Гиря ҳам таскини қалб аст, чу борони баҳор,
Ғайри ин дӯст маро ҳеҷ касе ёд накард.

* * *

Зи ман доман магир охир, ки даст бардоштам аз ишқ,
Дигар мову ғаму андӯҳ бар фармони тақдирем.

* * *

Дар ин шаб ғайри ёду гиря хоб дар ихтиёрам нест,
Бидон ҷуз сӯхтан баҳраш дигар пайкору корам нест.

* * *

Агар гуфтам, ки ишқ фанд аст надорам бовараш, аммо,
Вале хӯрдам ҳазорон фанди ширину пушаймонам.

* * *

Азизам ту намебинӣ дили яхбаста месузад,
Ба зери пои ту беҳис фитода хаста месузад.

* * *

Чи уфтод дар дили ман зиндагиам пурра оташ зад.
Дигар дар сӯхтзори ин ҷаҳон беҳуда биншастам.

* * *

Дар номаи дарди худ навиштам, ки: биё,
Ман донаи дарди дил бикиштам, ки: биё.

* * *

Ва ман ҳам бо ғаму дарди ту одат мекунам рӯзе,
Ба ғамхоят зи ишқи ту шикоят мекунам рӯзе.

* * *

Гуфтам, ки равам боз наоям ба дари ишқ.
Ишқ гуфт: дар ин шаҳр ба ҷуз хонаи ман ку?

* * *

Ва ман оҳиста бар гӯши хазон гуфтам, ки меояд?
Хазон хандиду гуфт: дидӣ, ки оби рӯд баргардад?

* * *

Вақте ки ту нестӣ , эй азизам,
Ман шак бикунам ба хастии худ.

* * *

Кӯчаҳои умри ман холиву сард,
Ман дар он танҳову бекас меравам.

* * *

Аз соли куҳан чӣ дид ин дил,
То шодӣ зи Соли нав намояд?

*27.12.2017*

* * *

Зи куҷо расидӣ, эй ишқ, ки макони ту надонам,
Ту шаҳе ба мулки ҷониву забони ту надонам.

* * *

Ҳазор сол аст, ки рафту дигар намеоям гуфт.
Вале ман ба ҳарфаш бовар накардаму
ҳанӯз интизори ӯям.

* * *

Ту бигӯӣ, ки бихандам чу ҷаҳон кирои ғам нест.
Чи кунам, ки дар ҳисобам ғайри он дигар ракам нест.

* * *

Магар ин ишқ саволеву ҷавобе дорад?
Хирмани дарду ғамаст, ҳеҷ ҳисобе дорад?

* * *

Вакте ки танҳо мешавӣ, бо ғусса якҷо мешавӣ,
Лабхандҳои модари бекина ёдат мерасад.

* * *

Меҳрубонтар аз ту модар нест, нест,
Хушбаёнтар аз ту модар нест, нест.

* * *

Меранҷам аз фалак, ки ҳуқуқи маро чаро?
Помолу хор мекунад, хомӯш бингарам.

* * *

Ман аз дору надори зиндагӣ як содадил дорам,
Ки онро рӯи дастони туи бераҳм нагзорам.

* * *

Гуфтам, ки равӣ, хотири дил ҷамъ шавад,
Исёни дилам бубин, нахоҳад биравӣ.

* * *

Ман аз авроқи ин дил хат задам як дӯсту сад душман,
Аё, эй дӯсти ин дил баҳри ман ту душмани ҷонӣ!

* * *

Дӯсти душманойинам, бевафоӣ медонам,
“Аз бало ҳазар” гӯӣ худ балоӣ медонам.

* * *

Ҳаво абристу гардолуд, ҳамин аст қисматат, эй дил,
Ғамат афсонаи бесуд, ҳамин аст қисматат, эй дил!

* * *

Ишқ кофарро мусалмон мекунад,
Муслимеро аҳли куфрон мекунад.

* * *

Ту баҳонаӣ, бароям як баҳона баҳри зистан,
Ба дурӯғ ханда кардан, ба ҳақиқатан гиристан.

* * *

Гӯянд, ки “рӯзи ошиқон” аст, аҷаб!
Ошиқ магар, ки рӯз дорад, бигӯ!

* * *

Гоҳо туро бо ҷумла ёд аз қалб берун мекунам,
Гаҳ гиряҳо кам мешаванд, гоҳ ханда афсун мекунам.

* * *

Ту қалам, алам надорӣ чу надиди сарнавиштам,
Ки ман он ниҳоли ғамро лаби баҳри дида киштам.

*17.06.2019*

* * *

Дилам, аз сарнавиштат пурс, куҷояст охири корат,
Худо ёрат, Худо ёрат, Худо ёрат, Худо ёрат.

*20.07.2019*

* * *

Аё эй дӯст, китобу хомаву афсонаро бигзор,
Даруни қалби худ боре ҳақиқатдонаро бишмор.

*20.08.2019*

# Сабзпайванд

* * *

Ва Худо агар бихоҳад, ки ман офаранда гардам,
Сари бомат оям, эй дӯст, яке парранда гардам,
Ту маро бидида гӯӣ, ба Худо, ки ҳаст ошиқ,
Ва ман он қадар бинолам, ки ба хун тапанда гардам.
Ғаразам ба ғайри ин нест, ки ба назди дӯст бошам,
Ба ҷамоли ту бинозам,
Ба дари ту банда гардам.
Ғунча-ғунча интизорам рӯи шохаҳои хоҳиш,
Ку насими меҳрубонӣ, ки баҳори ханда гардам.

* * *

Илоҳо! Хонаи дард, хонаи номарди ман сӯзад.
Ҷаҳон бо он ҳама нопокӣ,
бо ин бахти ғамоварди ман сӯзад.
Аз ин боди фанои зиндагӣ бисёр навмедам,
Ҳамин умри хазону ин дили бас сарди ман сӯзад.
Илоҳо! Хонаи бадкору душман,
ки бас ҷабру ҷафоҳо кард бар ман,
Бисӯзад, то зи дудаш ман бигирам як нафас озод,
Ки дунё баҳри ман ғам доду ғам дод.
Зи ман бигрифт бе ҳеҷ як иҷозат
ҳар чи доштам дар дили зорам,
Ҳамин қисмат бидод бе ҳеҷ гунаҳ бисёр озорам.

* * *

Дар ин зиндони қисмат беш хандидам,
Ба ҳоли худ ба ҷони худ,
Ба кори қисмати ношуд,
Дигар он сели чашмам хушк гардид,
Ҳама он бӯйи ғамҳо мушк гардид,
Ҷафокорон зи ҷабри хеш охир хаста гардиданд,
Дарахти сабрҳо дар пойи ғам бишкаста гардиданд.

## МУҲАББАТИ ДУРӮҒ.....

Талаб зи ту ҳамин бувад магӯ, ки як замони пеш,
будам супурдақалбу зори ту.
Магӯ, ки як баҳори сол будам сари дуроҳае
фигору интизори ту.
Агар миёни мардумони шаҳр бубиниям
ба ҳоли хаста бемадор,
Аё шиноси носипос, мапурс зи бахти нобарор!
Агар тавонӣ эй муҳаббати дурӯғ, мадеҳ салом,
Ки қиссаҳои ишқи ман шуда тамом.
Дигар ману ту душманем, душмани хатои хеш,
Ҳамеша мекунем талош на баҳри ишқ, барои хеш.
Ягона хохишам зи ту ҳамин ки баъди сад ҳазор қарн,
Агар ба гӯши ту расад суруди номуроди ман,
Магӯ, ки як касе ва ё хасе ба ман диле супурду рафт,
Барои як нигоҳи ман ба зери ашк мурду рафт,
Маро муҳаббати дурӯғ шумурду рафт,
Барои ин тамоми умр шароби талхи
дарду ғам бихӯрду рафт.

Бигӯ ба ёдҳои хеш, маро ягон солу маҳ
ба пеши чашмҳои ту,
Ба қасди хашмҳои ту.
Марову аксҳои ғамгину ҳазин,
ҳазор чин дар ҷабини бандаро шамоли сарди
зиндагӣ наораду,
Аё Худои бахти шӯр, ҳамон замон
ҳазор қатраи сиришки ҳасрати куҳан
ба пеши пою роҳи ту наборад... оҳ!

* * *

Душманам дӯсти азизи дилам аст.
Оҳ, дигар адл куҷост?
Фитнаҳош, то дару то манзилам аст.
Тоқату сабр куҷост?
Биравад пушти дари душмани ман,
Бо ӯ ҳамкоса шавад,
Бихалад сӯзани ишқ бар тани ман,
Аламам қисса шавад.

## СУОЛЕ ЧАНД

Зи як пире суол кардам, ки дунё чисту мо кистем?
Бигуфт: Дунё бувад бозиву мо бозингари
бозичаҳо ҳастем.
Гаҳе аз бозӣ хушнудем,
Ва ё гоҳе ғуломи чокараш будем.
Дар ин бозиву дар майдони бозӣ,
Яке ғолиб, дигар мағлуб,

Касе гумном, касе маҳбуб,
Вале ин довари бозӣ,
Ки гӯё адлу инсоф аст,
Фирориву муҳоҷир дар паси Қоф аст,
Ҷаҳолат, зулми беҳад ҳокими бозии атроф аст.

## ОБИ ҒАМ....

Кӣ дар дил, хоса дар гил,
дарди мушкил мекашад чун мурғи нимбисмил?
Кӣ бе ҳеҷ як далоил мекунад бовар,
ба ин довар, ки нестам қотили ин дил?
Кӣ чун ман ноумеду хаста, пойи баста
хоҳад рафт бар саҳрои беҳосил,
Ки поёни раҳаш дард аст, ҳавояш сахт сард аст,
гуфтаҳои мардумаш ботил,
Кӣ чун ман оби ғам хӯрд, зери ғам мурд,
бо алам бархӯрд, оҳ афсурд,
Сари бекас, бе як ҳамнафас, бе додрас,
бе ҷодаву манзил?
Кадомин қалб мисли қалби ман таркиду
боз ҷамъ шуд?
Ҳама умри ӯ мотам шуд...

## ҲАҚИҚАТЕ КУҶО?

Гуфта будӣ,
Ки муҳаббат ҳам дурӯғ аст,
Ишқу одат ҳам дурӯғ аст,
Ин садоқат бо рафоқат ҳам дурӯғ аст.
Гуфта будӣ,
Ҳар нигоҳам,
Ҳар нигоҳи ишқхоҳам,
Тавбаву зориву оҳам,
Пеши ту гӯё гуноҳам низ дурӯғ аст.
Гуфта будӣ,
Меҳрубониям ниқобест,
Орзуҳо дар китобест,
Бахту шодӣ худ саробест,
Пас дуруғамро шунидан интихобист, интихобист.
Дар замини ин дурӯғ зистан азобест.
Гуфта будӣ,
Ман дуруғам, равшании бе фурӯғам,
Пас ҳақиқат дар куҷо аст?
Пас ҳақиқат чист охир?
То биҷӯям ман нишонаш,
То супорам имтиҳонаш.
Дар куҷо аст ин ҳақиқат?
Зинда монам дар маконаш.

* * *

Чӣ бинвисам? Қалам хушкид
Шамол қоғазҳоро бурд
Фалак бар ҳоли ман хандид
Дилам бар доми ғам биспурд
Зи дасти золими ишқу адӯи дил
Ҷавонӣ рафту дил гум шуд
Муҳаббат бо фано бархурд
Ҷавониро ба ёди ӯ сипардам
Фишондам зери пояш резаи дил
Бубин бо ивази ин худфурӯзӣ
Маро он ёр фақат озурду озурд
Ба ёдам мерасӣ ҳар субҳу бегоҳ
Хаёлан бар суроғат меравам гоҳ
Вале аз ҳафт осмон мерасад бонг
Ки ишқат мурду ишқат мурду ишқ мурд.

## НАМЕБАХШАМ, ВАЛЕ ХУДРО...

Нишастан гиря кардан пеши қисмат одати мо нест,
Ба зорию таваллo ёрӣ хостан ҳиммати мо нест.
Агар бо мо рақибе дар рақобат буд, бахшидем,
Агар як хоки роҳе аз пайи садҳо ҳақорат буд,
бахшидем,
Агарчи душмане аз мо ба нафрат буд, бахшидем,
Хаси роҳе ба дунё аз пайи садҳо разолат буд,
бахшидем.
Намебахшам, вале худро, ки умре
ёди ёди ёдҳо кардам,
Хато кардам, раво кардам, надонисатам
чиҳо кардам.
Ва ин буд мақсади бемақсадона,
ки худро дар ду чашмони ту бинам,
Аҷаб бозии жожу кӯдакона, ки бошӣ
ишқу шоҳи сарзаминам!
Кунун чун фасли дай ин сина сард аст,
Вале сардтар аз он бошад нигоҳам,
Ба рӯйи ту, ба сӯйи ту, аё ишқ!
Дигар созам равишу тарзи роҳам,
Аз ин пас гиря кардан дар шиори чашмҳоям нест.
Ба ту рашк бурдану ғамҳои ту беҳуда хӯрдан ҳам
бароям нест!
Ман акнун аз ситамҳои ту озодам,
ба ғамҳое, ки додӣ боз ҳам шодам,
Магӯ дар банди зиндонам,
Агарчи як асирам, лек озодам.

* * *

Ман аз онҳо, ки қалби дардмандамро
ба нохунҳои тезе мехарошанд.
Ва худро пеши кас олитаборе метарошанд.
Ба номам сад ҳазорон тӯҳмату бӯҳтон ҳамерезанд.
Зи ашки нобарориям, ҳазорон ханда месозанд.
Аз ин ноомадии ман ҳамеболанду менозанд.
Намеранҷам!

* * *

Бари фарқи дӯсту душманам касро намесанҷам,
Ман аз ту шиква дорам қисмати талху нагуни ман.
Ки ҳар як кардаҳои ту маро як санги таҳқир аст,
Ду дастам баста дар занҷир бурун аз дарку тадбир аст.
Аё тақдир туӣ боиси нокомию ранҷишҳо,
Туӣ, ки мешавам ноком аз ҳар гуна санҷишҳо.

*11.02.2018_21:35*

* * *

Ман туро, ту дигареро, дигаре боз дигареро
дӯст дошт...
Ишқ деҳқони ҷафокор дар замини орзуҳо
тухме аз ғамдона кошт.
Ту бароям як ҷаҳон маънӣ будӣ, ӯ бароят зиндагӣ,
Зиндагии ман бидуни ту, вале маъно надошт.
Ишқ гӯё бегунаҳ буд....
Мо аз ӯ ҷурму хатое сохтем,
Хешро дар оташаш андохтем,
Зиндагиеро, ки бозӣ буд,
Бохтему дар ҳисобаш дил напардохтем.
Ишқ ҳоким буд ба шаҳри дил,
Як сиёсатдори золим буд,
Ҳама сарқонунаш зи ҷабру зулм,
Ҷойи хушбахтӣ ҳама бим буд.

* * *

Ба Худо пазмонам,
Эй азизе, ки туро ҷону ҷаҳон медонам.
Ту аз ин бехабарӣ, ба дилам чун хаси раҳ менигарӣ.
Ба ту девонадилам ҳайронам.
Магар ин ишқ ҳамон аст,
Ки орад ғаму дард,
Бикунад бо дили бечора набард.
Биравам кӯчаи сангини дилаш,
Бигӯям "ёр салом",
Ва ҷавобе шунавам нохубу сард.

* * *

Чи рӯзҳое, ки ман бояд намедидам, вале дидам.
Ҳазорон бор тақдири бадамро сода санҷидам.
Хатар омад, бало омад.
Фақат сӯгу азо омад.
Худам ман бо худам танҳо будам, танҳо.
Диламро, ҳоли зорамро Худо медид,
ҳамон созандаи дунё.

## МАҒЛУБИЯТ...

Гаҳи шодӣ, гаҳи ғамхо
Гаҳи андӯҳу ситамхо
Ту дари ин дили мо мешиканӣ,
Ба дилам ёди куҳан мефиканӣ.
Ман дурӯғгуи ҷаҳонам
Ки бигӯям ба забонам.
Ман варо дӯст надорам.
Ман варо хеч касе ҳам нашуморам.
Лек афсус, дили ман, душмани ман.
Кунад исбот ҳама шевани ман.
Ки ӯ буд сокини дил,
Гарчи буд хоини дил
Ва ҳамеша як азизе, ки набуд, мемонад.
Орзуе, ормоне, ки набуд, мемонад.
Ишқ ҷанги ману дилро бе ҳадаф мехонад.
Ғолиби дил уву мағлуб маро медонад.

*07.10.2018*

# МОДАР.....

Оҳ модар, оҳ фаришта,
Дар самои тираи бахтам ситора,
Рӯҳи ту дарду ғамамро
Мекунад гоҳе назора.
Оҳ модар,
Баъди ту бо хеш меҷангам кунун,
Аз тамоми даҳр меранҷам кунун,
Қисматамро, ҳамчу як бозии бебурд,
Боз месанҷам кунун.
Бе дуоят сархаму як нобарорам,
Бар худу бар ҳеҷ инсон,
Ман дигар раҳме надорам.
Хоб дидам,
Омадӣ бар ман тасалло медиҳӣ,
Ашк мерезӣ чу борон,
Панди воло медиҳӣ...

*05.04.2019*

## ХАТСАЙРИ УМР...

Кӯчаву хатсайри холӣ
Шаҳри беодам, дарунаш ғуссаҳо доранд равуо,
Нозири роҳ дардҳоянд, боз медоранд даворо.
Шодиву хурсандии дил тарки манзил кардаанд,
Мушкилоти ишқу ҳастӣ зиндагиро
боз мушкил кардаанд.
Сахту душвор аст, вақте дар фурудгоҳи муҳаббат
бо ҳаёту маънии он бо азоб падруд гӯӣ.
Чиптаи нокоми дар даст охирин
пайғоми худро сахт дардолуд гӯӣ.
Меравам аз шаҳри андӯҳ бар диёри гумномӣ,
То намоям дар ғарибиҳо ғуломӣ.
Нуктаи дигар....
Маро маъзур дор.
Бар дили яхзада ошиқ шуданат,
Чашм бар соату маҷмӯи дақоиқ шуданат,
Ба кӯҳу дашти дили мурдаи ман,
Доғи пурдарди шақоиқ шуданат.
Баҳри дилбохтани ту баски сабабгор манам,
Оре, муҷрими дилам, сахт гунаҳгор манам.

# Дардрезаҳо

Кош дилам сангин буду аз аз чеҳраҳои худхоҳу маҳалбозу садрӯ намеранҷидам......

* * *

Ҳоло борон меборад ва онро ба ашкҳоям ташбеҳ додам.

Фақат борон садое дорад, аммо гиряҳои ман бесадоянд.

* * *

Ду кабӯтаре дар қафас буданд бо якдигар қафасро дунёи худ медонистанд. Рӯзе яке омаду дари қафасро кушод ва кабӯтареро озод кард. Кабӯтари дар қафасбуда шабу рӯз ёди дӯсташ мекард ва мепиндошт, ки дӯсташ ҳам мисли ӯ дилтанг аст, аммо рӯзе шамол қафасро афтонду кабӯтар аз он берун шуд. Ба само назар карду дӯсти худро дид, ки хеле хушбахт бо кабӯтарони дигар парвоз дошт. Аз ӯ суол кард , эй дӯст бе мо чун будию ёди моро доштӣ?

Кабӯтар ҷавоб дод, ки чун аз қафас берун шудам дигар ту дӯсти ман набудӣ ва ҳеҷ гоҳ ёдат накардам.

Пас дар ин дунё хушбахту беғам ҳамсони худро меҷуяду бадбахту пурғусса ҳаммисли хешро. Чун дар ҳаёти яке тағйироте уфтод, пас роҳи онҳо ҷудост.

* * *

Имрӯз охирин рӯзи Рамазон аст, аммо барои ман моҳест, ки онро бе очаҷонам гузаронидам, модарам дар саҳари Рамазон моро бедор мекарданд, ки хезед, ки дар хоб мемонем... Ин моҳи муборак шабҳо хоб намерафтам, аммо модарам набуд... Худованд ҷоят ҷаннат бошад Очаҷон.

Иди Саиди фитрро ба ҳамаи шумо муборак мегӯям, дӯстон!

## ТАРОНАҲОИ ТАНҲОӢ...

Дар замини орзуҳо донае будӣ, парваридамат ниҳоле шудӣ бо номи ишқ, ғунчае кардӣ аз меҳр, гулҳоят аз дӯстдорӣ буд, ай ишқ, аз номурудӣ об меҳӯрдӣ, бор овардӣ, меваҳоят аз интизорӣ, аз шабзиндадорӣ, аз беқарорӣ ва аз умедворӣ пухта буданд, мебояд самараи некатро соҳибат, эй дил, қадр мекард..... Аммо сад афсӯс, ки шамоли ҷудои вазиду ҳамаро ба хок яксон кард. Дарахти ишқ решакан шуда пеши ин ҳастии фиребо сари таъзим фуруд овард. Эй ишқи бузург, пеши ҷудои ҳеҷӣ, ҳеҷӣ.

* * *

Ману орзуҳо ба ватани ишқ сафар кардем, аз вилояти фиреб гузашта, ба ноҳияи бемеҳрӣ расидем, аз он ҷо ба кӯчаи бевафоӣ омада, хонаи бебахтиро дида, савори аспи сабр ба қасри шоҳи дил омадем, роҳаш аз нобарорӣ, дарозии роҳаш аз душманӣ, дарвозааш аз тӯҳмат, посбонҳояш аз ғайбат буданд, базмаш аз гиря, айшу нушаш аз заҳри ғаму андӯҳ, буду набудаш аз пушаймонӣ буд....

...Бозгашти мо аз роҳи сукут оғоз шуд, ман орзуро ба оби дида ба кафани ҳасрату ноумедӣ печонида, дар мазори ёдҳо гӯрондам....

* * *

Пирамради ранҷуреро асои нав оварданд, аз дидани асои нав хушбахт ва розӣ аз рӯзгор буд.

Барои ҷавони ошиқ нома оварданд, номаи пур аз муҳаббати самимӣ, чанде бигузашту асоро пирамард гум кард, ҷавон бошад ишқро, миёни пирамарду ҷавон як ҳиссиёте монд, ҷавон мегуфт: “Ҳеҷ чизе баробар ба ишқ нест ва хариданаш чӣ мушкил!”, пирамард мегуфт: “Ҳама чизро дар дунё харида мешавад, аммо ҷавониро не.”

* * *

Эй Офаридгори оламу одам яқин медонам, ки чизеро бароям абадӣ набахшидаӣ, на умр, на ҷавонӣ, на ишқ, на дороӣ, на зебоӣ, ҳар он чи додаӣ, оҳиста-оҳиста бозпас мегирӣ, аз ин рӯ худро омодаи он сохтаам, ай Худованди бузург аз ту илтиҷо дорам, танҳо ёдҳои ӯро аз ман магир....

* * *

Зиндагие дорам ошиқона, нигоҳе дорам шоирона, агар маро, эй ёр дар ин роҳи дур ҳамроҳӣ намекунӣ, аз ту шикояте надорам, зеро ман ба ёди ту ба ин роҳ баромадам.

* * *

Имшаб дар хобам омадию гуфтӣ: Бас дигар ин ҳама гиря. Шунидам, дидам гиря макун. Агар ҳам ҳазор сол мегирйӣ, дӯстат намедорам.

## ТАРОНАИ ҶУДОӢ

Намедонам, чаро туро дӯст доштам, бесабаб, беғараз, бемақсад, аммо ҳар ҳарфи туро, ҳар сухани туро, қадамҷойи туро дӯст медорам, оҳ кош агар медонистӣ, вале ҳар субҳ меоиву меравӣ, вале маро

намебинӣ. Метарсам, ки рӯзе меравию ман дигар туро намебинамат.

## ТАРОНАИ ШАБ

Баъди рафтани ӯ вақт бозистод, паррандаҳо суруд нахонданд, оламро торикӣ фаро гирифт, дилам дар ин зулмот ба садамаи сахте дучор шуд... Баъди ин нагӯ, ки бераҳму бемеҳру сангдилу бепарвоӣ, зеро муҷасаммаи яхбаста эҳсосе надорад...

## БЕ ТУ....

Оҳиста-оҳиста бе ту зистану хандидану нафас кашиданро ёд гирифтам, аммо ишқат аз зиндагиям маънӣ, аз хандаҳоям шодӣ ва аз нафасам бӯйи умедро бо худ бурд....

* * *

Ба даргоҳаш аризаи шикоятии ишқ бурдам, то имзо бигзорад. Гуфт фардо биё. Гуфтам шояд фардо наояд. Гуфт: агар фардо наояд зулми моро андаке бишмур...

* * *

Онеро, ки дӯст медоштам, дӯстам надошт. Оне, ки дӯстам медорад, дӯсташ дошта натавонистам. Ҳайрони туям, эй дил ҳазорон ғамро дар худ ҷой мекунӣ, аммо ишқи покро не...?

* * *

Ва ман аз қарни дарду ғам, ба чашмоне, ки буд пурнам, туро меҷустам.

* * *

Имрӯз ҷавоне пурсид: Дили ту банд аст? Гуфтам: ман онро надорам. Гуфт: Хонаат ҳама умр хароб бод! Бечора гумон дошт, ки як рӯз он обод буд.

* * *

Шаб аҷоиб мӯъчизае дорад, зеро ҳар як инсон ба ёди азизе банд аст.

* * *

Мегӯянд: чашмҳо ростгӯянд...

Забонат аз ишқ мегуфт, вале чашмонат суханонатро рад мекарданд. Ман гуфтам дӯстат намедорам. Чаро ба чашмонам бовар накардӣ!?

* * *

Ишқ инсонро сахт дигаргун мекунад, ғурурҳо мешикананд, умедҳо хаста мешаванд, орзуҳо куҳан мегарданд, аммо ёде, ки дар дил сабт аст, фаромӯш намешавад!

* * *

Гуфтанд: Ошиқ шав! Ҷаҳон дар ин ҳол бас зебо меояд ва ҳамаро дӯст медорӣ!

Аммо чун ошиқ шудам, ҷаҳонро бас зишт дидам ва ҳамаро душман гирифтам. Ва дарёфтам, ки ин бечорагон на ишқро мешиносанд на ҷаҳонро, аммо шукрашонро ба ҷо овардам.

* * *

Худоё боре бас буд, ки касе бароям ғами гаронро оварда буд. Кош ман ба касе андӯҳ наорам.....

* * *

Дарду ранҷу азоб инсонҳоро дигаргун меку-

над ва маҷбӯр месозад, ки камтар эътимод намоему зиёд андеша....

* * *

Дигар ҳамаро раҳо мекунаму меравам дунболи бадбахтиҳову саргардониҳоям.....

* * *

Ҳаво сард буд...........
Диламро барояш сӯзонидам........
Гарм, ки шуд, бо хокистари дилам набишт:
Худо хофиз!...........

* * *

Имшаб борон ба гӯшам чунин гуфт: Дар ин шаҳр фақат ману ту аз ғами ғамҳо бинолем....

* * *

Ҳама аз баҳору Наврӯз мегуянд, аммо дар сарзамини дили ман ҳанӯз фасли хазон ҳукмрон аст!!!!!!

* * *

Ҳазор сол аст, ки рафту дигар намеоям гуфт. Вале ман ба ҳарфаш бовар накардаму ҳанӯз интизори ӯям.

* * *

Хурд будам,

Духтари ҳамсоя лухтаки зебоямро аз дастам гирифт. Гирякунон ба хона омадам. Падарам хандиду гуфт, ғам махур, ба ту фардо лухтаки дигаре мехарам.

Имрӯз, ки маъниву рангҳои зиндагиямро буздидаанд, ҳайронам дӯконе нест, ки рангу маънӣ бихарам....

* * *

Модарам ба ман ҳама чизро ёд доданд, лекин бе худашон зистанро наомухтанд, бароям...

* * *

Дили ман, чаро аз таронаҳои дилнишини муҳаббат меҳаросӣ?

Чаро офаринишро аз даричаи ишқ ва ишқро аз равзанаи муқаддаси меҳр тамошо намекунӣ?

Орзуи ман чаро дӯст намедорӣ?

Чаро бо худсариҳои кӯдаконаи худ дурахшандагии абадии ишқ ва дилбохтагиро инкор мекунӣ?

Магар намебинӣ, ки зиндагии афсонамонанди ман торик ва ғуборолудаанд.

* * *

Зиндагиям бидуни ту зиёд давом накард:

Дақиқаҳои интизори моҳҳо гаштанд.

Соатҳои пазмонӣ солҳо....

Чун дигар наомадӣ, зиндае будам дар шумори мурдагон.

# НАЗАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҶАВОН

**Фарзона Саидумронзода**

## ДУХТАРЕ АЗ НАЖОДИ БАҲОР

Бале, Аниса аз нажоди баҳор аст! Ӯ нафарест, ки бо килки сабзаш, андешаи амиқу тозааш ва муҳаббати бемунтаҳояш дар пештоқи қалби банда қарор гирифтааст ва бешубҳа ҳар фарде, ки бо дунёи назми Аниса ошно мегардад, ба он дунё муҳаббат пайдо мекунад.

Вуҷуди инсон чунин ороста шудааст, ки ба вуҷуди инсонҳои дигар ниёз дорад. Баъзан шахсеро пошорӯят мебинӣ, бо ӯ сӯҳбат мекунӣ, аммо ба самимияту садоқаташ бовар карда наметавонӣ, зеро ҳар чи сохтакорист, дер ё зуд эҳсос карда мешавад. Аниса, аз ҷумлаи он афродест, ки ман бо итминон ва ихлоси тамом гуфта метавонам, дӯсти хубу беназири банда аст, бо он ки боре бо ҳам рӯ ба рӯ нашудаем. Ман Анисаро чун башоратдиҳандаи муҳаббат, ҳамном бо садоқат, дугонаи ҳаёву иффат ва соҳиби хираду маънавият мешиносам.Ин бонуи фариштахӯву фариштарухсор, беҳин рафиқи тамоми инсонҳост, зеро дарди абнои башарро ҳис карда метавонад. Аслан инсоне, ки худ ранҷу андуҳи бешро таҷриба кардааст, метавонад шарики дардҳои дигарон бошад ва бо каломи сеҳрофараш марҳаме ба ҷони аламдорон гузорад. Аниса, дар гоҳи дармондагиву парешониву мураккабии зинда-

гӣ такя ба боргоҳи Ҳазрати Дӯст мекунад ва танҳо аз ӯ имдод металабад:

*Ба ту ғам кашид лашкар, дили ман, Худо мададгор,*
*Бишикаст санги бовар, дили ман, Худо мададгор.*

*Агар аз дӯкони ёре гули душманӣ харидӣ,*
*Ба мазори ишқи мо бар, дили ман, Худо мададгор.*

*Ва замона аз ту созад яке қолабе зи оҳан,*
*Зи мани шикаста мағзар, дили ман, Худо мададгор.*

*Ба ту дар набарди ҳастӣ бидиҳанд ғампарастӣ,*
*Ту магӯ, ки айби довар, дили ман, Худо мададгор.*

*Ба самои ишқ дӯзӣ ҳама шаб нигоҳи умед,*
*Ту набинӣ некахтар, дили ман Худо мададгор.*

*Агарам касе нафаҳмид ману сарнавишти ғамро,*
*Ту бигӯ фасона аз сар, дили ман, Худо мададгор.*

Ин бовару умеди бемаҳдуди Аниса ба раҳмату неъмати Худованд, кам мабод! Зеро ин боварҳояш ӯро шарики аламдорон ва ҳарфҳояш мисоли чорасест, ки умеди қалбҳоро бедор мекунад. Дардҳои муштарак инсонҳоро бидуни ошноӣ дӯст месозад:

*Ману ту ҳамзабону ҳамватан, ҳамдину ойинем,*
*Ману ту сахт монандем, зеро даркботинем.*

*Хати тақдир ҷудо андохт марзи ишқу ҳастиро,*
*Ҳар он чи сарнавишт овардаст, онро ҳамебинем.*

*Бароям беҳтарин дӯстӣ, бароят ҳар кӣ ҳам бошам,*
*Миёни моҷарои дил, гули ҳасрат, чаро чинем.?*

*Агарчи дона-дона дард мерезад зи шохи ишқ,*
*Ману ту дур аз ранҷем, ману ту дур аз кинем.*

*Махур дарди зиёди зиндагӣ, суде намебахшад,*
*Худоро ёд кун, то лаҳзае, ки беш ғамгинем.*

Аниса хеле барност, аммо андешаҳояш тозаву амиқу дуруст ҳастанд. Одатан ашхоси рӯзгордидаву бузургсол бештари авқот аз дарси андухтаи худ гап мезананд, ки давоми зиндагӣ аз худ кардаанд. Гоҳо мешавад, ки як фарди ҷавон барои инсонҳои аз худ бузургтар ҳуруферо мегӯяд, ки раҳнамои онҳо дар масири зиндагонӣ мегардад. Ҳикматҳои Худованди алиму кодир мазид аст ва он чиро, ки Ӯ медонад аз мо мастур аст. Анисаи азиз, дар фасли шукуфтанҳо хеле мусибати гаронро дидааст. Хеле барвақт волидони азизаш ба ҳастӣ падруд гуфтаанд. Ӯ дар зиндагӣ афродеро рӯ ба рӯ гашта, ки ба дили меҳрубонаш захме гузоштаанд. Бо вуҷуди ин аламҳо ӯ тавонистааст, ки бо бадхоҳонаш низ хӯ бигирад. Як фарди ошиқ, нафаре, ки муҳаббат ба Холиқ дорад тамоми махлуқи рӯи оламро дӯст медорад. Ва ҳатто аз шахсоне, ки барояш дардҳои пай дар пайро эҷод мекунанд, намеранҷад. Ҷое мегӯяд:

Ман аз онҳо, ки қалби дардмандамро ба но-

хунҳои тезе мехарошанд.

*Ва худро пеши кас олитаборе метарошанд*
*Ба номам сад ҳазорон тӯҳмату бӯҳтон мерезанд*
*Зи ашки нобарориям, ҳазорон ханда месозанд.*
*Аз ин ноомадии ман ҳамеболанду менозанд.*
*Намеранҷам!*

Аниса, ин бузургии туст, ки ранҷида нометавонӣ! Кам инсонҳо ин шаҳоматро соҳиб ҳастанд. Вале хелеҳо бо дилҳои раҳмин бозӣ мекунанду хешро назди атрофиён хубу дардошно нишон додан мехоҳанд. Аммо ту медонӣ, ки дурӯғ мисоли субҳи козиб аст, ки бо расидани субҳи содиқ норостиаш маълум мегардад. Аз ин ҷост, ки аз чунин афрод намеранҷӣ ва аъмолу каломашонро нодида мегирӣ. Хуб ҳам мекунӣ! Ҳамеша ба ёди онҳое бош, ки иродаи нуқта гузоштан ба андуҳи бешумори ту доранду чун пайке аз мулки сурору дунёи умедҳо ба зиндагии ту ворид шудаанд. Дуруст фармудаӣ:

*Ман ба қасди зиндагиям зиндагонӣ мекунам,*
*Бенасибиҳо зиёданд комронӣ мекунам.*

Чун дар фавқ гуфтам, ки Анисаро боре рӯ ба рӯ надидаам, аммо ашъораш он қадар ба дилам наздик буд ва ӯро чун дӯст ва як хоҳари азиз медонам. Умедвор ҳастам ин аҳди хоҳариву дӯстие, ки бастаем, ногусастанӣ ва ҷовидона хоҳад буд. Хелеҳо дар олами маҷоз аҳди хоҳариву додариву дӯстиву ҳамдилӣ мебанданд, аммо на ҳамаро мисли хоҳари ман

дилу забонаш як аст. Ман сипос мегӯям ба Аниса, ки бо ҳастиву шеъраш қалби маро барои ҳамеша мусаххар кард ва тасхири қалбҳо аз дида банда волотарин ҳунар аст ва ҳамсурриву ғамшарикӣ бо дилҳоро на ҳар кас қодир аст.

Боре ҳини сӯҳбати телефонӣ бо Аниса аз ӯ пурсидам, ки оё дар ҷодаи шеърнависӣ устоде дорад ва ӯ посухам дод: “Апаҷон, ман гули худрӯи зимистонӣ ҳастам” ва ҷое фармудааст:

*Ман гули худрӯйи зимистониям,*
*Дарбадари кишвари сарсониям.*

*Мераваму мебарам, эй войи ман,*
*Ғамсабади ишқу пушаймониям.*
*Дар дили ман ишқи Зулайхоӣ буд,*
*Лайлии шӯридасари сониям.*
*Мешунавӣ гиряи ҷоне агар,*
*Ёд кун аз соати пазмониям.*
*Мӯҳри хамӯши ту мазан бар лабам,*
*Ҳабс макун шавқи ғазалхониям.*
*Кай бувад ин олами пур шӯру шар,*
*Қадр кунад ҳурмати меҳмониям?*
*Баҳри навори хати филми ҳаёт,*
*Нақши ҳунарпешаи қурбониям.*
*Шеър, аниси дили маҳзуни ман,*
*Суйи ғаму ғусса ту мехониям.*

Бале, Аниса гулест аз гулзори Худо ва он муҳаббату ихлоси замираш бешак ӯро ба манзили мурод қариб хоҳад кард. Аз мо дуову дуову дуо!

Ҳоло бо рухе болида ва хотире шод ин ҳарфҳоро рӯйи қоғаз меорам чун баҳонаи зебое дорам барои навиштан. Тӯли чанд моҳ аст, ки мехостам китоби ашъори Аниса рӯи чоп ояд ва сипос ба қиблагоҳи арҷмандам, устоди ДДХ ба номи Академик Б. Ғафуров Саидумрон Саидов, ки дар анҷоми ин кор кумак намуданд ва ба ин васила банда метавонам ваъдаи хоҳаронаву дӯстонаи худро дар назди ин бонуи соҳибсухан адо намоям.

Хеле сипосгузор ҳастам аз Шоири Халқии Тоҷикистон устод Фарзона, ки бо ихлосмандии хоса ва меҳри бемаҳдуд ашъори Анисаи моро пазируфтанд ва ҳатто гуфтанд: “Ба як бор Анисаро дӯст доштам”. Бале, Анисаро, андеши бикру зебояшро дӯст надоштан номумкин аст. Умед дорам давоми зиндагии минбаъда бо ҳидоятҳо ва иноёти Парвардгор қалбаш аз нури хуршеди муҳаббат мунаввартару хотираш аз парешонӣ озод мегардад.

Муташаккирам аз додари донишёру арҷмандам, **Санҷар Абӯнасрпур**, ки ашъори шоираро аз саҳифаи фейсбукии ӯ ҷамъ оварду ба ин тариқ дар анҷоми ин кор мададгорӣ намуд.

Вақте аз Аниса иҷозат пурсидам то аъшорашро ба устод Фарзона нишон бидиҳам ба ман гуфт, ки ин орзуи ӯст. Муборак бод амалӣ гардидани орзуяш ва дуо мекунам, ки расидан ба тамоми умедҳои неку зебои дилаш, ба ӯ муяссар гардад.

*“Ман барои ишқ аз модар ба дунё омадам”,*
*Ҷони ором доштам ҳам сӯйи савдо омадам...*

*Метавонӣ хат занӣ номи маро аз қалби худ,*
*Ман барои дӯстдориҳои боло омадам.*

Бале, ту барои ҳақиқаттарин, яктотарин ва ҷовидонтарин Ишқ ба дунё омадаӣ, шоирон дорои рисолати бузурганд, расонидани муҳаббати Ҷонофарин ба аҳли башар! Ин рисолат туро муборак боду поянда, эй баҳорнажоду баҳорроиҳаву баҳоррухсор, духтари Баҳор, Аниса!

**Санҷар Абӯнасрпур**

## АЗ НАСЛИ ОФТОБ

Шеър василаи эҳё, фарёди бесадо ва тараннуме зебост, ки шоир аз лобалои каломи мавзун онро ба риштаи таҳрир дармеоварад ва шоҳкорҳои мондагоре тасвир менамояду ҳаммосаҳое пойдор меофаринад. Шеър навъе аз илҳом ва лисоне ғайбист, ки соҳибони дидаи басират онро мешиносанду соликони роҳи назокат онро эҷод менамоянд. Бону Аниса аз зумраи ин даста навгулони гулистони мулаввану паҳновари шеъри муосиртарини тоҷикист, ки дурри маънӣ суруда ва каломаш дилнишину рӯҳнавоз аст.

Ӯ дар яке аз рӯзҳои фасли поиз 13 ноябри соли 1998 хонаи завҷи саодатмандеро баҳорӣ намуд ва бо омаданаш шодиву сурурро ба армағон овард. Модари гиромияш ӯро ба хотири ин ки ҳамдами танҳоиҳову аниси дилашон бошад Аниса номгу-

зорӣ намуданд. Аниса дар муҳити созгори поитахт дар канори хонаводаи хушбахту саодатманди хеш оҳиста-оҳиста ба воя расид. Ӯ дар ин шаҳри зебо бо ормону боварҳои самоӣ раҳсипори мактаб шуд ва таҳсилоти ибтидоии хешро ба беҳтарин сурат идома дод. Замоне ки муҳассили синфи ҳаштум буд, дур аз чашми ҳама ба вараќу хома рӯй овард ва кам-кам машқи шеър менамуд. Ӯ ҳанӯз дар айни ҷӯшу хурӯши унфувони ҷавонӣ қарор дорад ва бо ин вуҷуд дар сатҳи ин курраи хокӣ масире басо машаққатбору ҷонгудозро тай намуда аст. Дар даврони наврасии хеш шоҳсутуни хонадон падари меҳрубону гиромии худро гум кард. Пас аз чанде дар унфувони навҷавонӣ модари мушфиқааш низ аз ин дори фонӣ бисоти сафар барбаста ва ба раҳмати Ҳақ пайвастанд. Аниса дар шоҳроҳи пурпечу тоби зиндагӣ ва пайроҳаи бас машаққатбори он таку танҳо бо кӯлаборе аз андӯҳи гарон роҳпаймо гардида ва тамоми эҳсосу авотифи хешро бо шеър ҳамон фарёди бесадо, баён кардааст.

Нигоштаҳои ӯ аз умқи қалбе ба зулолии қатароти борон ва вусъати ҳафт осумон сарчашма мегиранд ва нигоштаҳояш дардҳову ранҷҳои ҷомеаро дар худ инъикос менамоянд. Ин ҷост, ки аҳли адаб ва дӯстдорони каломи мавзун хомафарсоиҳои ӯро хуш пазируфтанд. Ӯ дар ин маврид эътирофи шоиронаи зебое карда, он ҷо ки мефармояд: “Ба ман килке расида то бигӯям шарҳи ин дунё”. Дар ашъори ӯ мазомину маъонии бикру бадеъ, тахайюлоти зариф ва сохтаҳои адабии сершуморе вуҷуд доранд ва сабку услуби нигоришаш мунҳасир ба фард аст.

Бе шак, эҷодиёти бону Аниса ҳосили таровишҳои фикриву зеҳнӣ, эҳсосоту авотиф ва хаёлпардозиҳои адабии ӯст, ки аз лобалои рӯди муссафои оини илоҳӣ, таолиму таҷоруби инсонӣ ва дарсҳои зиндагонӣ маншаъ мегирад. Бону Аниса дар арсаҳои мухталифи шеър табъ озмоӣ карда ниёишҳои кӯдакона, наҷвоҳои ошиқона, замзамаҳои орифона ва дилнавиштаҳои шоиронаи хешро бо сарангушти фикрату завқи шоирӣ ба қадри тавон дар қолаби ғазал, чаҳорпораҳо, мухаммасот, рубоиву муфрадот ва шеъри сапед гунҷонидааст, то ба ин васила битавонад дастагуле навин аз афкору андешаи бикр, эҳсоси ғаму ғуссаву армон ва шодиву нишотро муҳайё созад ва онро ба расми қадрдониву сипос ба кулли некандешони боғи инсоният тақдим намояд.

# МУНДАРИҶА

**Фарзона.** Ҷондоруи ҷон.................................2

## ТУЛӮИ МУҲАББАТ

Ишқ...........................................................13
Хитоб ба дил...............................................14
Чӣ гуна рафт...............................................15
Андешае.......................................................16
Ишқи маҷозӣ... ...........................................17
Хандаи дард.................................................18
Кори ҷаҳон...................................................19
Чашми дил...................................................20
Тақдир..........................................................22
Шикоят........................................................22
Рафту намеояд дигар...................................23
Берангӣ........................................................24
Ёд мекунам... ..............................................25
Хомаву шеър.................................................27
Қарорам ин набуд.........................................31
Андешае........................................................33
Тарҷумаи ҳол................................................34
Субҳи шукрона... ..........................................36
Бояд равам... ...............................................51
Ман...............................................................53
Китоби ишқ... ...............................................54
Арзиш...........................................................61

## ЧАШМАИ САФО

Тазод....................................................................124
Ҳадя......................................................................127
Хандаи дард...........................................................128
Ёдҳо......................................................................129
Сояи дард...............................................................130
Маънои ашк...........................................................131
Шаҳри танҳоӣ........................................................134
Зи ғамҳоят.............................................................135
Ёди ёдҳо................................................................136
Ғамбиёри ношинос.................................................137
Дуои шаб.... .........................................................138
Пас аз рафтаҳо......................................................141
Дуои қалб..............................................................144
Ишқ.......................................................................144
Шаҳри қоғазу хома.................................................148
Дар сугвории ҳувайдои бегуноҳ...........................150
Бе ту......................................................................151
Ману борон...........................................................153
Наомад..................................................................154
Марги дил... .........................................................155
Хитоб... ...............................................................159
Видоъ... ...............................................................160
Ҳама ҷо борон аст.................................................163
Барои модар..........................................................165
Қиссаи ғам.............................................................166
Барои беҳтарин дӯсту ҳамрозам..........................167

## ДАР ПАРТАВИ ОСОРИ БУЗУРГОН

Шукри соле, ки гузашт.................................169
Ҷавонӣ.......................................................171
Марги дил..................................................173
Тирамоҳ.....................................................174

## НОМАИ САДОҚАТ

Андешаи Аниса бо худ.................................184
Бадӣ дунё....................................................185
Худо ҳофиз, эй дӯстам!...............................186

## РЕЗАҲОИ ДИЛ

## САБЗПАЙВАНД

Муҳаббати дурӯғ... ......................................214
Суоле чанд.................................................215
Оби ғам... ..................................................216
Ҳақиқате куҷо?............................................217
Намебахшам, вале худро... ..........................219
Мағлубият... ..............................................223
Модар... ....................................................224
Хатсайри умр... ..........................................225

## ДАРДРЕЗАҲО

Таронаҳои танҳоӣ... ....................................228
Таронаи ҷудоӣ.............................................229
Таронаи шаб...............................................230

Бе ту... ..........................................................230

## НАЗАРИ МУҲАҚҚИҚОНИ ҶАВОН

**Фарзона Саидумронзода.** Духтаре
аз нажоди баҳор............................................234
**Санҷар Абӯнасрпур.** Аз насли офтоб............240

ISBN 978-99975-39-26-7

**Аниса**

# АНИСИ ДИЛҲО

Муҳаррир: **С.Саидов**
Муҳаррири техникӣ: **М.Исобоева**
Мусаҳҳеҳ: **З.Шодмонова**

Ба матбаа 2.12.2019 супурда шуд. Ба чопаш 27.03.2020 имзо шуд. Андозаи коғаз 60х84/16. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи Times New Roman Tj. Супориши № 5548. Ҷузъи чопии шартӣ 15,5. Адади нашр 150 нусха.

Матбааи «Ношир»
735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, кӯчаи ба номи Сейтвелиев, 2
Тел.: (83422) 5-65-95
www.noshir.tj